МАФҲУМҲОИ БУНЁДИИ НАЗАРИЁТИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

МАФҲУМҲОИ БУНЁДИИ НАЗАРИЁТИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Душанбе – 2018

ББК 67. 99+66.61 (2) 8 (2 тоҷик)
С–22

Муаллифон – мураттибон:

Сайидзода Зафари Шералӣ

(Саидов Зафар Шералиевич),

Давлатзода Парвиз, Даминова Арафамоҳ Искандаровна

Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2018. – 422 саҳ.

Дар ин китоб бори аввал ба забони тоҷикӣ мазмуну моҳияти мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат ва консепсияи давлатдории Тоҷикистони муосир баён шудаанд.

Умедворем, ки омӯхтан ва дастури кору амалу зиндагӣ қарор додани ин мафҳумҳои калидӣ ба ходимони ҷамъиятӣ, олимон, омӯзгорон, донишҷӯён ва толибилмон дар пешбурди фаъолияти маърифатию илмӣ ва иҷтимоӣ мусоидат хоҳанд кард.

ISBN 978–99975–56–33–2 © Сайидзода Зафари Шералӣ, 2018

МУНДАРИҶА

1. Ҷомеа 4

2. Давлату давлатдорӣ 109

3. Амният 146

4. Рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ 156

5. Сиёсати хориҷӣ 177

6. Маънавиёт 237

1.ҶОМЕА

ТОҶИКОН ЧУН МИЛЛАТ

Тоҷикон аз азал бо арзишҳои инсондӯстонаву муносибати хайрхоҳона ва меҳнати бунёдкорона шуҳрат ёфтаанд ва бисёр анъанаву суннатҳои неки онҳо ба хазинаи маънавии умумибашарӣ ворид шудаанд.

* * *

Ниёгони мо яке аз куҳантарин тамаддунҳои ҷаҳониро офаридаанд, ки бар пойдевори «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» устувор буд. Гузашта аз ин, онҳо низоми мукаммали давлатдорию идоракунӣ, санъати асили меъморию шаҳрсозӣ, тарзи мутамаддину оқилонаи муносибати байни миллатҳо, эҳтироми озодии мазҳабу равияҳои гуногун ва риояи ойинҳои мухталифи динӣ, инчунин ҷараёну мактабҳои гуногуни илмию фалсафиро ба мерос гузоштаанд. Тоҷикон дар фосилаи дарози таърих бо ҳусни тадбир, ақлу дониш ва хиради азалии худ дар корҳои давлатдорӣ нақши барҷаста бозида, бо фарҳанги оламшумул ва забони шево дар баробари нигоҳ дошта тавонистани ҳастии худ, дар рушду густариши тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштанд.

* * *

Мо имрӯз ифтихор дорем, ки тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин миллатҳои ҷаҳон буда, бо осори гаронбаҳои моддӣ ва маънавии худ барои пешрафти фарҳанг ва маънавиёти халқҳои дигар хизмати шоиста кардаанд.

* * *

Тоҷикон маҳз аз файзу баракати ҳамин арзишҳову анъанаҳои аҷдодӣ тавонистаанд, ки ҳам ҳастии худро нигоҳ доранд ва ҳам дар минтақаи Осиё нақши тамаддунсозиро бозида, дар радифи қадимтарин миллатҳои дунё ҷой гиранд ва худро ба оламиён ҳамчун миллати фарҳангӣ муаррифӣ намоянд.

* * *

Миллати мо бо ҳифзи томи асолат ва ҳувияти миллии худ фарҳанги хосси иҷтимоии ҳамзистӣ, ҳамкорӣ, ҳамбастагӣ ва робитаҳои созандаву фаъоли байниҳамдигариро эҷод кард ва решадор сохт, ки аз баракати он халқҳои Осиёи Марказии таърихӣ бештар дар фазои ҳамкории васеи иҷтимоӣ ва ҳамсоягии нек зиндагӣ карда, ришташои зиёди хешовандӣ ва ҳамқисматӣ пайдо намудаанд.

* * *

Ниёгони тоҷикон низ дар таҳти васояти ин давлати мутамарказ, баробари дигар қавмҳои ҳамреша, ҳамзабон ва ҳамфарҳанги худ, як тақдири муштараки таърихиро бунёд гузоштаанд. Бохтару Суғд ва Хоразму Порт дар қаламрави шарқии ин давлати бузург, чун заробоне, ба густариши сиёсати давлатдорӣ ва тамаддуни ориёӣ мусоидат кардаанд.

* * *

Халқи шарифи Тоҷикистон имрӯз хуб медонад, ки оромию ободии кишвар, зиндагии осуда ва амнияти мардум аз ҳар шаҳрванди миллатдӯсту ватанпарвар вобаста аст.

* * *

Халқи тоҷик, пеш аз ҳама, тавассути фарҳанги оламгири худ симои хешро маҳфуз дошт ва нуфузу мартаба пайдо кард. Мо фарҳанги ниёгонамонро қадр мекунем ва тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳем, ки он минбаъд ҳам ривоҷу равнақ ёбад. Тоҷикон, бо вуҷуди беадолатиҳои зиёди таърих, аз рисолати инсондӯстӣ ва фарҳангпарварии худ ҳеҷ гоҳ даст набардоштаанд. Балки онҳо табиатан миллати фарҳангпарвару башардӯст, созандаву бунёдкор, нексиришту заҳматкаш ва порсою маърифатпарвар буда, аслан ба ягон андешаву ақидаи ирқпарастию

инсонбадбинӣ, таассуби нажодию зӯроварӣ ва фишори сиёсию таъқиботи динӣ такя накардаанд.

* * *

Тоҷикистон Ватан–модари ягонаи тамоми тоҷикистониён аст. Онро бо ваҳдат, ҳамдилию ҳамдастӣ, бо такя ба неруи худ ва захираҳои дохилӣ ба кишвари пешрафтаю шукуфон мешавад табдил дод. Аз ин рӯ бояд тамоми неруҳои интеллектуалии кишвар – олимон, адибон, рӯзноманигорон ва дигар зиёиёни кишвар – бо қудрати эҷодкоронаи худ барои дар атрофи ин ҳадафи воло муттаҳид сохтани мардуми сарзамин ҳамаҷониба кӯшишу талош намоянд. Таҷлили ҷашни 1100–солагии давлатдории Сомониён парчаме гардид, ки мардуми моро ба ваҳдат овард, ҳувияти миллӣ ва ҳисси худшиносии онҳоро боло бурд, оромиву осудагӣ ва сулҳу суботро дар мамлакат пойдор сохт, эҳсоси расидан ба қадри истиқлолияту давлатдории миллиро дар замири сокинони ҷумҳурӣ бедор кард ва раванди бунёдкориву созандагиро ба меъёри ҳаррӯзаи зиндагӣ табдил дод.

* * *

Миллати тоҷик, ки яке аз миллатҳои қадимаи минтақа ва ҷаҳон мебошад, бо дили поку нияти нек бузургдошти тамаддуни ниёгони ориёии худро қайд мекунад.

* * *

Миллати тоҷик дар тӯли таърихи деринааш худро маҳз ба шарофати афкору андеша, забон, илму фарҳанг, расму ойин ва дигар арзишҳои ғоявӣ ба оламиён ҳамчун халқи фарҳангсозу башардӯст, сулҳпарвару озодихоҳ ва хайрхоҳу таҳаммулгаро муаррифӣ кардааст.

* * *

Мо – наслҳои имрӯзаи тоҷикон – ки масъулияти тақдири давлат ва миллатро ба дӯши хеш гирифтаем, бояд халқамонро ҳамеша дар муттаҳидӣ нигоҳ дорем ва ба бунёдкориву созандагӣ раҳнамун созем.

* * *

Андешаи миллӣ маҳсули ақли солим, хирадӣ азалӣ ва ҳикмати чандинҳазорсолаи миллатамон буда, тавассути он тоҷикон худро ҳамчун миллат ҳифз кардаанд, фарҳанги оламшумул офаридаанд ва дар асри ХХ боз ба соҳибистиқлолӣ расидаанд. Тоҷикон, ки аз аҳди бостон то имрӯз ҳамчун миллати сулҳхоҳу адолатпарвар маъруфанд, ҳеҷ гоҳ ҷангу низоъ ва муқовиматҳоеро, ки боиси бехонаву макони зист мондани мардуми осоишта ва нобуд шудани осори қадимаи халқу миллатҳо мегарданд, ҷонибдорӣ намекунанд, баръакс, чунин амалҳои нанговару харобиоварро ҳамеша маҳкум менамоянд.

* * *

Тоҷикон аз ҷумлаи миллатҳои хушбахтанд, ки тақдири имрӯзу фардои давлату ватани худро дар ихтиёр доранд.

* * *

Мо аз таърихи пурифтихори халқамон хуб медонем, ки амалҳои созандаву бунёдкорона ва эҷодкориву офарандагӣ фазилати муҳимтарину хосаи миллати тоҷик буда, ҳунару санъати шаҳрсозиву шаҳрдории тоҷикон аз умқи асрҳо сарчашма мегирад.

* * *

Тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд.

* * *

Тоҷикон ҳамчун халқи куҳанбунёд дар тӯли таърих бо бузургону фарзонагони илму фарҳанги оламгир, фарзандони ҷасуру фидоӣ ва содиқу сазовори номи неки миллат соҳиби шуҳрати ҷаҳонӣ гардидаанд.

* * *

Баландии мартаба ва сатҳи фарҳангиву маънавии миллати мо аз ҳамин низ маълум аст, ки

дар байни шоирону нависандагон, олимону ҳунармандон занон низ кам набуданд.

* * *

Таърихи начандон тӯлонии даврони соҳибистиқлолии Ватанамон возеҳан собит намуд, ки мо – тоҷикон – мардуми табиатан ва воқеан офарандаву созанда, фарҳангдӯсту сулҳпарвар ва солору таҳаммулгаро ҳастем ва маҳз ба шарофати ҳамин хислатҳои нек мо аз гирдоби ҳалокатбор ва пурихтилофу пуртазоди солҳои 90–уми асри гузашта раҳоӣ ёфтем.

* * *

Тоҷикон табиатан мардуми олиҳиммат ва куҳанфарҳанганд ва ин сифатҳо дар сиёсати давлати мо, ки аз оғози истиқлолият сиёсати «дарҳои боз»–ро пеш гирифтааст, таҷассум ёфтаанд. Ҷавҳари ин сиёсат ба роҳ мондани ҳамкориҳои мусбат ва таҳкими пайвандҳои дӯстӣ бо ҷаҳони беруна аст, ки бар манфиати муштарак ва эътимоди мутақобил асос мегиранд.

* * *

Барои мо ҷойи ифтихор аст, ки тоҷикон аз ҷумлаи халқҳое мебошанд, ки дар офариниши тамаддуни башарӣ саҳми арзандаву босазо доранд. Тоҷикон дар тӯли таърихи куҳанбунёди худ фарҳанги баланд ва тамаддуни моддиву маънавии ҷовидона ба вуҷуд

овардаанд, ки ҷаҳониён онро эътироф ва истифода мекунанд.

* * *

Тоҷикон, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ бисёр даврaҳои печидаву мушкилро пушти сар кардаанд, дар ҳама давру замонҳо аз таҳаммулгарой ва маслиҳату муколама кор гирифта, борҳо собит сохтаанд, ки бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоту низоъҳо ва ба ҳам муқобил гузоштани ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухталиф метавонад на танҳо сабабгори фасоди ахлоқ ва халалдор гардидани фарҳангу тамаддунҳо, балки шикасти давлатҳо низ гардад.

* * *

Аҷдоди пуршарафи тоҷикон – мардони ориёӣ – ҳанӯз се ҳазор сол пеш барои ба ҷо овардани эҳтироми занону модарони худ ҷашни хосае доштаанд.

* * *

Мусаллам аст, ки гузаштагони мо – тоҷикон – аз азал фарҳангдӯсту тамаддунсоз буданд. Мо имрӯз бо адабиёти оламгири миллати худ, ки ганҷинаи илму адаби оламшумул аст, ифтихор менамоем. Тоҷикон – ҳамчун яке аз қавмҳои қадимаи мардуми ориёинажод – соҳиби таърихи беш аз панҷҳазорсолаи тамаддун ва фарҳанги давлатсозиву давлатдорӣ мебошанд.

* * *

Мо, тоҷикон, миллати фарҳангӣ ва дорои суннату анъанаҳои неки чандинҳазорсола ҳастем.

* * *

Дар тӯли асрҳои зиёд аҷдоди хирадманди мо дар қаламрави зисти худ ва ҳатто берун аз он, дар саргаҳи инқилобҳои бузурги зеҳниву ақлӣ қарор доштаанд ва эҷодгарони фарҳанги пешрафта, бунёдгузорони давлатҳои соҳибқудрат ва муназзам, муаллифони осори ҷовидонаи илмҳои фалсафа, ҳуқуқ, тиб ва табиатшиносӣ будаанд, ки ин осор садсолаҳои дароз хизмати инсониятро ба ҷо оварда ва имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодааст.

* * *

Тоҷикон аз қадим ҳамчун мардуми хирадпешаву фарҳангофарин шуҳрат пайдо кардаанд. Боиси ифтихор аст, ки расму ойини наврӯзӣ низ бо мурури замон аз ҷониби мардуми сарзаминҳои ҳамҷавор эътироф ва қабул гардидааст.

* * *

Манбаъҳои таърихӣ собит менамоянд, ки тоҷикон аз ҷумлаи халқҳои қадимтарини дунё буда, бо шаҳрсозиву шаҳрдории худ дар инкишофи тамаддуни башарӣ саҳми арзанда доранд. Дар қатори даҳҳо шаҳрҳои бостонии Осиёи Марказӣ, ки

бо маҳорат ва завқи баланди шаҳрсозии ниёгони мо бунёд шудаанд, шаҳрҳои куҳани қаламрави Бохтару Хатлони қадим маҳсули заҳмату ҳунар ва санъати волои меъмории онҳо буда, дар таърихи миллати мо нақши муҳимро касб кардаанд.

* * *

Ниёгони мо на танҳо дар соҳаҳои илму адабу таъриху фалсафа, балки дар таҳқиқ ва эҷоди бахшҳои гуногуни улуми динӣ, бахусус тафсири Қуръони маҷид, ҳадис, илмҳои калом ва фиқҳ, аз пешоҳангони тамаддуни исломӣ буданд.

* * *

Тоҷикон табиатан мардуми боистеъдод ҳастанд ва фитрати эҷодкорию офарандагӣ доранд. Онҳо дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърих низ фазилати фарҳангдӯстона, неруи созанда ва заковати бунёдкории худро нигоҳ доштаанд. Мо, тоҷикон, ки барҳақ яке аз миллатҳои қадимаву соҳибфарҳанги дунё ҳастем ва нақши тамаддунсозии моро оламиён эътироф кардаанд, аз он ифтихор дорем, ки дар давоми чандин ҳазорсолаи умри миллатамон занону модарони оқил, баномус ва соҳибхирад дар паҳлуи мардони корзори сарбаландиҳо ва фатҳу кушоишҳо будаанд ва барои озодиву истиқлолияти сарзамини аҷдодӣ далерона талошу мубориза кардаанд.

* * *

Тоҷикон дар ҳақиқат яке аз миллатҳои куҳанбунёди дунё, фарҳангсозу хирадманд ва сулҳҳоҳу ботаҳаммул мебошанд.

* * *

Мо, тоҷикон, ки таърихан миллати фарҳангсозу сулҳпарвар ҳастем, зиндагии осоишта, тарзи ҳаёти озоду ором ва меҳнати созандаю бунёдкоронаро мақсаду мароми ҳамешагии худ ҳисобида, ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ пеш меравем.

* * *

Тоҷикон аз азал бо арзишҳои инсондӯстонаву муносибати хайрхоҳона ва меҳнати бунёдкорона шуҳрат ёфтаанд ва бисёр анъанаву суннатҳои неки онҳо ба хазинаи маънавии умумибашарӣ ворид шудаанд.

Ниёгони мо бо талқини афкори пуразиши «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» беҳтарин ва равшантарин орзуву омоли инсоният ва рукнҳои ахлоқи ҳамидаро басо орифона ифода намудаанд, ки ин каломи пурҳикмат дар тӯли асрҳо барои ташаккули арзишҳои солими башардӯстона хидмат кардааст. Миллати фарҳангсолори тоҷик аз замонҳои қадим тавассути осори адабии олимону

донишмандонаш ба ҷаҳониён ганҷинаи бебаҳои панду андарз ва донишу таҷрибаро додааст.

* * *

Бузургони миллати тоҷик низ аз қадим инсониятро ба омӯхтани илму дониш ҳидоят намуда, пос доштан ва эҳтиром гузоштан ба аҳли илму маорифро аз бузургтарин хислатҳои неки инсонӣ номидаанд.

* * *

Аз саҳифаҳои таърихи миллати тоҷик бармеояд, ки мардуми соҳибдавлати тоҷик дар ҳама давру замонҳо ба хотири ободии диёр, ҳимояи марзу буми он ва раҳоӣ ёфтан аз мушкилот ҳамеша сарҷамъу муттаҳид шуда, Ватани худро соҳибӣ кардааст ва миллатро аз вартаи парокандагӣ наҷот бахшидааст.

* * *

Маҳз шарофати тамаддуни пешрафта, суннату ойинҳои дорои ҷанбаи ҳаётӣ, тафаккури зиндагисоз ва маърифати баланди ақлонии ниёгони мо буд, ки онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарият – аз Зардушту Монӣ сар карда, то Рӯдакиву Фирдавсӣ, Абӯалӣ Синову Носири Хусрав, Шайх Аттору Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷомиву Сайидо – садҳо нобиғаи илму адабу фарҳангро ато кардаанд.

* * *

Ниёгони хирадманди мо бо донишу андеша ва осори ҷовидонаи худ ба тамаддуни исломӣ хизматҳои шоиста карда, дар пешрафту густариши дини мубини ислом, ташвиқу тарғиби он ва ваҳдату иттиҳоди мусулмонон саҳми арзанда гузоштаанд.

* * *

Андешаи миллии тоҷикон аз тамаддуни ориёӣ ва таълимоти Авасто ибтидо гирифта, дар ойини деринаи давлатдорӣ ва афкори мутафаккирони даврaҳои гуногуни таърихӣ мақоми хосса дорад.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)

* * *

Хотиррасон кардани ин ҳақиқат, ки расидан ба истиқлоли миллӣ дар охирин даҳаи садаи бист барои миллати тоҷик на оғози давлатдорӣ, балки бозгашт ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ аст, хеле муҳим мебошад. Тоҷикистони имрӯз ҳамчун давлати соҳибистиқлол шакли эҳёшудаи Давлати Сомониён аст, ки ба иллати ҳаводиси таърих зиёда аз як ҳазору сад сол пеш аз арсаи сиёсати ҷаҳонӣ фурӯ

афтод. Давлати Сомониён, дар навбати худ, шакли идомаёфтаи Давлати Сосониён буд, ки низ замоне бар пояи усули давлатдории Империяи Ҳахоманишӣ бунёд гашта буд. Тоҷикони Моваруннаҳр ва Хуросон, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ «порс» номида мешаванд ва дар замони ҳукмронии арабҳо номи «тоҷик»–ро гирифтанд, ҳамон ориёиҳое ҳастанд, ки ҳамеша омили давлатҳо ва империяҳои бузург буданд, ки дар дунёи бостон ба вуҷуд омадаву фурӯ пошидаанд.

Ҳамон тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон иброз доштааст, ифтихори тоҷикон аз решаҳои ориёии худ ҳаргиз маънои рӯҳияи истисногароӣ ё бартариҷӯӣ ё, бадтар аз ин, нажодпарастӣ доштани тоҷикон набуда, як ҳисси одии ба ҳар инсон хосси қаноатмандиву ризоят аз ҳувияти таърихии худ аст. Оё боиси ифтихору ризояти мо – тоҷикону эрониёну афғонистониён – нест, ки маҳз ниёгони мо – ориёиёни бостон – на танҳо поягузори давлатҳо ва империяҳои аввалин дар ҷаҳон, балки эҷодкори нахустин эъломияи ҳуқуқи башар мебошанд?!

Устувонаи Куруши Бузург, ки ҳамчун нахустин эъломияи ҳуқуқи башар шинохта шуда, дар соли 1971 Созмони Милали Муттаҳид онро ба ҳамаи забонҳои расмии Созмон мунташир кардааст, нишонаи он аст, ки ниёгони мо нахустин бунёдгузорони ҳуқуқи башар, яъне низоми

демократӣ ва дипломатия дар ҷаҳон, ба ҳисоб мераванд. Дар бахше аз ин дастур аз забони Куруши Бузург омадааст: «Артиши бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд, нагузоштам ранҷу нороҳатӣ ба мардуми ин шаҳр ва ин сарзамин ворид шавад. Онҳоро аз зери юғи асорат хориҷ сохтам, ба бадбахтиҳои онон поён бахшидам ва мо ҳамагӣ шодмона ва дар роҳи сулҳу оштӣ мақоми баланди худовандгори бузургро сутудем. Ман ҳамаи шаҳрҳоеро, ки вайрон шуда буданд, аз нав сохтам».

Фарҳанги инсондӯстӣ ва рӯҳияи некукории ориёиҳоро бисёре аз бузургони илму адаби ҷаҳон сутудаанд. Донишманд ва шоири баландовозаи олмонӣ Гёте сахт фирефтаи гуфтору сурудаҳои Зардушт буд ва ӯро марди бисёр бузург ва навиштаҳояшро шукӯҳманд бознамуд кардааст. Гёте Зардуштро хирадманде ба шумор меоварад, ки ҷаҳон камтар ҳаммонанди ӯро дидааст. Ӯ дар навиштаҳояш дар бораи Зардушт аз ӯ ҳамчун пешвои маънавие ном мебарад, ки ҳамвора дар андешаи хушбахтию осоиши мардум будааст ва ҷуз ростӣ ва покдилӣ сухан нагуфтааст.

Таърихнависи бузурги юнонии замони бостон Ҳеродот, ки пас аз асре аз даврони Куруши Бузург зиндагӣ кардааст, дар бораи ин абармард чунин менависад: «Ҳеҷ порсе ёфт намешавад, ки

битавонад худро бо Куруш муқоиса кунад. Аз ин рӯ ман китобамро дар бораи порсиён ва юнониён навиштам, то кирдорҳои шигифтангезу бузурги ин ду миллати азим ҳеҷ гоҳ ба фаромӯшӣ супурда нашаванд. Куруш сардори бузург буд. Дар замони ӯ порсҳо аз озодӣ бархӯрдор буданд ва бар бисёре аз миллатҳои дигар фармонравоӣ менамуданд, ба илова, ӯ ба ҳамаи миллатҳое, ки зери фармонравоии ӯ буданд, озодӣ мебахшид ва ҳама ӯро ситоиш мекарданд».

Файласуф ва таърихнигори аҳди бостон Ксенофонт дар бораи Куруш чунин навиштааст: «Куруш нобиғаи бузург, инсони воломаниш, сулҳталаб ва нексират буд. Ӯ дӯсти инсонҳо ва толиби илму ҳикмату ростӣ буд. Куруш ақида дошт: пирӯзӣ бар кишваре ин ҳақро ба кишвари ғолиб намедиҳад, ки ба ҳар зулму кори ғайриинсонӣ даст занад. Ӯ барои дифоъ аз кишвараш, ки ҳарсола мавриди тохтутози бегонагон қарор мегирифт, империяи қудратманд ва инсониро поя гузошт, ки собиқа надошт. Ӯ дар набардҳо кишоварзону афроди ғайринизомиро ба оташи ҷанг намекашонд. Ӯ миллатҳои мағлубро шефтаи худ кард, ба сурате ки қавмҳои шикастхӯрда, ки Куруш ононро аз дасти подшоҳони худкома наҷот дода буд, вайро худовандгор меномиданд. Ӯ бартарин марди таърих, бузургтарин, бахшандатарин, покдилтарин инсони ин замон буд».

Ниёгони мо аз замонҳои бостон ба кишварҳои ҳамсоя эҳтиром мегузоштанд ва истиқлоли онҳоро ба расмият мешинохтанд ва то замоне, ки кишваре бо сарзаминашон сари ҷанг намебардошт ва даст ба ғорату чаповули мардум намезад, бо он кишвар равобиту бархӯрди сулҳҷӯёнаву мадорохоҳона доштанд. Зеро ҷавҳари ахлоқию инсонии ориёиён покӣ, ростӣ, некӣ, бахшояндагӣ ва муносибати дӯстонаву самимона бо ҳамнавъон буд.

Ба гувоҳи таърих ва таҳқиқоти илмии анҷомшуда бар асоси бозёфтҳои таърихии бадастомада, нахустин бор дипломатияи байналмилалӣ дар ҷаҳон аз сӯи давлати Ҳахоманишӣ дар робита бо кишвари Юнон ба кор гирифта шуд ва дар он тамомии усули байналмилалӣ ва дипломатӣ риоят шудааст. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки бунёдгузорони дипломатияи сиёсии байналмилалӣ низ ниёгони мо будаанд.

Давлатҳои Ҳахоманишӣ ва Сосониён бо кишварҳои замонашон, аз ҷумлаи Юнон, Рум, Бобул, Миср, Ошур, Чин ва ғайра, равобит ва додугирифти бозаргонӣ доштанд. Давлати Сомониён равобити тиҷоратии хориҷии фаъол бо Хазарҳо, Булғористон, Чин ва Рус дошт.

Овардани суханони **роҳбари Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 1922–1953 И.В. Сталинро**, ки яке аз огоҳтарин шахсиятҳои замони худ буд ва бар тавсифу таърифи миллате ё шахсе хеле кам сухан

гуфтааст, лозим мешуморем: **«Тоҷикон миллати хоссе ҳастанд. Онон куҳантарин миллати Осиёи Миёна мебошанд. Маънои тоҷик тоҷдор аст. Ва тоҷикон арзанда будани худро ба ин ном собит кардаанд.**

Дар миёни миллатҳои ғайрируси мусулмони Иттиҳоди Шӯравӣ тоҷикон танҳо миллати ғайритурк буда, эронинажод мебошанд. Тоҷикон миллате ҳастанд, ки андешаву фарҳангашон шоири бузурге чун Фирдавсиро зодаву парвардааст.

Тоҷикон дорои фарҳанги бостонӣ, истеъдоди баланди ҳунарӣ, ҳисси зариф ҳастанд, ки дар осори мусиқӣ, таронаҳо ва рақсу вашташон ошкор аст.

Тоҷикон як миллати ғайриодӣ, соҳиби фарҳанги бузургу қадимӣ ҳастанд ва дар шароити давлати шӯравии мо ононро ояндаи бузурге дар интизор аст. Ва кумак кардан ба онон дар ин амр вазифаи тамоми халқи Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад».

Ҳақ ба ҷониби ин сиёсатмадори бузург аст. Мо, тоҷикон, бозмондагони ориёиён, Тоҷикистон – мероси муқаддаси ниёгонамонро бо корбурди ҳушу хираду фитрати фарҳангофаринӣ ва давлатофаринӣ, ки аз ниёгонамон ба мерос гирифтаем, дар роҳи расондан ба ояндаи бузург қадам мезанем. Он ояндаи бузурге,

ки оғозаш рӯзи 9 сентябри соли 1991 гузошта шудааст.

9 сентябри соли 1991 дар таърихи миллати тоҷик рӯйдоди бузургу хуҷастае ба вуқӯъ пайваст – Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли худро эълом кард ва ҳамчун давлати мустақил вориди саҳнаи сиёсии ҷаҳон гардид. Акнун роҳбарони ҷумҳурӣ ва нахбагони сиёсиро лозим буд, ки бо истифодаи комил аз ин фурсати мусоиди таърихӣ пояҳои давлати навбунёди худро устувор сохта, барои баровардани ниёзу ормонҳои мардум самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии давлатро – бар асоси анъанаю суннатҳои дерини давлатдории миллии хеш – тарҳрезӣ намоянд ва Тоҷикистонро дар масири рушду тавсеа пеш баранд.

Тоҷикон бо бархӯрдорӣ аз мероси бузурги фарҳанги давлатдорӣ, ки аҷдоди хирадмандашон якчанд давлатҳои бузурги дорои дастгоҳҳои муназзамро поягузорӣ кардаанд ва бо хиради азалӣ ва тафаккури созанда ҳамаи имконро доштанд, ки дар кӯтоҳтарин муддат дар роҳи табдил додани Тоҷикистон ба кишвари воқеан соҳибистиқлол – бо тамоми мушаххасоти давлати демокративу ҳуқуқбунёду дунявӣ – муваффақ шаванд. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ, ки бо иғвою фитнаи бегонагон дар хоки муқаддаси Тоҷикистон даргирифт, ҳаллу фасли ин масъалҳои муҳимро ба таъхир андохт. Танҳо пас аз баргузории Иҷлосияи сарнавиштсози XVI Шӯрои

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба сари қудрати сиёсӣ омадани Эмомалӣ Раҳмон бунёду устувор сохтани пояҳои давлатдории навин аз сар гирифта шуд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 1992 ба марҳалаи гардиши куллӣ дар таърихи навини Тоҷикистон – даврони поягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати соҳибистиқлол, – оғоз бахшид. Ин марҳала дар таърихи навини Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи талошҳои ҷиддӣ дар роҳи хотима бахшидан ба ҷанги бародаркушӣ, сарҷамъ намудани миллати тоҷик ва фароҳам овардани заминаҳои ваҳдати миллӣ, поя гузоштан ба низоми сифатан нави давлатдорӣ дорои аҳамияти бузург аст.

(Аз китоби: Сайидзода Зафари Шералӣ. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 саҳ.)

ЗАНОН ВА БОНУВОН

Зан–Модар масдари наслҳо ва меҳвари ҳар як оила аст.

* * *

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ҳифзи тандурустии аҳолӣ, саломатии модару кӯдак ва пиронсолон мебошад.

* * *

Мо умед дорем, ки занону модарони арҷманди мо рисолати муҳими иҷтимоии худро, чун ҳарвақта, амиқ дарк карда, барои ташкили оилаи солим, тарбияи фарзандони солеҳу хушахлоқ, соҳибмаърифату донишманд ва ташаккули ҷомеаи ободу озод ҳиссаи арзишманди худро мегузоранд. Дар тамоми таърихи тӯлонии миллати тоҷик низ рисолати офарандагиву тарбиятгарӣ, рӯҳи озоду иродаи қавӣ, афкори наҷибонаю одоби ҳамида ва муҳаббату садоқати бепоёни зан–Модар дар осори бузургони гузаштаву муосири тоҷик ситоиш гардидааст.

* * *

Умед дорам, ки ҳар як фарди бонангу номуси Ватан дар тарғиби арзишҳои муқаддаси оиладорӣ ва баланд бардоштани фарҳанги хонаводагӣ саҳми муносиб мегузорад ва, ба ин восита, мақоми зан–

модарро, ки нуру зиёи ҳаёт ва асоси бахту нишоти зиндагӣ мебошад, боз ҳам баланд мебардорад.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати таъмини мавқеи устувори зан–модар дар ҷомеа ҳамаи имкониятҳоро фароҳам оварда ва занони қавииродаву боҷасорати моро ба арсаи васеи сиёсат ворид намуд.

* * *

Занони кишвари мо низ ба мисли занони давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба зиндагии хубтаре ҳақ доранд ва ман итминони комил дорам, ки ин орзуҳо зина ба зина амалӣ хоҳанд гардид.

* * *

Мо ҷашни бонувонро махсус Рӯзи модар ном ниҳодем, то ки эҳтироми амиқу арҷгузории хосаи худро ба бузургиву зебоӣ ва азамату олиҳиммати модарони поксиришту офарандагони ҳаёти инсонӣ собит созем. Зеро аслу ҷавҳари Рӯзи модарро муҳаббату самимият, покиву садоқат ва ҳурмату эҳтироми беандоза нисбат ба зан–модар ташкил медиҳанд.

* * *

Зан–модар, ба мисли баҳор, пурнакҳату муаттар, сабзу хуррам ва шодобу шукуфо буда, бо оғози фасли баҳор ва арафаи соли нави аҷдодӣ,

яъне ҷашни Наврӯз, тавъам омадани Рӯзи модар дар кишвари зебову офтобии мо рамзи нек аст. Яъне соли нави мо бо арҷ гузоштан ба мақому манзалат, қадру қимат ва ҳурмату эҳтироми модарону занони иззатманду меҳрубони мо шуруъ мешавад.

* * *

Худованд ба зан–модар қудрате ато намудааст, ки офарандаи зиндагӣ ва чароғи ҳар хонадон бошад. Пайғамбари ислом биҳиштро зери қадамҳои модарон гузошта, меҳри саршор ва муҳаббати гарми модарро бо файзу раҳмати Худованд баробар донистааст.

* * *

Мо вуҷуди муқаддаси модарро аз аввалин лаҳзаҳои ҳаёт то дами вопасин фаромӯш намекунем ва ӯ ҳангоми шодиву нишот ва ғаму андӯҳи зиндагӣ ҳамеша ҳамроҳи мост. Тарбияи ибтидоӣ, ки марҳалаи аз ҳама муҳими умри инсонӣ мебошад, маҳз ба заҳмати модар ва муҳаббати ӯ вобаста аст.

* * *

Сатҳи маърифати ҷомеа ва нуфузу эътибори он аз рӯйи муносибат ба зан, ба модар муайян карда мешавад, аз рӯйи он арзёбӣ мегардад, ки занон то чӣ андоза соҳибмаърифату соҳибкасбанд ва то чӣ андоза дар ҳаёти ҷомеа фаъол мебошанд.

Модарон сарчашмаи ҷовидонаи ҳаёт ва офарандаи хушбахтӣ ва нуру зиёи зиндагӣ ҳастанд.

* * *

Имрӯз зани тоҷик на танҳо модари мушфиқу меҳрубон ва ғамхори ҳамешагии оила аст, балки, пеш аз ҳама, шахсият ва узви комилҳуқуқи ҷомеа, роҳбари кордон, ҷамоатчии фаъол ва фарди созандаю бунёдгари давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии мост.

* * *

Занону модарони тоҷик, дар баробари ба дунё овардану тарбия кардани фарзанд, бо поктинативу инсондӯстӣ, нексириштиву фарҳангпарварӣ ва созандагиву заҳматписандӣ дар амри хайри ободонии сарзамини аҷдодиямон саҳми шоиста доранд. Нақши модар махсусан дар тарбия, омӯхтани забон, таъриху фарҳанг, донишҳои муосир ва, умуман, камолоти маънавию ахлоқии фарзанд барҷаста ва ҳатто муайянкунанда мебошад.

* * *

Шарти нахустини тарбияи фарзанди солеҳ мавҷудияти сафою покизагӣ, раҳму шафқат ва дӯстиву дӯстдорӣ миёни падару модар мебошад. Эҳтирому меҳрубонии мутақобила ва риояи ҳуқуқи ҳамдигар аз ҷониби падару модар дар зеҳни

фарзанд эҳтиром ба шахси худ, эҳтиром ба инсон ва эҳтиром ба ҷамъиятро парвариш медиҳад.

* * *

Нақш ва мақоми зан дар ҳамаи давру замонҳо дар ҳаёти ҷомеаи башарӣ ҳамчун офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо ва низомбахши рӯзгор ниҳоят бузург аст. Гузашта аз ин, зан–модар мураббии аҳли башар ва нахустустоди инсон мебошад.

* * *

Пос доштани иззату эҳтироми модар ва арҷ гузоштан ба мақому манзалати ӯ қарзи муқаддаси ҳар як инсон буда, подоши заҳмату бедорхобиҳои модар фақат аъмоли писандида, рафтори шоиста ва фазилатҳои неки ҳар як фарди солимфикр ва бонангу номус аст.

* * *

Занону модарони тоҷик тараннумгари зебоӣ, нигаҳдорандаи меҳру муҳаббат ва идомабахши ойинҳои неки гузаштагон буда, дар замири фарзандон меҳри Ватан, падару модар, эҳтироми калонсолон ва арҷ гузоштан ба инсониятро ҷой медиҳанд ва чун боғбони насли одамӣ онҳоро парвариш менамоянд. Занону модарони тоҷик ҳамсафу ҳамқадами замон буда, рисолати модариву қарзи шаҳрвандии худро дар густаришу такмил додани арзишҳои наҷибу волои инсонӣ, бахусус дар

рӯҳияи баланди ватанпарастӣ тарбия намудани фарзандон, талқини андеша ва ҳувияти миллӣ, таҳкими худогоҳиву худшиносӣ ва ватандориву ватандӯстӣ, бо камоли масъулият адо менамоянд ва сазовори эҳтироми аҳли ҷомеа мебошанд.

* * *

Агар нури офтоб ҷаҳонро файзу хуррамӣ бахшад, пас зан–модар бо меҳру муҳаббат ва раҳму шафқати хеш сарчашмаи зиндагӣ ва гармии ҳар як хонавода аст. Дар ситоиши зан–модар то имрӯз ҳазорон асари саршор аз меҳру муҳаббат эҷод гардида, симои зани тоҷик ҳанӯз дар аввалин китобҳои мардуми куҳанбунёди мо ҳамчун фарди озоданажоду озодихоҳ, зебову зебоипараст, донишманду фарҳангдӯст, диловару гурдофарид, ватандору ватанпараст ва ҳунарманду кадбону тасвир ёфтааст. Ҳадаф аз тадбирҳои танзими оила, пеш аз ҳама, ҳифзи саломатии занону модарон, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва таҳким бахшидани мавқеи онҳо дар ҷомеа, инчунин тарбияи насли солим ва ташкили оқилонаи оила мебошад.

* * *

Мо бо ифтихор ва такрор ба такрор мегӯем, ки модари тоҷик ҳазорҳо фарзандони бонангу номус, паҳлавону ҷасур, хирадманду фарзона ва фидокору номбардори миллатро ба дунё оварда, дар домани

муҳаббати худ тарбия карда, ба камол расонидааст ва онҳоро дар роҳи хайри хизмат ба инсоният дуо додааст.

* * *

Дӯст доштан, эҳтиром кардан, ба қадри ранҷу заҳмат ва меҳру муҳаббати модар расидан қарзи инсонии ҳар як фарзанд аст. Беҳуда нест, ки дар таърихи ҳамаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ эҳтироми волидайн яке аз меъёрҳои меҳварии ахлоқӣ буда, мақому мартабаи модар аз ҳама баланд аст.

* * *

Нақши занони бофарҳангу соҳибмаърифат дар ташвиқу тарғиби пойдории оила ва ҷомеаи солим, инчунин иштироки онҳо дар таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар назаррас мебошад. Аз ин рӯ сол то сол шумораи занон дар низоми хизмати давлатӣ меафзояд.

* * *

Бузургии зан–модар, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиякунанда ва ба камолрасонандаи фарзанд, инчунин нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошад.

* * *

Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад. Ба таъбири дигар, зан–модар олиҳаи зебоӣ, манбаи меҳру муҳаббат ва раҳму шафқат буда, ҷаҳонро бо озодагиву нафосат ва назокату малоҳати худ рӯҳи тоза мебахшад.

* * *

Яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсияти кӯдак мавқеи тарбиявии падару модар мебошад, ки тарзи умумии тарбияро муайян менамояд. Роҳи асосии таъсиррасонии калонсолон ба ташаккули шахсияти кӯдак ба онҳо омӯзондани меъёрҳои ахлоқист. Рафтору муносибатҳои калонсолон метавонанд барои кӯдак чун намуна хизмат кунанд. Дар ситоиши зан–модар волотарин суханҳо гуфта шудаанд. Симои зани зебопарасту озоданажод, диловару мубориз, бонангу номус, далеру шуҷоъ, ватандӯсту ватанпараст, озодихоҳу адолатпарвар ва кадбонуву ҳунарманди тоҷик ҳанӯз се ҳазор сол қабл дар матнҳои суғдиву паҳлавӣ ба таври барҷаста тасвир ёфтааст.

* * *

Бузургии зан–модар дар хислати ӯ таҷассум меёбад. Агар чунин намебуд, дар китоби муқаддаси Қуръони маҷид яке аз сураҳои калонтарин, яъне

Нисо, ки саросар дар бораи зан ва ҳуқуқҳои ӯ оят омадааст, нозил намешуд.

* * *

Мо ҳама бояд хуб эҳсос ва дарк намоем, ки ободии Ватан аз ободии ҳар як хонадону ҳар як оила ва ҳар як манзили истиқоматӣ ибтидо мегирад. Ободии хонадон ба солимии ҷисму рӯҳ, дунёи маънавӣ, маърифат, ҳунари кадбонугӣ, ҳавсала ва завқи бадеии зан–модар вобаста аст.

* * *

Дар дини мубини ислом зан–модар дар пояи баланд қарор дорад. Китоби осмонии мусулмонони олам – «Қуръон»–и маҷид – ба мақоми зан, ҳимояи ҳуқуқ ва қадри иҷтимоии ӯ баробар бо мардон арҷ мегузорад.

* * *

Нахустин мураббӣ ва муаллими фарзанд модар аст. Ба ибораи дигар, зан–модар миллат, вориси он ва ҳомии Ватанро тарбия менамояд. Аз ин рӯ бояд занон соҳибмаърифат ва, тибқи таомули шарқӣ, хушодобу хушрафтор, хушгуфтору хушкирдор ва барои тарбияи хуби фарзандон, ба ҳаёти мустақилона ҳаматарафа омода кардани онҳо, пеш аз ҳама, худашон дорои донишу малакаи кофӣ, ҷаҳонбинии васеъ бошанд.

* * *

Дар ҳар оила, дар тамоми ҷомеа бояд рӯҳияи эҳтироми беандоза нисбат ба зан–модар ба вуҷуд оварда шавад, мақоми ӯ ҳамеша баланд бошад, ҳуқуққояш ҳаргиз поймол нагарданд. Ин суннати муҳимтарини ҷомеаи мутамаддин аст ва мо бояд ҳатман онро ба ҷо оварем.

* * *

Занону модарони мо хазинаи бебаҳое мебошанд, ки тамоми қувваи худро барои тарбияи фарзандони соҳибмаърифату ватандӯст, дорои ахлоқи ҳамида ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо сарф месозанд. Ҳадиси ҷовидонаи Пайғамбари ислом – «Биҳишт зери қудуми модарон аст» – тамоми мусулмононро даъват мекунад, ки дар ҳама ҳолат зан–модарро ҳамчун сарчашмаи ҳаёт эҳтиром ва қадршиносӣ намоянд.

* * *

Ҷомеае, ки ба зан–модар ғамхорӣ менамояд, ба ояндаи худаш ғамхорӣ мекунад. Давлате, ки нисбат ба зан–модар – сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсонӣ – бепарво бошад, ояндаи худро аз даст медиҳад.

* * *

Меҳри модари мушфиқу ғамхор барои ҳар як фарзанд аз оғӯши гаҳвора ва айёми тифлӣ оғоз ёфта, ӯро то лаҳзаҳои вопасини умр раҳнамоӣ мекунад ва мадору қувват медиҳад. Яъне бӯйи биҳиштии модар ва лаззати шири поку сафедаш аз машоми фарзанд ҳаргиз зудуда намегарданд. Модар вуҷуди муқаддас аст ва зиндагӣ аз ӯ ибтидо мегирад. Зан–модар олиҳаест, ки нуру зиёи олам ва гармии зиндагӣ аз ӯст.

* * *

Модар ягона мавҷудест, ки инсон меофарад ва, тавре ки бузургон гуфтаанд, бо як дасти худ гаҳвора ва бо дасти дигараш сайёраро меҷунбонад.

* * *

Модар офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерубахши руҳу ҷон мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми тоҷик ва, умуман, аҳли башар ба ин тимсоли беҳамтову ҷовидона арҷ мегузоранд, бузургии ӯро ситоиш менамоянд ва дар наздаш ҳамеша сари таъзим фуруд меоранд. Мо низ бо ҳамин сабаб ҷашни фархундаи Рӯзи модарро бо фарорасии баҳор ва Соли нави аҷдодӣ мутобиқ карда, ин ду рамзи некиву саодатро пайи ҳам тақлил менамоем. Зеро меҳру муҳаббат ва файзу сафои модарон бо айёми

эҳё шудани табиат таҷассумгари идомаи ҳаёт ва фардои нек мебошанд.

* * *

Рӯзи модар муборактарин рӯз аст ва хизмати фарзанд дар қиёси ранҷу заҳматҳои модар фақат қатрае аз баҳрро мемонад.

* * *

Дар сатҳи давлатӣ ва бо тантанаву шукӯҳи хосса ҷашн гирифтани Рӯзи модар нишонаи эътибору эҳтироми зиёди давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба модарону занон мебошад, зеро нақши занону модарон дар ободии хонадон, тарбия кардану ба воя расонидани фарзандон, ба онҳо омӯзонидани забони модарӣ, одобу маънавиёт, парвариши эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихори ватандорӣ беназир аст.

* * *

Зан – модар муҷассамаи гӯёи зиндагӣ ва ширинтарин лафз дар забони одамӣ мебошад.

* * *

Дар ақсои олам сатҳи фарҳанги ҳар қавму миллатро вобаста ба муносибати он ба занону модарон муайян менамоянд.

* * *

Модари тоҷик ҳазорон нафар фарзандони бонангу номус, ҷасуру ватандӯст, абармардони хирадманду фарзона, сиёсатмадорони номдору фидокор ва номбардори миллатро ба дунё оварда, дар оғӯши пурмеҳри худ ба камол расонидааст ва онҳоро дар роҳи хизмат ба халқу Ватан раҳнамоӣ кардааст.

* * *

Дӯст доштан, эҳтиром кардан, ба қадри ранҷу заҳмат ва меҳру муҳаббати модар расидан қарзи инсонии ҳар як фарзанди бедордил ва бонангу номус мебошад.

* * *

Модари тоҷик ҳамеша толиби сулҳ аст, аз ин рӯ ман бовар дорам, ки ӯ барои пойдории сулҳ ва эҳёи Тоҷикистон мудом саҳм мегирад ва ҳидоятгари корҳои неку созанда ба наврасону ҷавонон мешавад. Таҷрибаи ҳаёт ва таърихи башарият собит месозад, ки аҳолии ҳар кишваре, ки ба модарону бонувон арҷи бештар мегузорад, осудаву пешрафта мебошад.

* * *

Ба шарофати модар ҳаёт дар рӯйи замин бардавому пойдор аст ва маҳз ӯ олитарин

муқаддасоти башарӣ мебошад. Аз ин рӯ барои ҳар яки мо симои аз ҳама маҳбубу меҳрубон ва нотакрору ҷовидона модар аст.

Мо – тоҷикон – ҳамеша мақому манзалат ва ҳурмату эҳтироми зан–модар ва, ба қавли бузургонамон, олиҳаи зиндагиро баланд қадр мекунем. Ин қадршиносиву муҳаббати бепоён дар ашъори адибони оламшумули мо дар пояҳои баландтарин инъикос ёфтааст. Ва беҳуда нест, ки дар тамоми даврaҳои таърихи инкишофи миллатамон занон ҳамеша мавқеи хосса ва нақши барҷаста доштаанд.

* * *

Модар бароямон на танҳо азизтарин шахс, балки гаронбаҳотарин сарвати миллату давлатамон ба шумор меравад.

* * *

Мо вазифадорем, ки қадру манзалати занону модаронро ба таври шоиста ба ҷо орем ва дар хотир дошта бошем, ки сарчашмаи бузургии кулли бузургони ҷаҳон модар аст.

* * *

Модар гаҳвораву оламро бо ҳам мепайвандад, рисолати пурзаҳмати парвариши наслҳоро ба дӯш кашида, бо сиришту замири покаш барои ҳастии

фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд. Баробари ин, дар сари гаҳвораи тифлаш шабзиндадорӣ карда, камолоти ӯро интизор мешавад ва тамоми ҳастиашро ба парвариши ҷигарбандаш сарф намуда, аз роҳи сидқ мададгораш мегардад. Ин рисолати бузурги инсонӣ мақому мартабаи модарро боз ҳам муқаддасу беназир гардонидааст.

* * *

Дили тавонои модар муҳаббатро мепарварад, рӯҳафтодаву дилшикастагонро умед мебахшад, ба ҳар кадоми мо боли парвоз ва неруи зиндагӣ ато мекунад.

* * *

Мо, фарзандон, агар тамоми умр ба модари худ хизмат кунем, он бо ранҷи шабзиндадорӣ ва заҳмати ӯ ба хотири тарбияву ба камол расонидани мо баробар шуда наметавонад.

* * *

Агар баҳор оғози эҳёи табиат ва зиндагӣ, ибтидои нақшаву ниятҳо ва ташаббусу иқдомоти тоза, омодагӣ ба киштукор ва оғози нави корҳои ободониву созандагӣ бошад, модар худ оғозгари зиндагӣ ва бахшандаи ҳаёт мебошад. Аз ин рӯ мо модарро ҳамчун мавҷуди муқаддас дӯст медорем,

мақому манзалат, қадру қимат ва ҳурмату эҳтироми ӯро ҳамеша пос медорем.

* * *

Ба қадри шири поки модар нарасидан, заҳмати бедорхобиҳои ӯро фаромӯш кардан, ба падару модар ситам кардан ва дар пириву дармондагӣ ба қадри ранҷу азоби онҳо нарасидан бузургтарин гуноҳ аст. Модар арзандаи ҳама гуна эҳтиром, қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад, зеро ӯ меҳрубонтарин инсон барои ҳар як шахс буда, фарзанди худро бузургворона ва бо дилсӯзиву бахшоиш ҳамеша дастгиру пуштибон аст, ба хотири роҳату осоиши фарзандаш шабу рӯз заҳмат мекашад ва намегузорад, ки нури чашмони ӯ ба ранҷу озоре гирифтор гардад, бо ҷон мекӯшад, ки ӯ бардаму солим ба камол расад, соҳиби илму маърифат шавад, касбу ҳунар омӯзад ва дар оянда барои ҷомеа хизмати сазовору шоиста анҷом диҳад.

* * *

Дараҷаи саводу маърифат ва густариши ҷаҳонбинии нав бошад, танҳо бо роҳи таъмини саводу маърифати зан–модар ба даст меояд. Занону модарони эронинажод бояд ифтихор дошта бошанд, ки форсизабонон, аз ҷумла мо, тоҷикон, забони худро забони модарӣ меномем. Мо бояд шукргузори замони осоишта бошем, ки дар ин давра зан–модар бори дигар дар ҷамъияти мо ба мақому

манзалати воқеӣ молик гардид. Ӯро ҳамчун ходими намоёни давлатӣ, роҳбару роҳнамои мардум, адибаву муҳандиси номдор, табибу омӯзгори маъруф, коргари ҳунарманду деҳқони асил шинохтаанд.

* * *

Ба ҷуз модар, каси дигар аз дили фарзанд огоҳ нест ва фарзанд низ модарро беҳтарин ва нахустин муаллими ҳаётии худ медонад.

* * *

Занони арҷманди кишвари мо набояд фаромӯш кунанд, ки саломатии наслҳои имрӯза ва оянда, сифати генофонди миллат, ҳифзи фазои сулҳу оромӣ ва таҳкими минбаъдаи ваҳдат, ташаккули ҷаҳонбинии муосир дар шуури насли ҷавон, парвариши эҳсоси гарми ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ аз онҳо вобастагии зиёд дорад.

* * *

Дар баробари қадрдонии занон, ба хотири таҳкими мақоми онҳо дар ҷомеа солҳои охир як қатор санадҳои муҳим қабул шуданд, ки ба шарофати ин теъдоди зиёди занон ба корҳои масъули давлатию ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд. Имрӯз соҳае нест, ки занҳо дар он пурсамар фаъолият набаранд.

* * *

Итминони комил дорам, ки занони тоҷик анъанаи модарони баномуси худро, ки дар тӯли садсолаҳо ҳазорон фарзандони оқилу донишманд ва миллатдӯсту давлатдорро дар домани поки худ парвариш додаанд, минбаъд низ идома медиҳанд ва сарзамини муқаддаси мо – Тоҷикистони азизро нуру зиё мебахшанд.

* * *

Мо бояд дар симои зан шахсиятро тарбия намоем, то ин ки ӯ дар ҷомеа мақоми шоистаи худро ёфта тавонад. Яке аз талаботи асосии демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамин аст.

* * *

Бовар дорам, ки занони арҷманди кишвар минбаъд низ рисолати муқаддаси худро бо сабру таҳаммули хосси занону модарони тоҷик иҷро карда, барои боз ҳам баланд бардоштани нақшу мақоми бонувону духтарон дар ҳаёти давлат ва ҷомеа, инчунин дар пешрафту ободии кишвари маҳбубамон саҳми арзанда мегузоранд. Ҳукумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хосса зоҳир менамояд ва дар якчанд барномаи давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ,

таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намудааст.

* * *

Нақши модарону занон дар таҳким ва рушди ҷомеа, бунёди оилаи хушбахт, таълиму тарбияи фарзандон ва афзоиши эътибори хонадон ниҳоят муҳиму арзишманд мебошад.

* * *

Итминон дорам, ки модарону бонувони арҷманди мо суннатҳои деринаи миллиамонро дар оянда низ идомаи нек бахшида, дар амри ободии Ватани азизамон, оромии ҷомеаи кишварамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон нақши пуразиш мегузоранд.

* * *

Дар марҳалаи таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ истифодаи самараноки неруи созандаи занон яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ ва болоравии сатҳи худшиносиву худогоҳии мардум мебошад.

* * *

Занону модарони мо бо дастони пурмеҳри худ ниҳоли ишқу муҳаббат, меҳру садоқат, саховату асолат ва илму маърифатро парвариш мекунанд ва қалби поки онҳо ҳамеша барои орому осуда ва

пояндаву устувор нигоҳ доштани оила, ҷомеа ва давлат метапад. Шубҳае нест, ки занони арҷманди кишвар ба хотири манфиатҳои олии халқу Ватан хизмати шоиста мекунанд ва дурустии сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлатро дар ин масъала бо фаъолият ва кордонии худ исбот менамоянд.

* * *

Боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа, тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони болаёқат, инчунин дастгирии ташаббусҳои занону бонувон дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва ғамхорӣ нисбат ба оила ҳадафи дигари давлати мо мебошанд.

* * *

Имрӯзҳо бонувони кишварамон баробари мардон номуси ватандориро ба дӯши худ гирифта, дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат ғайратмандона фаъолият доранд ва бо ташаббусҳои созандаи худ Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонида истодаанд.

* * *

Занону модарони бонангу номуси мо ҳанӯз дар даврони ниҳоят мушкили оғози истиқлолият обрӯ ва шарафи мамлакатро ҳифз намуданд, ба хотири ҳифзи ҳуқуқи худ, мисли гурдофаридҳо, ба қиём баромаданд, дар таҳкими давлат, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бисёр арзишманд гузоштанд.

* * *

Занони меҳрубон бо меҳри модаронаашон баланд бардоштани мақому манзалати хонадонро шараф ва номуси хеш мешуморанд ва бо самимият, лутфу муҳаббат ва садоқату шарофати худ номи зан – модарро муқаддас ва гиромӣ медоранд, бо дастони пурмеҳри худ навниҳолони соҳибмаърифат ва фарҳангдӯсту адабпарвари боғи маърифати миллат, яъне созандагони ояндаи неки давлат ва ҷомеаро ба камол мерасонанд.

* * *

Ба ҷавонмардони миллат хотиррасон месозам, ки ба қадри шири сафеди модар ва заҳмати ӯ расед, модарону занони худро самимона дӯст доред, доим пуштибони онҳо бошед ва коре кунед, ки модарону занони тоҷик на ашки ғаму ғусса, балки фақат ашки шодӣ резанд.

* * *

Муносибати самимона нисбат ба занону духтарон рисолати орому осуда ва солим нигоҳ доштани оиларо таҳким мебахшад ва устувории оила, дар навбати худ, суботи ҷомеаро таъмин намуда, қудратмандии давлатро тақвият мебахшад.

* * *

Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки нишонаи солим будани оила ва камолоти ҷомеа пеш аз ҳама муносибати ғамхорона ба зан–модар, зан–мураббии фарзандон ва нигоҳдорандаи чароғи хонадон аст.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)

ҶАВОНОН

Ҳадафи сиёсати давлатии мо дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо ва мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ мебошад.

* * *

Ҷавонони солим ва соҳибкасбу ихтисосманд давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд.

* * *

Хушбахтона, мо дар кишвари худ барои сулҳи пойдор ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа заминаи боэътимод гузошта тавонистем, ва агар мо хоҳем, ки мамлакати мо ҳамвора тараққӣ карда, ба сафи давлатҳои пешқадами дунё ворид гардад, наслҳои ояндаамон зиндагии сазовор дошта бошанд, бояд ҳаргиз ба халалдор шудани сулҳу субот роҳ надиҳем ва бақову пойдории давлати миллиро пайваста таъмин намоем.

* * *

Ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ вазифаи ҷонӣ, қарзи фарзандӣ ва рисолати шаҳрвандии ҳар як фарди бонангу номус, аз ҷумла ҷавонони саодатманди замони истиқлолият, мебошад.

* * *

Итминони комил дорем, ки бо захираи бузурги зеҳнии ҷомеаи худ, ки қисмати асосии онро муаллимону устодон ва зиёиёни соҳаи маориф ташкил медиҳанд, мо аз уҳдаи иҷрои рисолати таърихии хеш мебароем ва барои ояндаи Ватану миллатамон насли сазовору арзанда, дорои дониши замонавӣ, ҷаҳонбинии васеъ, ватандӯсту худогоҳ ва ворисону созандагони фардои дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлолро тарбия карда, ба воя мерасонем.

* * *

Ҷавонон ворисони ояндаи миллат, соҳибони Ватани аҷдодӣ ва такягоҳи боэътимоди давлат мебошанд. Ҷавонони мамлакатро, ки баҳори умеду орзуҳои мо ҳастанд, бо фарорасии иди Наврӯз табрик намуда, ба ҳамаашон умри бобаракат, пешравӣ ва ҷӯяндагию офарандагӣ орзумандам. Мо аз ҷавонони кишвар умед дорем, ки вақтро ғанимат дошта, ба хотири ояндаи неки Ватан донишомӯзӣ, забондонӣ, азхуд кардани техникаву технологияҳои навтаринро мақсаду мароми худ ва, гузашта аз ин, вазифаи муқаддаси ҳаррӯзаи худ қарор диҳанд. Мақсади ягонаи мо ин аст, ки ҷавонон дар ҳалли масъалаҳои муҳиму мубрам ва таҳлили равандҳои ҷаҳонишавӣ қодир бошанд ва дар маҷрои таҳаввулоти ҷаҳони муосир мақому манзалати

сазовори Ватани маҳбубамонро ҳифз карда тавонанд.

* * *

Чун ҷавонони имрӯза падару модарони оянда ҳастанд, бояд аз тариқи китобҳои дарсӣ, тавсия ва дастурҳои методӣ усулҳои муосири тарбияи фарзандро ёд гиранд. Дар ин росто, зарурат ба чопи китобҳои дарсӣ оид ба ахлоқ, бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ, барои мактабҳои миёна ва олии кишвар ба миён меояд.

* * *

Ман зиёиёни хирадманд, деҳқонону коргарони заҳматкаш, пирони рӯзгордида, занону духтарони меҳрубон ва ҷавонони навовару ғайратмандро даъват мекунам, ки Ватанро бо меҳнати ҳалол обод намоянд. Агар имрӯз аз мушкилӣ наҳаросида, барои ободиву осудагии Ватан талош варзем, дар симои ҳамдигар дӯст, бародар, ҳамватан ва ҳамтақдирро бинем, пойдевори зиндагии фардо ва давлати соҳибистиқлоламонро мустаҳкам мегузорем.

* * *

Ҷавонон дар ҷомеаи мо қувваи бузурганд. Тоҷикистонро бехуда кишвари ҷавонон намегӯянд.

* * *

Барои он, ки дар замири ҷавонон ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихор аз давлатдории миллии хеш маскан дошта бошад, онҳо пеш аз ҳама бояд аз таърих ва фарҳанги куҳанбунёдамон бархӯрдор гарданд. Ҳамчунин моҳияти истиқлолияти давлати худро ба хубӣ дарк карда, ба рамзҳои давлатӣ ва забони модарӣ ҳамчун муқаддасоти миллӣ эҳтиром дошта бошанд.

* * *

Дар назди ҷавонон масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ дарку ҳалли онҳо аз ҷавононии мо дониши амиқ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва самимона дӯст доштани Ватанро талаб менамояд.

* * *

Моро зарур аст, ки дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва таъсири ҳар гуна ҳаракату равияҳои бегона ба масъалаи ҳифзи сулҳу субот низ бештар таваҷҷуҳ намуда, тарғиби ин арзиши олии ҳаётиро дар миёни ҷомеа, бахусус, дар байни наврасону ҷавонон боз ҳам васеътар ба роҳ монем.

* * *

Ҷавонон бояд хуб дарк намоянд, ки тақдири ояндаи халқу давлат ба дӯши онҳо гузошта шудааст. Ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани Ватани ободу рушдёбанда масъулияти бузург дорад ва ҳар фарди ҷавонро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстӣ кӯшишу талош намояд.

* * *

Мо аз ҷавонон умеди калон дорем, зеро дар оянда масъулияти давлатдорӣ ва рушди кишвар бар уҳдаи онҳо меафтад. Аз ин рӯ мо бояд ҷавононро дар рӯҳияи баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихор аз давлатдории миллӣ тарбия намоем, онҳоро ба илму касбомӯзӣ ҳарчи бештар ҷалб кунем, дар миёни наврасону ҷавонон тарзи зиндагии солимро тарғиб созем.

* * *

Ҷавononи тоҷик ворисони илму адаб ва фарҳанги бузурганд, ки назираш дар ҷаҳон кам мебошад. Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки миллатамонро бо фарҳанги асил ва хосаш ҳамчун миллати фарҳангӣ мешиносанд ва эҳтиром мекунанд.

* * *

Мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар – Ватани худ содиқона хизмат мекунанд.

* * *

Ба наврасону ҷавонон омӯзонидани муносибатҳои оилавӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии онҳо ва омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона аз ҷумлаи муҳимтарин арзишҳое мебошанд, ки ба мустаҳкам шудани оила мусоидат менамоянд.

* * *

Шубҳае нест, ки ҷавонони мо минбаъд низ қувваи худро фақат ба ободии Ватан ва баланд бардоштани обрӯйи миллат сарф мекунанд. Ояндаи Тоҷикистон ва дар қатори давлатҳои пешрафта ҷой гирифтани давлати тоҷикон аз сатҳи маънавиёту фарҳанг, донишу маҳорат ва кӯшишу ғайрати ҷавонон вобаста аст.

* * *

Ояндаи ҳар халқу кишвар ба ворисони он вобастагии қавӣ дорад. Насли навраси мо –

ҷавонон, – ки аксарашон зода ва парвардаи замони соҳибистиқлолии Ватанамон мебошанд, ин масъулиятро бар дӯш доранд.

* * *

Ҷавонони мо, ки ояндаи миллати сарбаландамон мебошанд, бояд донанд, ки ватандориву ватандӯстӣ, расидан ба қадри сарзамини аҷдодӣ ва ҳифзи осудагиву оромии он барои ҳар як фарзанди бонангу номуси миллат ҳам қарз ва ҳам фарз аст. Ҷавонон бояд дар кору хониш ва фаъолияти ҳаррӯзаашон ин масъулиятро, ки таърих ба дӯшашон гузоштааст, эҳсос намуда, барои ободию пешрафти ин сарзамин софдилона ва ғайратмандона талош варзанд.

* * *

Яке аз омилҳои муҳими густариши андешаи миллӣ ташаккул додани мавқеи устувори шаҳрвандӣ ва рӯҳияи ифтихор аз Ватан ва давлати соҳибихтиёр дар байни наврасону ҷавонон аст.

* * *

Ҷавонон ҳамчун қувваи бузург ва неруи офаранда аз ибтидои давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки ба айёми ниҳоят вазнину сарнавиштсоз рост омад, то имрӯз, ки мардуми мо бо роҳи бунёдкориву ободонии сарзамини куҳанбунёдамон устуворона пеш рафта истодааст,

дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа нақши барҷаста ва пештозро бозиданд.

* * *

Мо бояд насли имрӯз ва фардоро бо суннатҳои воло ва бо мероси бузурги ниёгонамон ҳарчи бештар ошно намуда, дар зеҳну шуури онҳо ҳисси ифтихор аз давлатдории миллии худ, эҳтиром нисбат ба истиқлолият, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва ифтихор аз ватани аҷдодиро инкишоф диҳем.

* * *

Ҳифзи давлату миллат ва марзу буми кишвар, пеш аз ҳама, ба зиммаи ҷавонони баору ғаюр ва далеру шуҷои Ватан вогузор шудааст. Ҷавонон бояд Ватанро ҳамчун модари худ, ҷони худ дӯст доранд, ба қадраш расанд ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд. Ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҳаёти ҷавонон, яъне насли ояндасози миллат ва умеду орзуи мардуми кишвар, – ғамхорӣ нисбат ба ояндаи ободу осудаи ҷомеа ва пешрафти минбаъдаи давлат мебошад.

* * *

Таъкид месозам, ки расидан ба қадри неъмати бебаҳои истиқлолияту соҳибихтиёрӣ, арҷ гузоштан ба сулҳи пойдор, ваҳдати комил ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ барои наврасону ҷавонон шарафи бузург мебошанд.

* * *

Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо бовари бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан ояндаи неки Ватан ва идомадиҳандаи кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд. Боиси ифтихор аст, ки имрӯз ҷавонони мо атрофи мафҳумҳои худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ озодона ибрози андеша менамоянд, ки ин далели ташаккулёбии мафкураи соҳибватанӣ ва хештаншиносии насли созандаи кишварамон арзёбӣ мегардад.

* * *

Мо умед дорем, ки ҷавонон дар раванди таҷдиди ҷомеа тавассути таҳким бахшидани фикру андешаи нав, бахусус ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои он, арзишҳои бунёдии миллатсозӣ ва ватансозиву ватандорӣ бо давлату Ҳукумат ҳамкории фаъол мекунанд.

* * *

Ҷавонон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату ҷомеа, сарчашмаи ташаббусҳо ва захираи тиллоии миллату давлат ҳастанд. Гузашта аз ин, онҳо дар дигаргунсозиҳои демокративу амалҳои созандаи Тоҷикистон такягоҳи боэътимоди давлат мебошанд.

* * *

Ҷавонони мо, чун насли ояндасози Ватанамон, бояд ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯйи илму дониш, азхудкунии касбу ҳунарҳои муосир ва омӯзиши забони давлативу забонҳои хориҷӣ бошанд.

* * *

Мардуми мо ва махсусан ҷавонон, бояд ба рамзҳои давлати соҳибистиқлоли худ – Конститутсия, Парчами миллӣ, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ – чун ба муқаддасоти миллати озоду соҳибистиқлоли мо пайваста арҷ гузоранд ва онҳоро гиромӣ доранд. Мо бояд ба он муваффақ гардем, ки насли наврас дар рӯҳияи замони муосир, масъулиятшиносӣ барои имрӯзу фардои Ватан ва миллат ба воя расад. Танҳо дар ҳамин сурат мо рисолати худро дар назди таърих, дар назди оянда, ки ба фаъолияти мо баҳои ҳақбинона хоҳад дод, бо сарбаландӣ ба сомон расонда метавонем. Танҳо дар ҳамин сурат мо номбардори сазовори давлатдории миллии қадимаамон ва Тоҷикистони соҳибистиқлоли имрӯза мегардем.

* * *

Насли ҷавони моро зарур аст, ки ҳарчи бештар ба илмҳои дақиқ бунёдӣ рӯ оварда, аз дастовардҳои илму техникаи муосир бархӯрдор гарданд.

* * *

Хизмат кардан ба Ватан шарафи бузург ва, дар айни замон, вазифаи муқаддаси ҳар як ҷавони бонангу номус мебошад. Ҳар як хизматчии ҳарбӣ бояд хуб дарк намояд, ки ватандӯстӣ ин арзи садоқат ба Ватан – модар ва халқу давлати соҳибистиқлоли худ буда, дар пос доштани арзишҳои миллӣ ва аз тамоми манфиатҳо боло гузоштани манфиати давлату халқ зоҳир мегардад.

* * *

Бигзор, ҷавонони кишвари соҳибистиқлоли мо ҳамеша неруи пешбаранда, ворисони асилу арзандаи миллату давлат ва созандагони имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол бошанд!

* * *

Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатиро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҷавонони мо бояд онҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳанд ва итминон дошта бошанд, ки танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем кишвари воқеан ободу пешрафта ва тавоно бунёд намоем.

* * *

Бигзор, ҷавонон парчами ваҳдати миллӣ, сулҳу амнияти пойдор ва азму иродаи созандагиву бунёдкориҳоро баланд афрохта, доимо дар сафи пеши созандагони Ватан қадам гузоранд!

* * *

Бигзор, ҷавонони мо бо Ватан, миллат, забон ва ниёгони сарбаланди хеш ифтихор намоянд ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, тамомияти арзӣ ва амнияту осудагии Тоҷикистони азиз мақсаду мароми зиндагии онҳо бошад!

* * *

Шумо – ҷавонон – барои тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллат, рушду ободии мамлакат, дар арсаи ҷаҳон ва миёни давлатҳои мутамаддини олам мақоми шоиста ёфтани Тоҷикистони азиз масъулияти бузург бар дӯш доред.

* * *

Шумо – ҷавонон – бояд ифтихор кунед, ки идомадиҳандаи ҳамин таърих, ҳамин фарҳанг ва ҳамин миллати қадимтарини олам мебошед. Бояд ба ин ифтихор сазовор бошед ва инсондӯстию накукорӣ, инсофу адолат, эҳтироми калонсолон, дӯстию рафоқат ва дигар арзишҳои волои миллию умумибашариро пешаи худ намоед. То ҷавонон

таърихи гузаштаи халқи худ ва ҷонбозиҳои душвору тӯлонӣ ва пурмашаққати расидан ба истиқлолиятро хуб надонанд, ватандӯст ва миллатдӯсти ҳақиқӣ шуда наметавонанд.

* * *

Маҳз вазифаи таърихӣ ва қарзи имониву муқаддаси ҷавонон, ҳамчун гавҳараки чашм, эҳтиёт кардани сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, оромию осудагии ҷомеа ва амнияти миллату давлат аст.

* * *

Вазифаи мо, насли калонсол, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки наврасону ҷавононро аз вазъи пурмоҷарову пуртазоди ҷаҳон дуруст хабардор намоем ва онҳоро ба роҳи рост ҳидоят кунем. Шумо – ҷавонон – бояд бо набзи ҳаёт ва асри нав ҳамқадам бошед, талаботи замонро пайваста эҳсос намоед, аз дастовардҳои илму техникаи муосир қафо намонед, аз таҷрибаи пешбурди иқтисоду идоракунӣ воқиф гардед, манфиати миллату амнияти давлати соҳибистиқлоли худро – дар раванди пурталотуми бархӯрдҳои ҷаҳонӣ – ҳимоя карда тавонед.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)

ЗИЁИЁН

Дар лаҳзаҳои сарнавиштсози Ватан зиёиён бояд мавқеи сиёсии устуворро ишғол намоянд, аз калавандагию бетарафӣ ҳазар кунанд ва ифодагари ормонҳои миллати хеш бошанд.

* * *

Наврасон ва ҷавононро аз амалу рафтори ноҷо ва ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва ба роҳи дуруст ҳидоят кардан вазифаи муқаддас ва қарзи инсонии падару модарон, омӯзгорону мураббиён, зиёиён ва, умуман, аҳли ҷомеа мебошанд.

* * *

Зиёиён вазифадоранд, ки, пеш аз ҳама, дар бобати баланд бардоштани сатҳи маърифат ва донишу ҷаҳонбинии аҳолӣ, аз ҷумла маърифати сиёсиву ҳуқуқии табақаҳои гуногун, тарғиби тарзи солим ва оқилонаи ҳаёт, тарбияи насли босавод ва ба талаботи замона ҷавобгӯй, ташкили рӯзгори сарфакорона ва оилаҳои пешрафта кӯшиш намоянд.

* * *

Зиёиён нигаҳбони арзишҳои маънавии халқ ва миллати худ мебошанд. Аз ин рӯ мо сиёсати фарҳангиро як рукни муҳими сиёсати давлатдорӣ меҳисобем.

* * *

Барои он, ки истиқлолияти фикрӣ дар ҷомеа ба як падидаи фарогир табдил ёбад, дарку шуури мардум ба дараҷаи зарурии худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ расад, дар замири аҳли ҷомеа ва, пеш аз ҳама, ҷавонон эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ амиқ ҷой гирад, заҳмату талошҳои холисона ва содиқонаи адибон, олимон, рассомон, табибон, рӯзноманигорон, хулоса зиёиён, ки табақаи пешсаф ва раҳнамои ҳар халқу миллатанд, зарур аст. Ба ибораи дигар, маҳз зиёиён барои ташаккули андешаву афкори солими ҷомеа нақши муайянкунанда мебозанд.

* * *

Маҳз аҳли фарҳанг баҳри ба наслҳои оянда бегазанд расонидани арзишҳои маънавии гузаштагон талош варзида, анъанаҳои таърихии миллатро зинда нигоҳ медорад ва сайқал медиҳад.

* * *

Зиёиён қувваи тавоно ва пешбарандаи ҷомеа буда, нақши онҳо дар тарбияи насли наврас хеле муҳим мебошад. Итминон дорем, ки зиёиёни тоҷик, ҳамеша чун неруи ақлу хирад, дастгири халқи худ хоҳанд шуд. Зиёиён табақаи пешсафи миллатанд ва, аз ин рӯ бояд арзишҳои демократиро ҳимоя намоянд, чунки дар таърихи давлатдории тоҷикон

чунин сохти ҷомеае, ки моро ба кишварҳои мутараққии имрӯзаи ҷаҳон наздик намояд, вуҷуд надошт.

* * *

Зиёӣ танҳо шахси соҳибтаҳсилот нест, инчунин шахси боистеъдоди сиёсие мебошад, ки дар инкишофи сиёсиву фарҳангии миллат ва давлат вазифаи хосро иҷро менамояд. Асолати таърихии зиёиён маҳз аз ҳамин нуқтаи назар муайян карда мешавад.

* * *

Дар шароити кунунии мамлакат зиёиёни тоҷик, дар баробари баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии мардум, бояд ба тағйир додани он муносибатҳои манфие, ки дар ҷомеа нисбат ба давлат вуҷуд доранд, мусоидат намоянд.

* * *

Ба зиёиёни тоҷик зарур аст, ки дар шуури ҷомеа моҳияти миллат ва давлатро ташаккул диҳанд. Муттаҳидии давлат ва миллат дар шахсият ва ҳисси ватандӯстӣ зоҳир мегардад. Ватанпарастӣ ҷавҳари худшиносии миллӣ мебошад.

* * *

Зиёиён ба мардум бояд таблиғ намоянд, ки ба қадри давлату давлатдории миллӣ, рамзҳои давлатӣ

– Парчам, Нишон, Суруди миллӣ – расидан лозим аст, Конститутсия ва дигар муқаддасоти миллиро риоя ва эҳтиром намудан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Фаромӯш набояд кард, ки давлат доштан барои ҳар як миллат бахти бузург ва ифтихори бепоён мебошад. Бояд тамоми зиёиён ва мардуми Тоҷикистон, дар баробари азхуд кардани беҳтарин арзишҳои ҷомеаи башарӣ, дар раванди глобализатсияи масъалаҳои ҷаҳонӣ манфиатҳои миллии хешро дуруст дарк ва ҳимоя намоянд.

* * *

Рисолати бузургтарини ҳар фарде, ки худро зиёӣ мешуморад ва дар соҳаи маорифу фарҳанг ва илму маърифат заҳмат мекашад, бо талошҳои пайгирона сатҳи донишандӯзӣ ва тафаккури илмию технологии насли наврасро баланд бардоштан аст.

* * *

Зиёиён бояд раҳнамо ва қувваи воқеии пешбарандаи ҷамъият бошанд ва рисолати маърифатпарварии худро ҳам дар оила, ҳам дар мактабу муассисаҳои таълимӣ, ҳам дар миёни ҷавонон ва аҳли ҷомеа ба сомон расонанд. Махсусан зиёиёни деҳот ва муаллимони ноҳияҳои дурдаст бояд ба сифати таълиму тарбияи ҷавонон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

* * *

Зиёиёни кишвар – якҷоя бо Хукумат – бояд роҳҳои баланд бардоштани сатҳи маънавиёт, ташаккули маданияти муомилаву муошират ва усулҳои ҳамкориву тарбиятро ҷустуҷӯ намоянд.

* * *

Зиёӣ будан фарзанди асили халқу миллати хеш будан, нангу номус, шарафу виҷдон, маданияти баланд, зиракии сиёсиву фаросати волои маънавӣ доштан ва ҳастии хешро барои рушду нумӯи имрӯзу ояндаи кишвар бахшидан аст. Зиёӣ будан, пеш аз ҳама, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва рисолати пешоҳангӣ, раҳнамоӣ ва маърифатпарварии худро дар ҳама гуна шароиту муҳити зиндагӣ пос доштан аст.

* * *

Зиёӣ будан ба маънои томаш миллатдӯсту ватанпарвар будан, дар таҳкими давлатдории миллӣ, асолати худшиносӣ, фарҳанги башардӯстӣ ва тарғиби арзишҳои волои миллӣ ва умумиинсонӣ пайваста саҳм гузоштан аст.

* * *

Неруи зеҳнии миллати мо ба ҳама маълум аст, бино бар ин халқ ва давлат аз аҳли илм ва зиёиёни эҷодкор дар тараққиёти илму техника ва

технологияҳо, гузашта аз ин, дар рушди маънавиёти ҷомеа саҳми бештарро интизоранд. Мо аз зиёиён, олимону шоирон ва нависандагони азиз, алалхусус аз кормандони воситаҳои ахбори умум, умедҳои зиёд дорем. Зеро фарҳанг ҳастии миллат буда, зиёиён раҳнамо ва парчамбардорони пешоҳанги он мебошанд.

* * *

Дар ҳар як марҳалаи таърихӣ, ки як замон ба замони дигар табдил меёбад, арзишҳои нав тавлид мешаванд ва афкори ҷомеа тарҳи тоза ба худ мегирад, мардум ба каломи оташбор ва илҳомбахши аҳли зиё бештар ниёз дорад.

* * *

Ман ҳар фарди зиёиро чун зарраи хуршед медонам, ки бо худафрӯзӣ, худфарсоӣ ва талошҳои пайгиронааш оламеро равшан мекунад, дили инсонҳоро ба фардои нек гарм месозад, шуълаи умедро меафрӯзад, масъалаҳои умумимиллиро ба миён мегузорад ва ҳамзамонони худро ба корҳои созандагӣ ба нафъи миллату Ватани хеш ва тамоми аҳли башар ҳидоят менамояд. Ин аст рисолати асосӣ ва ҳамешагии зиёиёни ҳақиқӣ дар назди миллати хеш. Танҳо дар ҳамон сурат аҳли илму адабу ҳунар ҳамдаму ҳамнафаси халқи худ мегардад ва ба ҷавҳару пайкари бани одам пайванди ҷовидона меёбад.

* * *

Зиёӣ будан маънои нисбат ба худ серталаб буданро низ дорад. Зиёии ҳақиқӣ дар ҷодаи соҳибмаърифат кардани ҷомеа, баланд бурдани сатҳи шуур ва покизагии ахлоқи мардум бедареғ заҳмат мекашад.

* * *

Зиёӣ будан, ғайр аз соҳибмаълумот ва донишманд будан, дили васеи пурмеҳр доштан, ватанпарасту меҳнатдӯст будан, соҳиби хислатҳои инсонпарварӣ ва башардӯстӣ будан аст. Аз кинаву ҳасад, худбиниву ҷоҳталабӣ, сарватпарастӣ ва дигар хислатҳои бад, ки зараровари ҷомеа мебошанд, озод будан, дигаронро низ тарбият карда, фазилатҳои волотарини ахлоқию инсониро талқин намудан беҳтарин нишонаҳои зиёӣ ё худ интеллигенти ҳақиқии миллат аст.

* * *

Мо ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии ба муносибатҳои бозорӣ асосёфта месозем. Ин роҳ роҳи бебозгашт аст. Маҳз табақаи зиёиёни кишвар барои қадам ба қадам амалӣ шудани ин ҳадафи олӣ ҳамроҳ, ҳамфикр ва такягоҳи давлат мебошанд.

* * *

Зиёиён бояд роҳбаладони огоҳи мардум ба зиндагии оянда бошанд, азму боварии халкро ба созандагию ободкорӣ ва маънавиёти баланд қавӣ гардонанд. Ин кор вазифаи зиёиёни воқеӣ, соҳибдил ва собитқадам мебошад.

* * *

Зиёиён ҳамчун неруи фаъолу тавонои ҷомеа метавонанд дар ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ нақши басо арзишманд гузоранд ва манфиатҳои милливу давлатиро содиқона ва қотеона ҳифз намоянд.

* * *

Зиёиён дар ҳама давру замон ҳомиёни парчами миллат, ворисони таъриху фарҳанги аҷдодӣ, пешбарандагони маърифату худшиносӣ, пуштибонони нангу номус ва ҳувияти миллӣ, мунодиёни асили эҳсоси муқаддаси Ватану ватандорӣ, эҷодгарони воқеии шеъру каломи зебои тоҷикӣ ва офарандагони волотарин дастовардҳои маънавии халқи хеш буданд, ҳастанд ва хоҳанд буд. Ин рисолати бузурги онҳо дар оғози асри нав, дар шароити талотумҳои шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, даҳчанд афзуда, аз ҳар фарди бедордилу соҳибмаърифат зиракии сиёсӣ, суботи

маънавӣ, дурбинию дурандешӣ ва, қабл аз ҳама, садоқати миллию ватандӯстиро тақозо менамояд.

* * *

Масъулияти нуру зиё афкандан ва аҳли ҷомеаро ба сӯйи маърифату равшанфикрӣ ҳидоят намудан дар ҳама давру замонҳо бар дӯши зиёиён будааст.

* * *

Ман эътимоди комил дорам, ки даҳҳо ҳазор зиёии бедордилу ватанпарвар, алалхусус эҷодкорону аҳли илму фарҳанг, кормандони соҳаи маориф, дар ин марҳалаи тақдирсози эҳёи давлатдории миллӣ, пуштибонии истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат, ҳифзи муқаддасоти миллат ва мероси таърихию маънавӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Зиёиёни мо дар иҷрои рисолати таърихӣ ба хотири татбиқи сиёсати давлату Ҳукумат корҳои назаррасро дар соҳаҳои мухталиф иҷро карда истодаанд.

* * *

Дар марҳалаи ҳозира бо истифодаи самаранок аз имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла тавассути расонаҳои хабарӣ, зеҳну ҷаҳонбинии мардум, алалхусус, наврасону ҷавононро ба тафаккури

илмии прагматикӣ ва пешрафтаву амалгаро табдил додан вазифаи зиёиён мебошад.

* * *

Мероси пурғановати миллиро ҳифз кардан ва таъмин намудани рушди минбаъдаи он вазифаи на танҳо давлат, балки қарзи виҷдониву инсонии ҳар як фарди соҳибфарҳанги кишвар, махсусан зиёиён, мебошад.

* * *

Ҳадафи асосии зиёиён бояд эҷоди аслҳо ва ба вуҷуд овардани пояҳои ҷомеаи муосири рӯ ба рушд бошанд.

* * *

Қадрдонӣ ва эҳтироми шоистаи зиёиён нишонаи мақому манзалати волои онҳо дар ҳаёти ҷомеаи мо буда, аз фаъолияти пурсамари онҳо дар роҳи пешрафти кишвари маҳбубамон сарчашма мегирад. Гузашта аз ин, зиёиён ҳамеша ҳамчун қувваи пешбарандаи ҷомеа соҳиби маҳбубияти хос мебошанд.

* * *

Зиёиёни асили мо равшангарони воқеии ҳаётанд, ки дар пешрафти рӯзгори иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии ҷомеа, тарғиби анъанаҳои миллӣ, таълиму тарбияи насли наврас, ба камол

расонидани инсони комил ва рушди неруи инсонӣ нақши арзанда мебозанд.

* * *

Дарку тарғиб ва амалисозии ҳадафҳои миллӣ муҳимтарин рисолати иҷтимоии зиёӣ дар марҳалаи рушди устувори Тоҷикистон ба шумор мераванд, зеро мавқеи маънавию шаҳрвандии зиёӣ, дар навбати аввал, аз муаррифии арзишҳои миллӣ ва ҳадафҳои ояндасози давлатӣ иборат мебошад.

* * *

Раванди устувори демократикунии ҷомеаи Тоҷикистон бори дигар ба ҷаҳониён собит сохт, ки миллати мо яке аз миллатҳои қадимтарин ва соҳиби фарҳангу таърихи қадима буда, эҷодгари сарнавишти худ аст ва метавонад бо неруи маънавию дастовардҳои сиёсиаш тамаддуни башариро боз ҳам ғанитар гардонад.

* * *

Сатҳи донишу маърифати мардум, хусусан, наврасону ҷавононро баланд бардоштан, ҳисси ифтихори миллии насли наврасро бедор сохтан, дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ асолату арзишҳои миллиро ҳифз кардан, фазои ахлоқии ҷомеаро аз ҳар гуна нопокиҳои маънавӣ покиза нигоҳ доштан рисолати ҳар як зиёии содиқу ватандӯст ба шумор мераванд.

* * *

Аҳли зиё ҳамчунин метавонад дар ислоҳи нуқсу камбудиҳои ҷомеа, мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, коррупсия, одамфурӯшӣ, нашъамандӣ ва зарари он барои ҳаёти инсон ва генофонди миллат, танзими оила ва расму ойинҳо кори зиёдро анҷом диҳад.

Бо раҳнамоии аҳли зиё ва равшанфикрони соҳаи мактабу маориф бояд наслҳои имрӯзаву ояндаи мо аз ҷиҳати ҷисмониву маънавӣ хуб ба камол расанд, бо маърифати баланд, дониши мукаммал ва ахлоқи ҳамида номбардори падару модар, Ватану миллати хеш бошанд. Имрӯз тарбияи ҳисси эҳтиром ба арзишҳои волои миллию фарҳангӣ, ҳисси баланди ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳиматрини зиёиён аст.

* * *

То чӣ андоза бомуваффақият ва муташаккилона барпо шудани ҳама гуна чорабиниҳо, ки ба таҳкими нуфуз ва эътибори байналмилалии кишвари мо мусоидат менамоянд, аз аҳли илм ва зиёиёни эҷодкор вобастагии калон дорад.

* * *

Дастовардҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии инсоният, бунёд ва ташаккули низоми ҷамъиятӣ дар ҳама даврaҳои таърих, пеш аз ҳама, маҳсули андешаву хиради зиёиён ва

истеъдоду маҳорати онҳо мебошанд. Имрӯз тарбияи ҳисси эҳтиром ба арзишҳои волои миллию фарҳангӣ, ҳисси баланди ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ ва муҳаббати бепоён ба Ватан аз ҷумлаи вазифаҳои муҳиматрини зиёиён аст.

* * *

Мо вазифадор ҳастем, ки боигариҳои маънавии қадимаи халқамонро ҳамчун манбаи нодиру гаронбаҳо дар тарбияи ҷавонон истифода барем.

* * *

Шумо, зиёиёни муҳтарам, бояд дар раванди ҳаёти иҷтимоиву сиёсии кишвар фаъолона ширкат варзида, барои фош ва ислоҳ кардани падидаҳои номатлуби ҷомеа, аз қабили ҷиноятқорӣ, коррупсия, нашъамандӣ, одамфурӯшӣ, поймол кардани ҳуқуқи инсон ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани волоияти қонун ба Ҳукумат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мадад расонед.

* * *

Рӯзноманигорон, сиёсатшиносону коршиносон метавонанд, тавассути инъикоси ҳақиқати ҳол ва таҳлили вазъи воқеии ҳаёт, дар афзудани мавқею манзалати байналхалқии кишварамон мусоидат намоянд.

* * *

Мардуми мо одоби баланди муошират, фарҳанги инсондӯстӣ ва дигар анъанаҳои неки миллие дорад, ки онҳоро бо дастовардҳои ҷаҳони муосир пайванд додан, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии мардумро васеъ кардан, ба манфиати миллат истифода бурдани арзишҳои беҳтарини умумибашарӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси зиёиён мебошанд. Зиёиён – бояд ҳамчун парчамбардорони илму маърифат ва тарзи зиндагии солим – нисбат ба тақдири ояндаи наврасону ҷавонон андеша кунанд. Зеро онҳо ояндаи мо буда, бояд дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ ба воя расанд.

* * *

Имрӯз маҳз ба шарофати истиқлолият давлати Тоҷикистон ва миллати тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанд. Аз ин хотир, моҳият ва арзишҳои истиқлолро ба мардум фаҳмондан ва барои таҳкими он ҳисса гузоштан вазифаи муқаддаси ҳар як фарди солимфикр, қабл аз ҳама зиёиён, аст.

* * *

Мусоидат кардан ба ислоҳоти соҳаҳои маорифу тандурустӣ, муассисаҳо ва институтҳои Академияи илмҳо, инчунин тарбияи кадрҳои баландихтисос, соҳибмаърифат, ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ ва дорои ҷаҳонбинии васеъ аз ҷумлаи вазифаҳои

муҳимтарини зиёиён, бахусус олимону омӯзгорон, мебошанд.

* * *

Рисолати миллии аҳли илму адаб, фарҳангу ҳунар ва, умуман, зиёиён, пеш аз ҳама, иштироки фаъолона ва ҳадафманди онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат аст.

* * *

Ҳар як зиёии арҷманди мо бояд дар кору пайкори созандагӣ ба хотири шукуфоии Ватан, аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ роҳнамоӣ кардани ҷомеа, эҷоди асарҳои илмиву бадеии сазовори замон, рушди бештари фарҳангу ҳунар ва парвариши истеъдодҳои ҷавон фаъолона саҳмгузор бошад. Зиёиёни ватанпараст бояд шахсан ташаббус нишон диҳанд, мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби кишварро ба миён гузоранд ва роҳу воситаҳои ҳалли онҳоро низ пешниҳод кунанд.

* * *

Ҳамду сано ба зиёиёни сарбаланди миллат – эҷодгарону ҳомиёни забон, адабиёт ва фарҳанги безаволи мо!

* * *

Бо эҳсоси шукргузорӣ аз истиқлолияти Ватани аҷдодӣ ва орзуву умедҳои неки наврӯзӣ тамоми

мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва зиёиёни сарбаланди тоҷикро самимона табрик гуфта, дасти дуо мебардорам, ки Худованд сафи афроди бедордилу равшанзамир, бонангу номус, соҳибмаърифату ватанпарастро зиёд гардонад ва ба ҳар хонадони тоҷик саодати рӯзгору файзу баракатро насиб созад.

* * *

Рушду инкишофи ҳар як ҷомеа аз зиёиён, ки элитаи зеҳнии онро ташкил медиҳанд, вобастагии зиёд дорад.

* * *

Фарҳанг ва забон дар ҳама давру замон таҷассумгари ҳувияти ҳар як миллат мебошанд. Маҳз фарҳанг, забон ва анъанаҳои бунёдӣ асолати миллиро пойдору устувор нигоҳ медоранд. Аз ин хотир, имрӯз низ ҳар як зиёӣ, ба мисли аҷдоди тамаддунсози хеш, бояд талош варзад, ки забон ва фарҳанги миллиро ҳифз карда, густариш диҳад, онҳоро ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ намояд ва ҳамчун сарвати бебаҳои миллӣ барои наслҳои оянда бегазанд ба мерос гузорад. Зиёиёни имрӯзаи тоҷик бояд зарурати пешбурди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва фарҳангии Ватанамонро амалан дарк намоянд. Онҳо бояд бо тамоми масъулият эҳсос кунанд, ки ояндаи Тоҷикистони азизамон аз шакл ва усулҳои таълим,

ба даст овардани дониши мукаммал, истифода аз дастовардҳои илми муосир, дар истеҳсолот ҷорӣ сохтани техникаву технологияҳои навин ва, муҳимтар аз ҳама, тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯ вобаста мебошад.

* * *

Зиёиёни моро лозим аст, ки барои омӯхтан ва ба мардум фаҳмонидани моҳияти дастовардҳои беназири даврони истиқлол ҳарчи бештар кӯшиш намоянд ва дар баланд бардоштани сатҳи маърифат ва савияи маънавии ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ, худшиносӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихор аз миллату давлати хеш саҳми шоиста гузоранд. Ҳамчунин мардуми кишварро ҳарчи бештар ба бунёдкориву ободгарӣ ва меҳнати созанда раҳнамоӣ кунанд.

* * *

Зиёӣ ин шуълаест, ки ҳамеша роҳи ҷомеаро мунаввар месозад ва мардумро ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Бо дарназардошти он, ки дар Тоҷикистон намояндагони халқу миллатҳои дигар зиндагӣ мекунанд, тарғибу таҳкими дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ низ, ки арзишҳои волои инсонӣ ба шумор мераванд, аз ҷумлаи муҳимтарин вазифаҳои зиёиёни мо мебошанд.

* * *

Вазифаи зиёиён ин аст, ки наврасону ҷавононро бо дастовардҳои тозаи илму фарҳанги ҷаҳонӣ пайваста ошно намоянд, онҳоро ба омӯзиши илм ва технологияҳои муосир ҳавасманд гардонанд. Роҳи расидан ба истиқлолият ва ваҳдати миллӣ шояд дар тасаввур осон намояд, вале ҳаёт нишон медиҳад, ки ҳифзи истиқлол ва ваҳдати миллӣ аз сокинони кишвар, бахусус зиёиён, мубориза, ҷаҳду талошҳои зиёд, маърифати баланд ва фарҳанги сиёсии мукаммалро талаб менамояд.

* * *

Вазифаи аввалиндараҷаи зиёиён аз он иборат аст, ки бо кору талоши худ истиқлоли давлатии моро ҳамчун муқаддастарин дастоварди миллат ва неъмати гаронбаҳо ҳифз намоянд, онро ҳамвора таҳким бахшанд, ҷаҳони маънавии халқамонро ғанитар ва рангинтар гардонанд.

* * *

Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти устувори миллат ва ҷомеа дар ҷаҳони муосир, қабл аз ҳама, ба ифтихори баланди милливу ватандорӣ, худшиносиву худогоҳии афроди он ва садоқату муҳаббати фарзандонаш ба ин сарзамини аҷдодӣ вобаста мебошад. Дар ин раванд зиёиён ва равшанфикрон бояд неруи раҳнамо ва ҳидоятгари ҷомеа бошанд.

* * *

Сулҳу суботе, ки бо мушкилоти зиёд ва гузаштҳои ду ҷониб ба вуҷуд омад, на нишони заифӣ, балки дар асоси фалсафаи сулҳофарии тоҷикон ба даст овардани суботу оромист, яъне модели нави ҳалли низоъҳо – модели сулҳофарии тоҷикон – тавлид гардид, ки дар он нақши зиёиёни тоҷик калон аст.

* * *

Дар ҷаҳон миллати моро ҳамчун мардуми китобдору китобдӯст, фарҳангпарвару фарҳангсолор ва соҳибмаърифату мутамаддин эътироф кардаанд. Ва рисолати таърихии равшанфикрони мо дар гузашта, имрӯз ва оянда низ бо таълифу таснифи осори илмиву адабӣ, тарғиби ахлоқи ҳамида, ба роҳи рост раҳнамоӣ кардани ҷомеа ва эҳтироми фарҳангу ойини халқу миллатҳои дигари ҷаҳон марбут мебошад.

* * *

Китобҳоеро бояд чоп кард, ки рисолати таърихии миллатро равшан намоянд, неруи зеҳниро бедор кунанд, моро ба донишандӯзию ҷаҳоншиносӣ бихонанд, оташи муҳаббатро ба Ватан, обу хоки поки он, рамзҳои муқаддаси миллӣ дар дили мардум барафрӯзанд.

* * *

Вазифаи ҳар як зиёии ватандӯст ба воситаи асарҳои илмӣ, адабӣ ва публисистӣ дониши халқи худро ғанӣ гардонидан, ҳисси ифтихори миллии ӯро бедор сохтан ва дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ асолати миллии мардуми кишвари соҳибистиқлоламонро ҳифз кардан аст.

* * *

Зиёиёни мо, ки парчамбардори андешаҳои олии башардӯстонаи аҷдоди бузурги хеш мебошанд, бояд ин маъниро беш аз пеш дарк намоянд ва онро ҳамеша бо пиндору гуфтору кирдори худ дар ҷомеа талқин созанд.

* * *

Бешак, рушди ҳар як ҷомеа ба ташаббус ва фаъолияти зиёиён, ки зубдаи зеҳнии ҷомеа ҳастанд, вобастагии зиёд дорад. Зеро дастовардҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии инсоният, бунёд ва ташаккули низоми ҷамъиятӣ дар ҳама даврaҳои таърихӣ, пеш аз ҳама, маҳсули андешаву хиради зиёиён ва истеъдоду маҳорати онҳо мебошад.

* * *

Зиёиёни кишвари моро зарур аст, ки ҳамчун неруи тавонои иҷтимоӣ тафаккури созандаи ҷомеаро

тақвият бахшида, бо фаъолияти созандаи худ пешоҳанги миллат ва ибратбахши ҷомеа бошанд.

* * *

Зиёиёни моро зарур аст, ки пайваста дар сафи пеши созандагӣ, эҳёи арзишҳои милливу инсонӣ ва густариши илму маърифат қарор дошта бошанд. Зиёиёни мо бояд ифтихор намоянд, ки замона ба дӯши онҳо вазифаи боифтихори ташаккул ва рушд додани афкори ҷомеаро гузоштааст. Зиёиёни эҷодкори моро зарур аст, ки масъалаҳои нав ва мубрами ҳаёт, офаридани чеҳраҳои одамони даврони истиқлолро дар илм, адабиёт ва театру кино ҷасурона ба миён гузоранд.

* * *

Эҳёи ҷанбаҳои мардумии Наврӯз, тарғибу таблиғи мунтазами суннатҳои ин ҷашни бостонӣ, оммавӣ гардонидани ғояву арзишҳои ҷовидонаи он ва, ба ин восита, таҳкими бахшидани пояҳои фарҳангии зиндагии ҷомеаи мо яке аз вазифаҳои муҳимтарини аҳли зиё мебошанд.

* * *

Равшанфикрони мо вазифадоранд, ки барои шарҳи нуктаҳои ҳассоси сиёсати давлатӣ талош карда, ҷиҳати рушди Тоҷикистони азиз, пойдории суботи сиёсӣ ва таҳкими рукнҳои давлатдорӣ кӯшиш намоянд. Дар марҳалаи кунунӣ сиёсати фарҳангии

давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба таъмини амнияти фарҳангии кишвар, таҳкими рукнҳои маънавии давлатдорӣ, тавсеаи тафаккури созандаву бунёдгарона, болоравии ифтихори миллӣ ва эҳсоси ватандории сокинони мамлакат, яъне ба тақвияти ҳувияти миллӣ, нигаронида шудааст, ки дар ин раванд нақши зиёиён бояд назаррас бошад.

* * *

Мо бояд ба зиёиёни ҷавон роҳи васеъ кушода, барои онҳо имконият фароҳам орем, ки дастоварду ихтироот ва маҳсули эҷоди худро ба дигарон муаррифӣ созанд.

* * *

Ободу зебо нигоҳ доштан ва бою рангоранг гардонидани осорхонаҳои милливу таърихӣ қарзи муқаддаси инсонии ҳар як фарди равшанфикру бедордили миллат аст, ки дар ин кори наҷиб бояд зиёиён, инчунин соҳибкорони бонангу номус ва ватандӯст, бештар мададгору ташаббускор бошанд.

Зиёиён бо дарназардошти дигаргуниҳои куллие, ки дар кишвари мо идома доранд, бояд ба равандҳои ҷомеа аз диди нави таърихӣ баҳо диҳанд ва дурнамои рушди минбаъдаро муайян созанд.

* * *

Тарғиби бузургтарин дастоварди халқамон – истиқлолияту озодӣ, вазифаи аввалиндараҷаи зиёиён маҳсуб ёфта, онҳо бояд дар таҳқиқоту асарҳои худ аҳамият ва муҳтавои ин мафҳумҳои муқаддасро боз ҳам васеътар инъикос созанд, ба хотири таҳкими суботи сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, ифтихори ватандорӣ ва ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистони азиз, инчунин забон, фарҳанг, расму ойин ва суннату анъанаҳои миллӣ минбаъд низ кӯшиш намоянд.

* * *

Зиёии асил дар ростои ташаккулу тавсеаи тафаккури миллӣ ҳамеша фаъол буда, ба раванди пешрафти маънавиёти ҷомеа таъсир мерасонад, каму костиҳои ҷомеаро аз ҳама пеш дарк мекунад ва барои рафъи онҳо тадбир меҷӯяд.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст,2017. – 464 саҳ.)

СУЛҲУ ОСОИШ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Андешаи миллӣ барои таҳкими ваҳдати комил ва рушди устувори давлатдорӣ нақши басо муассир мебозад. Сулолаҳо, шоҳону лашкаркашон меоянду мераванд, низомҳои сиёсиву иҷтимоӣ дигаргун мешаванд, аммо андешаи миллӣ ҳамчун ганҷи бебаҳо дар масири ин таҳаввулот торафт сайқал ёфта, боз ҳам пурмазмун ва пурҷилову тобнок мешавад.

* * *

Ҳамаи моро зарур аст, ки баробари шукронаву ифтихор кардан аз Ватани аҷдодиву давлати соҳибистиқлоламон тамоми азму талоши худро ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва сарҷамъии миллат равона карда, ободии имрӯзу фардои кишварро таъмин намоем ва нагузорем, ки андешаҳои бегонапарастӣ, ифротгароиву тахрибкорӣ ва тундравию таассуб ба тафаккури мардуми мо, бахусус ҷавонон, нуфуз пайдо кунанд.

* * *

Аҷнабиёне, ки дар давру замонҳои гуногун ба сарзамини ҳамешабаҳор ва ободи ниёгонамон ҳуҷум мекарданд, натавонистанд суннату ойинҳои аҷдодии моро маҳв кунанд. Баръакс, фарҳанги қадимаву расму ойинҳои инсонпарваронаи мо онҳоро бо гузашти айём асири хеш мегардонданд.

Гузашта аз ин, бисёр аҷнабиён Наврӯзро, ҳамчун ҷашни бузургу бошукӯҳ, ба диёри худ бурдаанд ва аз арзишҳои маънавию фарҳангии халқи мо дарси ҳикмат омӯхтаанд.

* * *

Роҳи мушкил, пурхатар ва душвори расидан ба сулҳу ризоияти миллӣ барои ҳамаи мо сабақ дод, ки ягон неъмати дигари олам аз истиқлолияту озодӣ, давлати соҳибихтиёри миллӣ ва Ватани муқаддаси аҷдодӣ болотар нест.

* * *

Мардуми тоҷик маҳз бо файзу баракати истиқлолият ва ваҳдат ба давлатдории миллӣ ва эъмори ҷомеаи демократӣ расид. ҳар қадар, ки аз ин санаи тақдирсоз фосилаи таърих бештар тай мешавад, аҳамияти бузургу сарнавиштсози ин ду мафҳуми муқаддас барои давлату халқи Тоҷикистон ҳамон қадар равшантар мегардад.

* * *

Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки миллати тоҷик таърихан ва табиатан сулҳдӯст, фарҳангпарвар, офарандаи ганҷинаҳои тамаддуни башарӣ, созандаву бунёдкор мебошад ва ин сифатҳои олиро насл ба насл инкишоф дода, дар таърихи навини халқамон саҳифаҳои заррину дурахшонро сабт мекунад.

* * *

Ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи поянда, ормонҳои волои истиқлолият ва ҳадафҳои наҷиби созандагӣ раҳнамои ояндаи неки пиру ҷавони мамлакат мебошанд.

* * *

Сулҳу суботи пойдор ва ваҳдати ҷовидонаи миллӣ барои мо имконият фароҳам овард, ки татбиқи даҳҳо барномаву нақшаҳои давлатии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари озоди худро ба роҳ монда, обрӯву эътибор ва мақому ҷойгоҳи сазовори байналмилалии Тоҷикистони азизамонро дар арсаи ҷаҳон таъмин намоем. Истиқлолият ва ваҳдат мафҳумҳои муродиф мебошанд. Танҳо дар сурати пойдории ваҳдати комил истиқлолияти Ватан таҳқим меёбад ва побарҷо мемонад. Ва, дар навбати худ, ҳифзу таҳкими истиқлолият ҳамчун замина барои такомули ваҳдати миллӣ ва дӯстиву бародарии тамоми сокинони Ватани азизамон хизмат менамояд.

* * *

Мо фарҳанги сулҳ ва ваҳдати бадастовардаамонро қадр ва ҳифз менамоем. Зеро сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои ҷомеаи мо дастоварди бузург ва, зиёда аз ин, заминаи тамоми таҳаввулоти демократӣ мебошанд.

* * *

Мо минбаъд низ бояд кӯшиш намоем, ки дар таҳкими сулҳи ҷаҳон саҳми арзанда гузорем. Зеро таърихан миллати мо бо ҳамин андешаву амалаш машҳур буд, ба мулкеву кишваре дастдарозӣ надошт, яъне вуҷуди миллати мо аз гили сулҳ сиришта шудааст.

* * *

Халқи тоҷик сулҳу ҳамдигарфаҳмиро ба ивази азияту заҳмати сахту сангин ва, муҳимтар аз ҳама, ба баҳои ҷони даҳҳо ҳазор қурбониёни ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст овард ва имрӯз шукргузор аст, ки дар фазои неъмати бузурги суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа кору зиндагӣ дорад.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ ва озодӣ барои мо неъматҳои муқаддастарин ва бузургтарин мебошанд, ки тамоми дастовардҳои мо аз онҳо вобастаанд. Расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ яке аз нахустин дастовардҳои таърихӣ ва арзиши муқаддаси оғози даврони истиқлол мебошад, ки танҳо бо майлу хоҳиши мардуми сулҳхоҳу таҳаммулгарои тоҷик муяссар гардид, яъне ин дастоварди таърихӣ, пеш аз ҳама, хизмати бузурги халқи тоҷик мебошад.

* * *

Ҳадафҳои созандагӣ, ҷаҳду талошҳои пайгирона, ормонҳои волои истиқлолият ва сулҳу ваҳдат ҳидоятгари мо ба сӯйи ояндаи нек ва зиндагии осоиштаву осудаҳолона мебошанд.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ду боли тавоное мебошанд, ки Тоҷикистонро ба парвозҳои баланд ҳидоят менамоянд. Пойдории ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар саросари кишвар ва тараққиёти ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар натиҷаи хизмати бузургу қаҳрамононаи халқи хирадманд, сулҳдӯст ва бунёдкори тоҷик ба воқеият табдил ёфтанд.

* * *

Фарҳанги сулҳ пойдевори воқеии ҳалли муқовиматҳо, расидан ба сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ дар мамлакати мо гардид, ки назирашро ягон халқу миллат надида буд.

* * *

Ҳадафи муҳимтарини давлат ва ҷомеаи мо бештар густариш додани фарҳанги сулҳ ва решадор сохтани ваҳдату ризоияти миллӣ ҳамчун дастоварди нодиртарини мардуми Тоҷикистон мебошад. Барои мардуми шарифи кишвар сулҳу субот, ваҳдати миллӣ

ва оромиву пешрафти ҷомеа арзишҳои муқаддас ва азизанд.

* * *

Дар ҳама ҳолат ва дар ҳар гуна вазъият ҳимояву ҳифозати манфиатҳои олии миллӣ иборат аз таъмини истиқлолу озодӣ, тамомияти арзӣ ва суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар меҳвари фаъолияти сиёсии моро ташкил медиҳад.

* * *

Мо бояд ин имконияти дар ҳақиқат таърихиро бисёр масъулона ва басо оқилона истифода намуда, истиқлоли Ватан, ягонагӣ ва ваҳдати миллиро таҳкими ҳамаҷониба бахшем. Ин исботи воқеии он хоҳад гардид, ки мо ворисони арзандаи гузаштагони некноми хеш мебошем. Ваҳдати миллӣ ва ҳамдигарфаҳмии афроди ҷомеа муҳимтарин омили пешрафти давлату миллат мебошанд.

* * *

Ҳифзи озодиву истиқлолият, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ вазифаи муҳимтарини ҳар як фарди бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошанд.

* * *

Бақои миллат ва иқтидори давлат аз пойдориву устувории сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ вобастаанд ва дарки ҳамин арзиши ҳаётӣ миллати бостонии моро дар раванди рӯйдодҳои фоҷиабори ибтидои давраи соҳибистиқлолӣ аз парокандагиву пошхӯрӣ эмин нигоҳ дошт. Фарҳанги сулҳ қутбнамои роҳи бунёдкоронаи истиқлолияти миллии мо гардида, ҳамчун падидаи тоза ва ибратомӯзи ҳаллу фасли муноқишаҳои сиёсӣ, сиёсати сулҳҷӯёнаи давлати моро дар арсаи ҷаҳонӣ вусъат мебахшад.

* * *

Арзиши муқаддасу таърихӣ ва омили муҳимтарини ҳамаи дастовардҳои миллати мо баъди истиқлолияти давлатӣ, бешубҳа, ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ мебошанд.

* * *

Фарҳанги сулҳ эътибору нуфузи байналмилалии тоҷиконро болотар бурда, пойдории истиқлолияти Тоҷикистонро аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ таъмин менамояд. Ҳифзу таъмин намудани сулҳу ваҳдат ва шароити зиндагии арзандаи сокинони кишвар ҳадафҳои олии давлат ва Ҳукумати мамлакат мебошанд ва мо минбаъд низ

тамоми имкониятҳоямонро барои расидан ба ин ҳадафҳо сафарбар мекунем.

* * *

Дар ин марҳалаи мураккаби таърихӣ ва дар шароити ҳассоси минтақа ва ҷаҳон таҳкими ваҳдати миллӣ ва муътадил нигоҳ доштани фазои сиёсиву мафкуравии ҷомеа барои давлатдории тоҷикон аҳамияти сарнавиштсоз доранд.

* * *

Ҳамаи мо, сокинони кишвар, барои фардои давлату миллат, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, хулоса, барои ояндаи осудаи Тоҷикистон масъулият дорем. Дар ҷомеае, ки ваҳдату якдигарфаҳмӣ, сулҳу субот, риояи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ таъмин аст, хеҷ гоҳ ҳуқуқ ва озодии инсон поймол нахоҳад гашт.

* * *

Ҳар як фарди бонангу номуси Ватан бояд кӯшиш намояд, ки ба қадри имкон дар ободониву созандагии сарзамини аҷдодӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва тақвияти иқтидори давлати соҳибистиқлоли худ саҳме гузорад.

* * *

Бовар дорам, ки мо якҷо бо халқи шарифу сарбаландамон имсол ва солҳои минбаъда низ ба

хотири рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии давлатамон, таҳкими ваҳдати миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи халқамон ҷаҳду талоши бештар намуда, Тоҷикистони азизамонро дар арсаи олам ба таври сазовор муаррифӣ мекунем.

* * *

Парчами ваҳдати миллӣ ва сулҳу осоиши пойдор фазои боварию эътимодро ба оянда афзуда, ҳисси худшиносӣ, асолати ватандӯстӣ ва ифтихори миллии мардумро боло мебарад.

* * *

Ҷомеаи Тоҷикистон ҳоло бояд имкониятҳои имрӯзаро воқеъбинона арзёбӣ намояд ва дар заминаи ризоияту ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва таъмини амният тадриҷан пеш равад. Зеро ҳар як халқ ба фарҳанг ва анъанаву суннатҳои миллӣ такя намуда, бо роҳи хосси худ инкишоф меёбад. Ризоияти сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ амри ҳаётӣ ва муқаддасанд. Ҳифз ва таҳкими минбаъдаи онҳо вазифаи ҷонии ҳар як фарди баномуси Ватан мебошанд.

* * *

Таҷрибаи сулҳофарии мо собит сохт, ки ғояҳои ваҳдату башардӯстӣ ва фарҳангсозиву ватанпарастӣ муҳимтарин унсури андешаи миллии тоҷикон

мебошанд. Дар натиҷаи ҳидояти ҳамин андешаи миллӣ ва хиради азалӣ буд, ки пеши роҳи бародаркушиву худсӯзии миллатамон сари вақт гирифта шуд.

* * *

Мо бояд шукр гӯем, ки ба чунин рӯзгори орому осуда расидаем ва сулҳу субот, ваҳдати миллиро ҳамчун дастоварди азизтарини халқамон, ба монанди гавҳараки чашм, эҳтиёт кунем. Имрӯз иттиҳоду ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ, маърифату огоҳии сиёсӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва эҳсоси ватандорӣ барои ҳард фард аз ҳарвақта бештар зарур аст. Зеро яке аз рукнҳои асосии ташаккули давлатдории миллӣ ва худшиносии миллӣ фарҳангу маърифати баланди сиёсӣ, ватандӯстиву ватандорӣ мебошанд.

* * *

Ҳар як фарди бедордили ҷомеа, ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон, ки барояш Ватан ва сарзамини аҷдодӣ қадру манзалат дорад, бояд сулҳу ваҳдатро чун гавҳараки чашм ҳифз карда, барои ободиву пешрафти кишвар ҷаҳду талош намояд.

* * *

Озодиву истиқлолият бароямон дастоварди бузургтарин ва ғояи муқаддаси миллӣ буда, мо, бо

вуҷуди мушкилоти ҷойдошта, барои ҳимоя ва пойдору устувор мондани он минбаъд низ тамоми саъю талоши худро равона месозем ва ин неъмати бузурги миллатамонро чун гавҳараки чашм эҳтиёту ҳифз мекунем.

* * *

Бо дарназардошти таҳдидҳои замони муосир, мо ваҳдати миллиро, ки миллати тоҷикро аз ҷудоиву парокандагӣ наҷот бахшид, дастоварди пуразриш меҳисобем. Зиёда аз ин, мо ваҳдату ризоияти ҷомеаро омили асосии кулли дастовардҳои минбаъдаи миллат ва давлати худ медонем ва аз ин хотир мо онҳоро қадр ва ҳифз менамоем.

* * *

Манбаъ ва асосҳои бунёдии ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ дар Тоҷикистон аз муттаҳидии халқ ва пойдории сулҳу субот, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарварии мардум, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ, тақвият бахшидан ба мақоми давлат ҳамчун ҳомӣ ва кафили ҳифзи манфиатҳои халқ, афзоиши неруи иқтисодии кишвар ва нуфузу эътибори байналмилалии он иборатанд.

* * *

Масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ, нигоҳ доштани оромии авзои ҷомеа, пойдории сулҳу

субот ва таҳкими истиқлолияту ҳифзи дастовардҳои он як қисми таркибии сиёсати давлатии мо мебошад.

* * *

Мо сиёсати пойдории сулҳу субот, ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллиро, ки давлати тоҷикро аз нобудшавию миллатро аз парокандагӣ наҷот бахшид, яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолият мешуморем.

* * *

Имрӯз мафҳумҳои истиқлолият ва озодӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, тамомияти арзӣ, ободии Ватан ва созандагӣ на танҳо ҳамчун ғояҳои умумимиллӣ пазируфта шудаанд, балки ба ҳайси қутбнамо дар тафаккури мардумамон ҷой гирифтаанд.

* * *

Дастоварди бузургтарини мо дар даврони истиқлолият барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон мебошанд, ки маҳз ба шарофати хирадӣ азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардиданд.

* * *

Мо дар низоми давлату давлатдории худ ба хотири баланд бардоштани ифтихори ватандориву худшиносӣ, ҳифзи фазои орому осуда ва сулҳу субот дар ҷомеа, ҳамчунин таҳкими ваҳдати миллӣ кӯшишу талош менамоем.

* * *

Сулҳу ваҳдат бароямон дастовардҳои бузургтарин буда, барои ҳимоя ва пойдору устувор мондани ин арзишҳои муҳим минбаъд низ тамоми саъю талоши худро равона месозем ва ин неъматҳои бузургро чун гавҳараки чашм эҳтиёту ҳифз мекунем. Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мо ҳамчун арзишҳои муқаддастарин қадру қимати бузург доранд ва ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ҷониву имонии тамоми халқи мамлакат мебошанд.

* * *

Зуҳури падидаи ваҳдати миллӣ аслан марбут ба ташаккули давлати миллист, зеро маҳз дар доираи давлати миллӣ зарурати ба даст овардани эҳсоси умумияти ягонаи сиёсии мардум боло меравад.

* * *

Масъалаҳои ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими иқтидори

иқтисодии мамлакат, фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтари зиндагӣ вазифаҳои аввалиндараҷаи мо маҳсуб меёбанд. Мо, наслҳои имрӯзаи тоҷикон, ки масъулияти тақдири давлат ва миллатро ба дӯши хеш гирифтаем, бояд халқамонро ҳамеша дар муттаҳидӣ нигоҳ дорем ва ба бунёдкориву созандагӣ раҳнамун созем.

* * *

Вақте ки доир ба нақши истиқлолият дар ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин роҳҳои устувор сохтани давлатдории миллӣ сухан мегӯем, бояд масъалаи ваҳдати миллӣ, зарурат ва аҳамияти ҳифзу таҳкими онро низ аз мадди назар дур насозем.

* * *

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мо ҳамчун арзишҳои бисёр азизу муқаддас аҳамияти ниҳоят калон доранд ва ҳифзу таҳкими онҳо вазифаи ватандӯстонаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон мебошанд. Яке аз музаффариятҳои бузурги даврони истиқлолият ноил гаштан ба ваҳдати миллӣ мебошад. Маҳз ваҳдати миллӣ ба мо имкон дод, ки то имрӯз корҳои бузургеро ба анҷом расонем.

* * *

Мо бояд масъалаи сарҷамъиву иттиҳоди миллат, ваҳдати миллӣ, инчунин аҳамият ва зарурати ҳифзи

ин неъмати ниҳоят муқаддаси халқамонро ҳеҷ гоҳ аз мадди назар дур насозем.

* * *

Сарҷамъии миллат, сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсиву иҷтимоӣ аз ҷумлаи шоҳсутунҳои кохи муҳташами истиқлол, сарчашмаи бахту иқболи халқи тоҷик ва кафолати рушди муназзаму устувори давлати тоҷикон мебошанд. Мо бояд ҳамеша дар мадди назар дошта бошем, ки истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва зиндагии осоишта дастоварди ва неъмати беназири мо мебошанд.

* * *

Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд.

* * *

Ваҳдати миллӣ ё ягонагии миллӣ ин худро ба сифати як ҷузъи миллат амиқан дарк кардан, ҳифзи онро вазифаи шахсии худ ва тамоми ҷомеа донистан, дар роҳи татбиқи марому мақсадҳои миллат саъй кардан аст. Муваффақияти бузургтарини бадастовардаи мо ҳамин аст, ки ваҳдати миллати тоҷик ва якпорчагии қаламрави Тоҷикистонро ҳифз карда тавонистем ва бо кумаки

фаъолонаи ҷомеаи ҷаҳон ба мо муяссар гашт, ки ба ҷанги дохилӣ хотима дода, сулҳу созгорӣ ва адолатро дар мамлакат барқарор созем.

* * *

Маҳз дар партави ваҳдати шикастнопазир халқи мо метавонад ба эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дастёб гашта, дар пешрафти фарҳанги умумибашарӣ саҳмгузор бошад.

* * *

Имрӯз замоне расидааст, ки моҳият ва мақоми андешаи миллии тоҷиконро мо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳем. Андешаи миллиро мо бояд ҳамчун шакли тафаккур, маҷмӯи ғояву шуур, унсури ваҳдату ризоият, ҳувият ва ифтихори миллӣ арзёбӣ карда, ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем.

* * *

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ бузургтарин дастовардҳои мардуми шарафманди мо маҳсуб ёфта, ҳифзу ҳимояи онон вазифаи шаҳрвандии ҳар як сокини бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

* * *

Мардуми Тоҷикистон равшан дарк намудааст, ки танҳо дар фазои сулҳу ваҳдати миллӣ ва тавассути заҳмати ватандӯстона метавон давлати тоза–

истиқлоли хешро ба мамлакати ободу пешрафта мубаддал гардонид ва барои наслҳои оянда як кишвари воқеан мутараққӣ ва мутамаддинро ба мерос гузошт.

* * *

Мо итминони комил дорем, ки шинохти дирӯзу имрӯзу фардо, ифтихор аз ваҳдату давлатдории миллӣ ва ба ҷо овардани шукронаи соҳиб–истиқлоливу соҳибдавлатӣ мардуми моро ба соҳили мурод мерасонанд.

* * *

Ғояи ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар як марҳалаи муҳиму тақдирсози таърихи кишварамон ҳамчун омили муттаҳидкунандаи ҷомеа нақши муассиру арзандаи худро ба анҷом расонид. Ва акнун замони он фаро расидааст, ки ин падидаи муттаҳидсози миллат дар байни сокинони мамлакат, аз ҷумла наврасону ҷавонон, ба сифати воситаи муҳими таҳкими худшиносӣ ва тафаккури миллӣ ҳарчи бештар тарғибу ташвиқ карда шавад.

* * *

Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти арзишмандтарин мебошад, зеро он барои амалӣ гардидани ормонҳои халқамон, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу оромӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ буд, заминаи воқеӣ гузошт.

* * *

Роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки мо бо он устуворона пеш рафта истодаем, воқеан далели барҷастаи пирӯзии ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулгароӣ, ягонагии халқ ва ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб меёбад. Мардуми соҳибмаърифату сулҳҷӯйи мо таҳти парчами ваҳдату ягонагии миллат ба ҳам омада, ваҳдати миллиро ҳамчун шарти асосии пешрафти ҷомеа пазируфт ва барои ҳифзу таҳкими ин арзиши гаронбаҳо то ба имрӯз бо камоли ғайрату матонат азму талош карда истодааст.

* * *

Миллати хирадманду солори мо бар аҳримани ҷангу куштор бо ақлу заковати худ пирӯз шуд ва мактаби бузурги сулҳофарӣ ва ваҳдатсозиро бино гузошт.

* * *

Ваҳдати миллӣ ва таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон аз ҷумлаи сабақҳои басо арзишмандест, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди қабулу омӯзиш қарор гирифт. Ваҳдати миллиро, бешубҳа, метавон ҳамчун самараи талошҳои хурду бузурги Ватани азизамон маънидод кард ва ба ҳамин хотир ҳар яки мо вазифадорем, ки

онро мисли гавҳараки чашм ҳифзу нигоҳдорӣ намоем.

* * *

Ғояи ваҳдати миллӣ дар як марҳалаи тақдирсози таърихӣ ҳамчун омили неруманди иттиҳоди ҷомеаи мо хизмати бузургу пуразришро анҷом дод.

* * *

Мо бояд дар шуури наслҳои имрӯзу оянда ғояҳои саодатбахши расидан ба қадри истиқлолият ва сабақҳои сулҳу ваҳдатро тавассути барномаҳои фарогир дар байни мардум, алалхусус насли ҷавони кишвар, беш аз пеш тарғибу ташвиқ намоем ва ин иқдомро пайваста вусъат бахшем. Истиқлолият ва ваҳдат дар таърихи навини халқамон ҳамчун омилҳои созанда дар самти бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва, чун ҷузъи ҷудоинопазири фарҳанги таҳаммулгароӣ, барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлатамон заминаи асосӣ гузоштанд.

* * *

Ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва кӯшиш ба хотири густариши ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа вазифаи ҳар як фарди худогоҳу ватандӯсти мамлакат мебошанд.

* * *

Ваҳдати миллӣ самараи талошҳои ватандӯстонаи хурду бузурги давлати тозабунёдамон ва хизмати таърихии халқи Тоҷикистон мебошад ва маҳз ба ҳамин хотир мо вазифадорем, ки ин неъмати бебаҳоро, ба мисли гавҳараки чашм, азизу гиромӣ дорем ва ҳифзу нигоҳдорӣ намоем.

* * *

Ваҳдати миллӣ барои мо дастоварди ниҳоят пуразриш, шарти асосии некуаҳволии халқамон ва таҳкурсии боэътимоди пешрафту ободии Ватани маҳбубамон мебошад.

* * *

Мо истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллиамонро танҳо дар сурате пойдору устувор нигоҳ дошта, ҷомеаи худро ба як ҷомеаи мутамаддин табдил дода метавонем, ки агар нақшаву ниятҳои оғозкардаамонро бо заҳмати аҳлонаву содиқона вусъати дучанд бахшем, сарзамини биҳиштосоямонро сидқан дӯст дорем ва пайваста саъй кунем, ки ватани маҳбубамонро ба як гӯшаи ободу пешрафтаи сайёра мубаддал гардонем.

Вазифаи ҳар шахси худшиносу худогоҳ, ватандӯсту ватанпарвар аз он иборат аст, ки ваҳдати миллиро, чун гавҳари бебаҳо ва дастоварди ниҳоят азиз, ҳифз

намояд ва онро дар радифи дигар муқаддасоти миллиамон пос ва гиромӣ дорад.

* * *

Ваҳдати миллӣ ҳамчун рамзи пирӯзиву хушбахтӣ ба мардуми тоҷик неруву тавони нав бахшид, дар қалби ҳар як сокини кишвар шуълаи умедро ба фардои ободу осуда фурӯзон намуд ва қалбҳои хурду бузурги мамлакатро пур аз шодиву фараҳ гардонид. Маҳз ваҳдати миллӣ халқи тоҷикро аз хатари парокандагӣ ва давлати тозаистиқлоли тоҷиконро аз вартаи нобудӣ раҳоӣ бахшида, замина фароҳам оварад, ки мо муттаҳид шавем, Ватанамонро соҳибӣ ва обод кунем ва рушди бомароми Тоҷикистони азизамонро таъмин гардонем.

* * *

Ваҳдати миллӣ меҳвари сиёсати дохилии давлати мо буда, онро пойдору устувор нигоҳ медорад ва вазифаи муқаддаси ҳамаи мо аз он иборат аст, ки бо саъю талоши пайваста аркони давлати соҳибихтиёрамонро боз ҳам таҳким бахшем.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомали Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)

Қонун дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд

Мақсади Қонуни мазкури ҷумҳурӣ пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

Қонун масъулияти падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд (минбаъд – падару модар), дар таълиму тарбияи фарзанд танзим менамояд.

Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли истиқомати онҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли ҷойгиршавии онҳо, татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин

санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Дар Қонуни мазкур **мафҳумҳои асосии** зерин истифода мешаванд:

– фарзанд (кӯдак) – шахси ба синни ҳаждаҳсола нарасида;

– шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд, – васӣ, парастор, фарзандхондагон, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, дигар намояндагони қонунии онҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки кӯдак дар таълиму тарбияи онҳо қарор дорад (минбаъд – муассисаҳои таълимӣ);

– васӣ ва парастор – шахсоне, ки ба мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони ғайри қобили амал ва қобилияти пурраи амал надошта аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудаанд;

– таълим – раванди фаъолияти муштараки падару модар, омӯзгор ва муассисаи таълимӣ баҳри инкишофи шахсият, истеъдод, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак;

– тарбия – раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

– марказҳои дилхушӣ – клубҳои шабона, дискоклубҳо, интернет – кафеҳо, марказҳои компю–терӣ, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок, тарабхонаҳо ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фароғатӣ ва истироҳатӣ машғуланд.

(Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»)

Қонун дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо

Мақсади Қонуни мазкури ҷумҳурӣ аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамояд, иборат аст. Қонун ҳамчунин барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Вазифаи Қонун танзими анъана ва ҷашну маросим дар асоси дастовардҳои фарҳанги миллӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад.

Амали Қонуни мазкур ба мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳо, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият, ҳамчунин ҳамаи шахсони воқеӣ, новобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва мансубияти миллиашон, сурат мегирад.

Ақаллиятҳои миллӣ дар доираи муқаррароти Қонуни мазкур дар баргузории анъана ва ҷашну маросими суннатиашон озод мебошанд.

Дар Қонун **мафҳумҳои асосии** зерин истифода мешаванд:

анъана маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавии мероси иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ва ё гурӯҳҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ буда, аз насл ба насл мегузарад;

маросим маҷмӯи амалҳои рамзие мебошад, ки муносибати шахсон ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба падидаҳои муҳими ҳаёти фарҳангии ҷомеа муқаррар менамояд;

ҷашн таҷлили рӯйдодҳо ва ё санаҳои таърихию фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ ва оилавӣ мебошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

(Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»)

2. ДАВЛАТУ ДАВЛАТДОРӢ

ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МИЛЛӢ

Истиқлолияти давлатӣ, Забон, Модар, Ватан, фарҳанг ва тамаддуни куҳанбунёд ҳалқаҳои васле мебошанд, ки моро ба сӯйи ваҳдату ягонагӣ ва муттаҳидиву сарҷамъии миллат раҳнамоӣ месозанд. Аз ин рӯ ҳар кадоми онҳо барои мо аз муқаддасоти инсонӣ ва имонӣ ба шумор мераванд.

* * *

Ба хотири дарки арзиши таърихии истиқлолият ва дарёфти роҳҳои таҳкими он мо паҳлуҳои гуногуни ин неъмати азизи худододро гаштаву баргашта мавриди арзёбӣ қарор медиҳем. Зеро истиқлолияти Тоҷикистон на фақат дар асри охир, балки дар садсолаҳои дарози сарнавишти куҳан ва тақдири иҷтимоии халқамон пирӯзии бузург маҳсуб меёбад.

* * *

Ба шарофати истиқлолият тақдири Ватану давлати аҷдодии худро ба даст гирифта, бо симои хос ва азму иродаи созандагӣ сӯйи ояндаи обод ва ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ меравем.

* * *

Барои он, ки истиқлолияти Тоҷикистон пойдору устувор гардад ва давлати мо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи хосси худро ёфта, дар сафи кишварҳои тараққикарда ҷой гирад, бояд мо гузаштаи худро

хуб дарк карда, бо неруи тоза ва азму иродаи қавӣ ба ҳалли мушкилоти имрӯзу оянда рӯ оварем.

* * *

Мо вазифадорем, ки ба хотири ҳифзи истиқлолияти давлатамон ва таъмин намудани рушди бонизоми иқтисодиву иҷтимоии кишварамон сиёсати давлати худро, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, имконияту захираҳои воқеӣ, таҷрибаи давлатдории миллӣ ва тибқи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ, таҳия ва роҳандозӣ намоем.

* * *

Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардида, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошт.

* * *

Ҳамаи мо аз таърихи пурифтихори халқамон хуб медонем, ки андешаи истиқлолияту соҳибихтиёрӣ, талоши расидан ба давлатдории мустақили миллӣ ва орзуву ормони озодандешӣ дар зеҳни миллати истиқлолхоҳи мо ва фарзандони некному хирадманди он дар тӯли садсолаҳо зинда буд.

* * *

Бо итминони комил метавон гуфт, ки истиқлолият ва ваҳдат сароғози рушд ва шарти бақои давлатдории миллӣ, эҳёи фарҳангу тамаддун, асоси худшиносӣ ва андешаи миллӣ мебошанд.

* * *

Дар ниҳоди миллати мо омилҳои бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлолият ҳамеша вуҷуд доштанд: асолат ва ҳувияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузург ва созандаи иҷтимоӣ, фарҳанг ва маънавиёти дурахшон, ки ҳамаи онҳо дар асл шаҳсутунҳои ҳаёти фаъол ва таърихии миллати мо будаанд.

* * *

Истиқлолият ҳамон вақт маъниву моҳияти ҳақиқӣ пайдо мекунад, ки ҳар фарди ҷомеа, аз ҷумла аъзои ҳамаи аҳзоби сиёсӣ, ба қадри он расанд ва ин неъмати муқаддасу бебаҳоро ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ҳифз намоянд ва таҳким бахшанд.

* * *

Истиқлоли миллии деринтизори мо имкон фароҳам сохт, ки мо дар ин дунёи пурталотум роҳи хосаи кишвар ва мартабаву манзалати лоиқи худро пайдо кунем, сарзамини куҳанбунёди хешро ба

шаклу тариқаҳои муосир ба оламиён муаррифӣ намоем, ба сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ ноил гашта, онро таҳким бахшем ва дар ин заминаи мустаҳкам ба шоҳроҳи рушду тараққӣ ва бунёдкориву созандагӣ бароем.

* * *

Таърих собит намудааст, ки ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору заҳматталаб мебошад, вале ҳимояи пирӯзиҳо ва дастовардҳои истиқлолият кори аз он ҳам душвортар аст.

* * *

Мардуми шарифи кишвар ва фарзандони бонангу номуси халқи сарбаландамон қадру қимати истиқлолиятро аз ҳарвақта бештар дарк намуда, барои татбиқи ҳадафҳои бузурги миллӣ, пешрафти босуботи Ватани азизамон, таҳкими ваҳдати миллӣ ва тақвияти суботу оромии ҷомеа минбаъд низ саъю талош менамоянд. Дар ин ҷаҳони пур аз тазоду рақобатҳои шадиди глобалӣ мо бояд пеш аз ҳама ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва давлатдории миллиамонро таҳким бахшида, ҳамеша ба хотири суботи кишвар ва оромии ҷомеа саъю талош намоем.

* * *

Истиқлолияти мардуми тоҷик решаи қадимаву устувори маънавӣ дорад ва ибтидои давлатдории мо ба аҳди Каёниён рафта мерасад.

* * *

Дар роҳи душвори истиқлолият муттаҳидию рафоқат, тифоқию ваҳдат, муросою ҳусни тафоҳум, якдигарфаҳмию ҳамраъйӣ ва, ниҳоят, такя кардан ба азму иродаи халқ ва неруи созандаи миллат моро аз тӯфонҳои шадиди аср ва талотумҳои амвоҷи замона эмин дошта, ба эҳёи давлату давлатдорӣ ва таҳкими рӯзафзуни мустақилияти сиёсиву иқтисодӣ бурда мерасонад ва Тоҷикистони азизи моро дар сафи кишварҳои мутамаддини олам ҷой медиҳад.

* * *

Тамоми кӯшишу талошҳои мо бояд ба он сафарбар карда шаванд, ки истиқлолият дар радифи «миллат», «ватан» ва «ваҳдат» ба мафҳуми ҷудонашавандаи ҳастиву шуур, ҷаҳонбинӣ ва арзиши бунёдии зиндагии ҳар як шаҳрванди кишвар мубаддал гардад.

* * *

Ҷойи хушнудист, ки арҷгузории воқеӣ ба арзишҳои миллӣ, хусусан эҳёи суннатҳои беҳтарини

таърихиву фарҳангӣ, ба мо маҳз ба шарофати истиқлолияти давлатӣ муяссар гардиданд.

* * *

Андешаи миллатсози ваҳдат ҳамон вақт самараи дилхоҳ ба бор меорад, ки, қабл аз ҳама, моҳият ва мафҳуми Ватану ватандорӣ, қадру манзалати истиқлолияти давлатӣ, худшиносиву худафрӯзӣ, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои волои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қалбу шуури ҳар як шаҳрванди кишвар ҷой гиранд ва решадор гарданд.

* * *

Ҳифзи соҳибистиқлолии Ватан, суботи иҷтимоӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва иқтидори иқтисодии давлат вазифаи шаҳрвандӣ ва масъулияти фарзандии ҳар фарди Тоҷикистон мебошад.

* * *

Истиқлолияти давлатии тоҷикон, ки ба мардуми мо дар даҳсолаи охири садаи бистум муяссар гардид, дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти халқамон гардиши куллӣ ба вуҷуд овард ва ба марҳалаи сифатан нави рушди кишварамон оғоз бахшид. Бешубҳа, ин бузургтарин дастоварди миллати куҳанбунёди тоҷик дар тӯли асрҳо ва неъмати бебаҳо барои наслҳои ояндаи халқи мост, ки ҷовидона соҳиби давлати миллии хеш хоҳанд буд.

* * *

Истиқлолият неъмати бебаҳо ва ниҳоят пуразишест, ки халқи тоҷикро соҳиби комилҳуқуқи сарнавишти хеш намуд ва ҷомеаи мо ҳамчун давлати демократӣ ба раванди умумии таърихи аҳли башар ворид гардид.

* * *

Истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлат, ки баъд аз садсолаҳои зиёди ҷонбозиҳо ва заҳмати басо сангину азму талошҳои пайвастаи мардуми озодихоҳи мо ба даст омад, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ ва дар айни замон басо пурифтихор, яъне бунёди давлати навини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқи кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосири тоҷиконро гузошт.

* * *

Истиқлолият ва танҳо истиқлолият, имконият дод, ки мо ғояи худшиносии миллиро парчами замон кунем ва ба пояи сиёсати давлатӣ бардорем, то ин ки ифтихори миллӣ бо шири модар, бо аллаи фаромӯшнопазири ӯ ва бо нахустин ҳарфҳои устод дар мактаб ба дилу шуури ҳар фарди тоҷик абадан ҷой гирад.

* * *

Мо ҳар хишти иморати муҳташами истиқлолиятро бо заҳматҳои гарон болои ҳам мечинем. Ва ин амри табиист, зеро бинои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар дунёи пурҳодисаи оғози ҳазорсолаи сеюм бояд тарҳу симои хосаи худро соҳиб гардад, таърихи гузаштаву тақдири ояндаи миллатро фаро гирад.

* * *

Парчами давлатӣ барои мо – тоҷикон – нишонаи бақои давлат, ваҳдату ягонагӣ, ҳувияти миллӣ ва беҳтарин василаи тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ҳифзи арзишҳои таъриху фарҳанги халқамон мебошад.

* * *

Истиқлолияти мо як дастоварди воқеии халқи бошарафу заҳматкаши тоҷик буда, ва ғаразҳои геополитикиашро ба гардани мо бор кунад.

* * *

Имрӯз, ки мо давлати соҳибистиқлол дорему бо такя ба арзишҳои волои башарӣ ба сӯйи ҷомеаи мутамаддин равона ҳастем, фарҳанги кадимаи аҷдодонамон, ақлу хиради наҷотбахш ва анъанаҳои неки давлатдории ниёгони сарбаландамон ҳамоно сарчашмаи нерубахши мо мебошанд.

* * *

Истиқлолияти мо калиди соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду соҳибфарҳанги тоҷик аст, ки тақдирашро ба дасти худ гирифта, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо роҳу равиш ва симои хосса пайвастааст ва ҳамеша мекӯшад, ки набзи давлату давлатдории худро бо набзи сайёра ҳамоҳангу ҳамсадо намояд. Истиқлолият барои ҳамаи наслҳои миллати мо, аз ҷумла ниёгони сарбаландамон, ормони воло, номаи тақдир, ҳифзи шарафу номуси ватандорӣ ва дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърих бо сабру таҳаммули оқилона ва ҳусни табдир дар ниҳоди давлатдории аҷнабиён пеш бурдани суннатҳои давлату давлатдории аҷдодӣ будааст.

* * *

Истиқлолият барои мо як марҳалаи сифатан наву воқеии таърихи талошҳои озодихоҳона ва кору пайкорҳои ошкору ниҳони расидан ба давлату давлатдории миллӣ ва ҳифз намудану пос доштани мероси маънавию фарҳангии миллат мебошад.

* * *

Озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо ва шахсияти таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувият ва шарти бақои таърихии миллат ва давлат мебошанд. Гузашта аз

ин, истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳон таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва замонати ҳастии воқеӣ ва бошарофати миллат аст.

* * *

Истиқлол ҳадафи бартару волотар нисбат ба ҳадафу манфиатҳои сиёсӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ дошта, барои ҳамагон арзиши муқаддас аст.

* * *

Рӯҳи мубориза ва озодихоҳӣ дар сирати иҷтимоӣ ва таърихии миллати мо дорои хусусиятҳои хос ва асил аст. Ин неру ормон ва идеали волову бузург дорад, ки иборат аз ҳифзи озодӣ ва истиқлолияти Ватан мебошад. Он бо сифатҳо ва арзишҳои пурқимати инсонӣ, аз қабили шараф, нангу номус, накукорӣ, ҷавонмардӣ, салобат ва ифтихори миллӣ, ороста мебошад. Ва, ниҳоят, ин неру бо хираду маърифат, ҳусни тадбир, диди васеъ ва созанда, мисли гӯшту нохун, пайванд ёфтааст.

* * *

Истиқлолият дастоварди муҳимтарин, бузургу бебаҳо ва таърихии миллати мо, ормони чандинасраи фарзандони асилу огоҳ ва маҳсули талошҳои садҳо ҳазор муборизони роҳи бақои давлати тоҷикон мебошад.

* * *

Дар тӯли беш аз ҳазор сол мардуми мо пайваста барои эҳёи давлати миллии худ ва истиқлоли он талош мекард. Бо ҳукми тақдир имрӯз ба мо муяссар шудааст, ки орзуву ормони деринаи миллати тоҷикро амалӣ сохта, ба бунёди давлати мустақили Тоҷикистон ноил гардем.

* * *

Ҳар гоҳ сухан аз истиқлолияти давлатӣ ё миллӣ меравад, мо бояд ёдовар шавем, ки ҳадафи асосии талоши ҳар халқ барои озодӣ таъсиси давлати миллӣ ва идораи мустақилонаи корҳои давлатдорӣ аст. Зеро омили ҳастии ҳар як миллат андешаи истиқлол ва бунёди давлати мустақили миллӣ мебошад.

* * *

Агар ҳар яки мо дар рушду таҳкими истиқлолияту ваҳдат ва дигар арзишҳои муқаддаси миллиамон сидқан саҳм гузошта, дар атрофи давлати миллие, ки баъди садсолаҳо насибамон гаштааст, муттаҳид шавем, пас метавон гуфт, ки чун миллати воҳид – бо асолату фарҳанг ва симои хосси худ – миёни давлатҳои мутамаддини ҷаҳон мавқеи сазовор пайдо хоҳем кард.

* * *

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст. Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ, нишонаи пойдориву бақои он мебошад. Зеро дар дунёи пуртазоди муосир фақат миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад.

* * *

Вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи мо истиқлолияти давлатамонро мустаҳкам карда, насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангии миллат ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия намудан аст. Онҳо бояд шахсони соҳибмаърифат, бофарҳанг, мутамаддин, эҷодкор, номбардори миллати қадима ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон гарданд.

* * *

Истиқлолият, ҳамчун рукни бунёдии озодии инсон ва ҷавҳари асосии зиндагӣ, дар тамоми давру замонҳо ҷузъи таркибии ҳастӣ ва ҳувияти миллати мо будааст.

* * *

Ормони истиқлол фарзандони мубориз, ватандӯст ва донишманди миллатро ҳамвора ба нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ ва талқину таҳкими он дар қалби мардум, таъмини пайванди ногусастании наслҳо ва, ниҳоят, барои ҳифзи истиқлолияти Ватан раҳнамоӣ карда, дар даврaҳои мушкили зиндагӣ ба онҳо неруву тавон бахшидааст.

* * *

Мо ба шарофати истиқлолият ғояи таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини сулҳу субот ва тарғиби худогоҳиву худшиносиро ба пояи сиёсати давлатӣ бардоштаем ва ин роҳро идома хоҳем дод.

* * *

Ба тамоми халқи Тоҷикистон, ҳар фарди худогоҳ ва бонангу номуси миллат зарур аст, ки ба қадри соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа расида, онҳоро ҳамчун неъмати бебаҳо қадршиносӣ кунанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва ҳамеша барои ҳифзи манфиатҳои олии миллат ва давлат азму талош намоянд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони

мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ барои мо – тоҷикон – дастовард ва неъмати муқаддастарин аст ва мо онро аз ҳама арзишҳои дигар азизу муқаддам медонем.

* * *

Мо бояд ҳамеша аз истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ, ки аз ҷумлаи муқаддасоти ҷовидонӣ мебошанд, шукрона карда, онҳоро чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоем.

* * *

Озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарастии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони ватанпарвар навишта шудаанд.

* * *

Кулли фарзандони бонангу номуси халқи Тоҷикистон – бо дарки масъулияти ватандорӣ – ҳадафҳои наҷиби созандагӣ ва ободонии Ватани азизамонро минбаъд низ қарзи инсонӣ ва шаҳрвандии худ мешуморанд ва садоқати хешро ба

Тоҷикистони ободу соҳибистиқлол бо кору фаъолияти амалии ҳаррӯзаашон собит месозанд.

* * *

Сарҷамъии миллат ва рушди устувору муназзами иҷтимоӣ аз ҷумлаи шаҳсутунҳои кохи муҳташами истиқлол ва сарчашмаи бахту иқболи миллати тоҷик ва давлати тоҷикон мебошанд. Бақои миллат ва иқтидори давлат аз бардошту тавоноии ҳамин сутунҳо вобастаанд ва маҳз дарки ҳамин нуктаи олӣ миллати бостонии моро аз пошхӯрӣ эмин дошт.

* * *

Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаи ободу сари баланд ва неруи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад.

* * *

Истиқлолият Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон наздику қарин гардонид. Сиёсати «дарҳои боз» ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд обрӯ ва мақоми Тоҷикистонро дар арсаи олам хеле боло бурд.

* * *

Муқаддасу бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор нигоҳ доштани истиқлолият – ин дастоварди бузург

ва неъмати беҳамтои миллӣ – вазифаи давлат ва рисолати ҷонии ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва бонангу номуси Тоҷикистон аст.

* * *

Расидан ба қадри истиқлолият ва давлатдории мустақилона, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ, бедории маънавӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатдорӣ – ҳама дар маҷмӯъ – моро ба сӯйи бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ мебаранд.

* * *

Партави истиқлолият – тоҷи заррини давлати Тоҷикистони соҳибихтиёри мо – бо рангу ҷилои нав медурахшад ва аз шуълаи ҳаётбахши он рӯзгори мо мазмуну таровати тоза ва осоишу баракати рӯзафзун пайдо карда, манзилу маъво, шаҳру деҳот, водиҳои сарсабзу хуррам ва қуллаҳои сар ба фалаккашидаи кишварамон ғарқи нури истиқлол мебошанд.

* * *

Мо хушбахт ҳастем, ки давлати соҳибистиқлол дорем ва халқи эҷодгару бунёдкорамон таърихи навини худро бо дасти худ бунёд мекунад, Ватани

маҳбубамон пайваста обод мешавад. Мо ҳамеша саъю талош меварзем, ки сарзаминамон, таърихамон ва муқаддасоти халқу давлатамонро аз ҳама гуна таҳдидҳои ин ҷаҳони пурмоҷаро ва пурталотум солиму эмин нигоҳ дорем.

* * *

Мо бо тамоми ҳастиамон кӯшишу талош хоҳем кард, ки кохи истиқлоли давлати Тоҷикистон дар ҳама давру замонҳо пурҷилову муҳташам ва устувору бегазанд бошад.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тамаддунсози мо дар марзи ду садсола падидаи бемислу боазамати таърихиест, ки силсилаи воқеаҳои сарнавиштсозро дарбар мегирад ва, бино бар ин, мо бояд онҳоро аз дидгоҳи фарохтару баландтар тақвиму тақдир намоем. Истиқлолият волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир мебошад. Тоҷикистон маҳз ба шарофати истиқлолият ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва дар харитаи сиёсии дунё бо ҳама махсусиятҳои давлатдории муосир арзи ҳастӣ намуд.

* * *

Имрӯз ҳар як хиште, ки мо ба кохи истиқлоли давлати худ мегузорем, бешубҳа, онро таҳкими

бештар мебахшад ва рӯз то рӯз пойдору устувортар мегардонад.

* * *

Истиқлолият нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик мебошад, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш менависад, яъне низоми давлатдорӣ ва сиёсати дохиливу хориҷии худро мустақилона муайян менамояд.

* * *

Истиқлолият барои мо амсоли Наврӯзи сиёсист, зеро он аз умеду орзу ба фардои неки Ватан ва сарсабзиҳои ояндаи миллат, ба шукуфоии ҷовидонии кишвари хуршедиамон – Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол – саршор мебошад.

* * *

Истиқлолият арзишмандтарин дастоварди мардуми фарҳангиву сулҳхоҳи Тоҷикистон ва давлати тоҷикон дар интиҳои асри гузашта ба ҳисоб меравад. Истиқлолияти давлатӣ натиҷаи мантиқии талошу муборизаҳои фидокоронаи халқи озодихоҳу тамаддунсоз ва бонангу шарафманди тоҷик дар роҳи пуршебу фарози таърихи тӯлонии худ мебошад.

* * *

Мо, ҳама фарзандони Тоҷикистони соҳибистиқлол, тамоми кӯшишу ғайрати худро ба он равона созем, ки Ватанамонро нисбат ба имрӯз ободу зебо, давлатамонро пешрафтаву неруманд ва рӯзгори ҳар як хонадони мардумамонро осудаву бобаракат гардонем.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, азму талоши садоқатмандона ба хотири эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, зиндагии озодонаи ҳар як фард ва бахту саодати воқеии миллат аст. Ба ҷо овардани шукронаи соҳибватанӣ ва ифтихор кардан аз Тоҷикистони соҳибистиқлол қарзи имонии ҳар яки мост ва мо бояд тамоми кӯшишамонро ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, сарҷамъии миллат ва ободии имрӯзу фардои кишвар сафарбар намоем.

* * *

Истиқлолият барои мо яке аз муқаддастарин арзишҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ин дастоварди бузург натиҷаи талошу муборизаҳои фарзандони бонангу номуси тоҷик ба хотири амалӣ намудани ормони чандинасраи халқамон, яъне эҳёи давлатдории миллии тоҷикон, мебошад.

* * *

Соҳибистиқлолӣ насиби ҳар халқ намегардад. Зеро ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ва барпо намудани давлати соҳибихтиёр ғайр аз ин, ки бо имконияти таърихии ҳар халқу миллат иртибот дорад, инчунин аз ҳар фарди миллат бедориву ҳушёрӣ, эҳсоси гарми ватандӯстиву ватандорӣ, кору фаъолияти содиқонаву софдилона ва саъю кӯшиши доимиро талаб мекунад.

* * *

Истиқлолият – ҳамчун яке аз рукнҳои бунёдии озодии инсон – дар тамоми давру замонҳо ҷузъи таркибии андеша ва ҳувияти миллии мо будааст.

* * *

Дарки амиқи моҳияти истиқлолияту озодӣ барои пойдории давлат ва бақои миллат аҳамияти фавқулода дорад. Зеро маҳз ин неъмати бузурги худодод барои ҳар яки мо имкон фароҳам овард, ки номаи тақдири худро бо дасти худамон нависем ва ба хотири фардои ободу осудаи худ ва фарзандонамон заҳмат кашем.

* * *

Истиқлолият барои мо далели возеҳу бебаҳси пойдории давлат, бақои миллат, рамзи асолату ҳувияти миллӣ, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ,

шиносномаи байналмилалӣ ва ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

* * *

Истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи ойину суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд. Ҳарчанд ки истиқлоли мо ҷавон аст, вале решаҳои он ба умқи таърихи пурифтихори халқамон мерасанд ва аз муборизаҳои фидокоронаи ҳазорон нафар фарзандони далеру қаҳрамони миллатамон, ки дар роҳи озодиву истиқлоли сарзамини аҷдодиамон ҷон фидо кардаанд, шодоб гардидаанд.

* * *

Истиқлолияти мо рамзи гӯёи озодии миллат ва мамлакат, соҳибихтиёрии давлат ва нишонаи равшани ватандориву ватандӯстии мо мебошад.

* * *

Истиқлолият Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ ва ҳамешагӣ бахшид ва дарвозаҳои чаҳор самти олами бекаронро ба рӯяш боз намуд. Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки соҳибватан будан хушбахтӣ ва ифтихори бузург аст. Ҳамзамон бо ин, ба қадри

ин неъмати бебаҳо – яъне Ватан ва истиқлолияти он – расидан масъулияти аз ин ҳам бузургтар мебошад.

* * *

Маҳз истиқлолият ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии худро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем.

* * *

Истиқлолият, дар баробари ин, ки омолу орзуи деринаи халқи мост, инчунин лаҳзаи андеша ва таҳлили масъулияти ҳар фарди сарзамини аҷдодӣ барои расидан ба қадри гузашта ва кору фаъолияти созанда барои имрӯзу ояндаи Ватани маҳбубамон мебошад.

* * *

Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк мекунад, ки истиқлолият ва озодӣ арзиши нахустин ва бисёр азизу муқаддас дар ҳаёти ҳар як шахси огоҳу бонангу номус ва шарти муҳимтарини зиндагии шоистаи ҳар як фарди Ватан мебошад.

* * *

Истиқлолият, аз як тараф, боиси ифтихори миллии тоҷикон бошад, аз тарафи дигар, муҳофизат кардани иқтидор ва пойдору мустаҳкам намудани ин дастоварди бебаҳо ба дӯши ҳар як шаҳрванди мамлакат масъулияти бузургро вогузор менамояд.

* * *

Маҳз соҳибихтиёриву истиқлолият барои миллат имконияти интихоби озодонаи роҳи пешрафти мустақилонаро фароҳам оварда, халқро ба ҷаҳониён ҳамчун соҳибдавлату соҳибқудрат муаррифӣ мекунанд.

* * *

Дар ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки моҳияти давлату давлатдории мост, волоияти қонун таҳкурсии ба низом даровардани тартиботи ҷамъиятӣ таъмини риояи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ сарчашмаи амнияти миллату давлат ва пешрафти ҷомеа мебошад.

* * *

Давлати миллӣ барои мо воситаи ҳифзи фарҳангу забони миллӣ, ваҳдату якпорчагии кишвар, иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ буда, ба он эҳтиром

гузоштан вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Ҳарчанд ки ойину суннатҳои давлату давлатдории халқи соҳибтамаддуни тоҷик ҳанӯз аз ҳазорсолаи сеюми қабл аз мелод сарчашма мегиранд, аммо истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба мардуми мо дар охири асри XX муяссар шуд, дар сарнавишти тоҷикон таҳаввулоти бузурги сиёсиву иҷтимоӣ ва гардиши куллие гардид.

* * *

Азми қавӣ ва садоқати мардуми Тоҷикистон ба сарзамини аҷдодӣ ва истиқлолияти давлатӣ буд, ки ин марҳалаи таърихӣ хусусияти созандагӣ ва бунёдкорӣ касб намуда, пойдевори устувори давлати миллӣ дар мамлакат гузошта шуд.

* * *

Беҳтарин ва бузургтарин дастоварди таърихи навини миллати куҳанбунёд ва соҳибфарҳанги тоҷик сулҳ ва истиқлолият мебошанд. Вазифаи ҷониву виҷдонии ҳар кадоми мост, ки ин дастовардро чун гавҳари чашм ҳифз кунем ва шукронаи ин неъмати бузургро ба ҷо орем.

* * *

Бигузор аз файзу баракати истиқлол парчами ваҳдати миллӣ роҳнамо ва ойини миллати сулҳпарвари тоҷик, ҳидояттари мо ба сӯйи фардои пурсаодат бошад!

* * *

Бешубҳа, истиқлолияти Ватан мояи ифтихору саодати мо буда, сароғози эҳёи тозаи кишвар аст ва дар замири ҳар фард эҳтиром ба фарҳанг ва хоки поки аҷдодиро, ки амонат дар дасти мо, ворисон, аст, зиёд намуд. Истиқлолияти комил ва воқеиро танҳо бо меҳнати ҳалолу созанда, тафаккури баланди сиёсию фарҳангӣ ва ҳисси масъулият дар назди наслҳои имрӯзаю ояндаи Ватан ба даст овардан мумкин аст.

* * *

Парчами давлати соҳибистиқлоли мо инъикос–кунандаи таъриху фарҳанг ва расму ойинҳои деринаи давлатдории миллиамон, баёнгари мақсаду мароми сокинони мамлакат буда, ба онҳо дар роҳи бунёди ояндаи дурахшон неруву қудрати созандагӣ мебахшад.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ – ин саодати ҷовидона, ки дар масири ҳазорсолаи таърих ба насли имрӯзаи тоҷикон насиб гардид, ба таҷлили пуршукӯҳу азамати хосси иди муқаддаси ниёгонамон – Наврӯзи оламафрӯз, Наврӯзи ормонҳои навин – шароити мусоид фароҳам овард. Мо бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расем, шукрона кунем ва аз

истиқлолияти давлати хеш чун бахти безаволи миллат ифтихор дошта бошем.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ ҳамон вақт устувору пойдор мегардад, ки ҳар як фарди ҷомеа ба қадри он расад ва ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ҳифз намуда, озодиву соҳибихтиёриро асоси хушбахтии худ ва наслҳои ояндаи миллат шуморад.

* * *

Дар маркази тамоми низоми таълиму тарбияи кишвари мо бояд мафкураи истиқлолият, қадршиносии ин неъмати бебаҳо, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба таърих, фарҳанг, анъанот, расму ойини мардум ва дигар арзишҳои миллию умумибашарӣ қарор дошта бошанд.

* * *

Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ба халқу мамлакати мо қувваи тавоноe бахшида, барои пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ фазои мусоиду озод фароҳам оварданд ва имрӯз мо дилпурона метавонем гӯем, ки Тоҷикистон дар кӯтоҳтарин муддат ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид.

* * *

Яке аз беҳтарин намунаҳои заҳмату талошҳои халқи Тоҷикистон дар давраи истиқлолият барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таҳкиму тақвияти давлати миллӣ ва сарҷамъиву ваҳдат мебошанд. Ҳар як фарди бонангу номуси миллат – бо шукрона аз сулҳу субот – ба неъмати бебаҳои тақдир, яъне истиқлолияти давлатӣ, арҷ мегузорад ва барои таҳкими дастовардҳои он саҳми ватандӯстонаи худро дареғ намедорад.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)

АСОСҲОИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНИИ ДАВЛАТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд.

Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Забони русӣ ҳамчун забони муошрати байни миллатҳо амал мекунад. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд.

Рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ аст.Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аст.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ

мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст.

Халқи Тоҷикистонро, сарфи назар аз миллаташон, шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд.

Ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳақ надоранд, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намоянд.

Ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст.

Аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд.

Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахл–нопазир мебошад.Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст.

Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунанд, манъ аст.

Тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои марзиву маъмуриро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад.

Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд.

Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.

Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муноси–батҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байнал–милалӣ муайян мекунад.

Ташвиқоти ҷанг манъ аст.

Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.

Давлат бо ҳамватанони берунмарзӣ ҳамкорӣ мекунад.

Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

(***Аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***)

ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидо–ракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, вазифа–доранд барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандон шароит фароҳам оранд.

Забони давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва инкишофи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва забони яғнобӣ шароит фароҳам меорад.

(Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»)

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЧУН НИҲОДИ ДАВЛАТДОРӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат рамзи пойдориву бардавомии давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардааст, эътироф карда мешавад.

Нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат маҳдудияти бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шудан ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат вобаста ба хизматҳои бузурги таърихиаш дар назди халқу давлати Тоҷикистон чунин салоҳиятро якумра доро мебошад:

– ба халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба масъалаҳои муҳими сохтори давлатӣ, амнияти кишвар, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ муроҷиат намояд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ ҳатмӣ мебошад;

– дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда, оид ба масъалаҳои баррасишаванда суханронӣ намояд;

– дар ҳолати ба вуҷуд омадани буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои ҳалли онҳо мусоидат намуда, машварату маслиҳат диҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ҳамчун Президенти собиқ узви якумраи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мебошад.

Барои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар толори ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи махсуси ифтихорӣ ҷудо карда шуда, бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда мешавад.

Масъалаҳои муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишвар бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мувофиқа карда мешаванд.

(Аз Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат»)

3. АМНИЯТ

ҚОНУН ДАР БОРАИ АМНИЯТ

Дар Қонуни мазкури ҷумҳурӣ **мафҳумҳои асосии** зерин истифода мешаванд:

– ***амнияти миллӣ*** – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар аз таҳдидҳои *воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ*;

– ***манфиатҳои миллӣ*** – маҷмӯи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад;

– ***манфиатҳои ҳаётан муҳим – маҷмӯи эҳтиёҷоте, ки аз қонеъгардонии онҳо мавҷудият ва рушди шахсият, ҷамъият ва давлат вобаста мебошанд;***

– ***объектҳои амният*** – инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои онҳо, ҷамъият ва арзишҳои моддию маънавии он, давлат, сохти конститутсионӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии он;

– ***субъектҳои амният*** – давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон;

– ***таҳдидҳо ба амният*** – маҷмӯи шароит, раванд ва омилҳое, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд;

– ***таъмини амният*** – татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯйи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд;

– ***амнияти иқтисодӣ*** – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд;

– ***амнияти озуқаворӣ*** – *ҳолати муҳофизатии* иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад;

– ***амнияти ҷамъиятӣ*** – ҳифзи ҳуқуқӣ–сиёсӣ, маънавӣ–ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некуаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд;

– ***амнияти ҳарбӣ*** – ҳолати муҳофизатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии хусусияти ҳарбидошта ба соҳибистиқлолӣ ва тамомияти арзии мамлакат;

– ***амнияти экологӣ*** – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист ба вуҷуд меоянд;

– ***амнияти иттилоотӣ*** – ҳолати муҳофизатии манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот;

– ***амнияти берунӣ*** – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳое, ки аз ҷониби давлатҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ бармеоянд;

– ***амнияти дохилӣ*** – *ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ;*

– ***мақомоти ваколатдори давлатии таъмини амният*** – мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР АРСАИ АМНИЯТ

Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи амният инҳо мебошанд:

– таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат ;

– рушду устувории иқтисодиёти кишвар;

– тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ;

– пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият;

– тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он;

– фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо;

– таъмини муҷаҳҳазгардонӣ ва омодагии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ;

– таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси ҳамшарикӣ.

УСУЛҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ

Усулҳои таъмини амният инҳо мебошанд:

– эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– қонуният;

– масъулияти мутақобилаи инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат оид ба таъмини амният;

– иттилоотонии фаврии байниҳамдигарӣ ва мувофиқаи амалҳои қувваҳои таъмини амният;

– ягонагӣ, баҳамалоқамандӣ ва мувозинати ҳамаи намудҳои амният;

– бартарияти чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ;

– назорат аз рӯйи татбиқи ҳамаи маҷмӯи амалҳо оид ба ҳифзи амният;

– робита бо низомҳои амнияти байналмилалӣ.

ТАҲДИДҲО БА АМНИЯТ

Таҳдидҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

– заифшавии адолати иҷтимоӣ ва судӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла афзоиши ҷиноятқорӣ, ҷиноятқории муташаккилона, ҷиноятҳои трансмиллӣ, савдои одамон, коррупсия, гардиши ғайриқонунии силоҳ ва воситаҳои нашъадор, ки ба пастшавии сатҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзишҳои умумибашарӣ мусоидат менамоянд;

– фаъолияте, ки барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ равона карда шудааст, аз ҷумла амалҳое, ки ба тамомияти арзӣ, дахлнопазирӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷовуз мекунанд;

– заифшавии иқтидори мудофиавии мамлакат, таҳдид ба дахлнопазирии сарҳади давлатӣ, истифодаи қувва ва таҷовуз нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– фаъолияти ҷосусӣ, террористӣ, тахрибкорӣ (диверсионӣ) ва фаъолияти дигари хадамоти махсус, ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва шахсони алоҳида, ки барои расонидани зарар ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд;

– номураттаб сохтани фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, вайрон кардани муназзамии фаъолияти онҳо, паст гардидани сатҳи идоракунӣ дар кишвар;

– фаъолияте, ки ба амнияти иттилоотии кишвар таҳдид мекунад;

– ифротгароии (экстремизми) сиёсӣ дар ҳама гуна шакли он, аз ҷумла барангехтани бадбинӣ ё хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, мафкуравӣ, маҳалгароӣ ё гурӯҳӣ;

– мураккабшавии вазъи иҷтимоӣ–сиёсӣ, ки дар низоъҳои байни миллатҳо ва мазҳабҳо, бетартибиҳои оммавӣ, маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои беиҷозат ва корпартоиҳои ғайриқонунӣ ифода мегардад;

– ташкили воҳидҳои ҳарбие, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд;

– якбора вайроншавии вазъи экологӣ, офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, эпидемия (паҳншавии умумии бемориҳои сироятӣ) ва эпизоотия (фавти саросари ҳайвонот);

– расонидани зарар ба амнияти иқтисодии давлат, аз ҷумла тавассути қочоқ бадастоварда ва маблағгузории терроризм, инчунин номуътадил гардонидани вазъи молиявии кишвар;

– паст шудани сифати таҳсилот ва неруҳои зеҳнӣ дар мамлакат.

Таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ ба объектҳои амният, ки аз манбаъҳои дохилӣ ва хориҷӣ бармеоянд, мазмуни фаъолиятро оид ба таъмини амнияти дохилӣ ва берунӣ муайян менамоянд.

ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ

Вазифаҳои асосии низоми таъмини амният инҳо мебошанд:

– пешбинӣ, ошкор ва пешгирӣ кардани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳими объектҳои амният;

– таҳия ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои таъҷилӣ ва дарозмуддати пешгирӣ кардан ва аз байн бурдани ин таҳдидҳо;

– ташкил намудан ва дар ҳолати омодабош нигоҳ доштани қувваю воситаҳои таъмини амният;

– идора намудани қувваю воситаҳои таъмини амният дар шароити ҳамарӯза ва ҳолатҳои фавқулода;

– амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои барқарор кардани кори муътадили объектҳои амният дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои фавқулода зарар дидаанд;

– иштирок дар таъмини амнияти умумӣ ва минтақавӣ мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон.

(Аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»)

4. РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОӢ

СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – СМР–2030) дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014 ва 2015 баён шудаанд, таҳия гардидааст.

Ҳуҷҷати мазкур бо назардошти тағйиротҳои солҳои охир, ки дар кишвар ва ҷаҳон ба амал омадаанд, бахусус таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонии солҳои 2007–2009 ба иқтисодиёти кишвар, тартиб дода шудааст.

СМР–2030 инчунин уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба Рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), ки дар ҷаласаи 70–уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудаанд, ба инобат мегирад.

Диққати асосӣ дар ҲРУ ба консепсияи рушди устувори инсон равона шудааст. Бино бар ин, пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, иваз намудани моделҳои ноустувор ва пешбурди моделҳои устувори истеъмолот ва истеҳсолот, инчунин ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳими рушди устувори инсон маҳсуб меёбанд.

Афзалиятҳои асосии рушди кишвар баъди соли 2015, ки ба татбиқи онҳо идеологияи иқтисодӣ, принсипҳои заминавӣ ва маҷмӯи тадбирҳои дар СМР–2030 инъикосёфта равона шудаанд, муайян карда шудаанд. Ба чунин афзалиятҳо шомиланд: (1) маориф; (2) тандурустӣ; (3) шуғл; (4) нобаробарӣ; (5) мубориза бар зидди коррупсия; (6) таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо; (7) идоракунии самаранок; (8) ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; (9) пешгирии низои эҳтимолӣ; (10) амнияти энергетикӣ, экология ва идоракунии равандҳои демографӣ.

Дар амалисозии чунин афзалиятҳо ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва масъулияти мақомоти идоракунии давлатӣ, бизнес ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим доранд. Фаъолияти ниҳодҳои мазкур дар низоми миллии баҳодиҳӣ ва ояндабинии рушд, муайянсозии вазифаҳои кутоҳмуҳлат ва

дарозмуҳлат ва, мутаносибан, дар нақшаҳои татбиқи онҳо зоҳир мегардад.

Бино бар ин, дар СМР–2030 масъалаҳои тақвияти рушди институтсионалӣ дар самти таъмини фаъолияти самаранок, шаффоф, назорати идоракунӣ ва молиявии зиддикоррупсионӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ, дар маҷмӯъ, бунёди модели идоракунии технократӣ ва меритократӣ (шоистасолорӣ) дар кишвар дар мадди аввал гузошта шудаанд. Барои тақвият додани нақши ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва боло бурдани сатҳи масъулияти иҷтимоии бизнес дар раванди назорат ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ тадбирҳо оид ба коҳиш додани фишори маъмурӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ, кам кардани ҷузъи коррупсионӣ, аз ҷумла аз тариқи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, андешида мешаванд.

Ҳамзамон дар шароити ба қадри кофӣ рушд наёфтани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бизнес мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар рушди ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва афзоиши масъулиятнокӣ ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти миллӣ барои диверсификатсияи васеъ ва рақобатнокии он нақши муҳим хоҳад бозид.

Рушди ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва масъулиятнокӣ инчунин тақвият додани нақши ҷомеаи шаҳрвандиро

дар арсаи назорати ҷамъиятии фаъолияти давлат ва бизнес дар назар дорад.

Умуман, СМР–2030 ҳамчун нақшаи амалии директивӣ барои тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва нақшаи амалии индикативӣ барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад ва бар он барномаҳои кумаки техникӣ ва молиявии кишвар асос меёбанд.

Таъмини рушди устувори кишвар интихоби усулҳои илман асоснокшудаи заминавии тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеаро дар назар дорад. Татбиқи муназзами СМР–2030 ба се усули асосии рушди минбаъда асос ёфтааст:

(1) **превентивӣ (тадбирнокӣ),** яъне пешгирии осебпазирии рушди оянда;

(2) **индустриалӣ,** яъне баланд бардоштани сатҳи самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ;

(3) **инноватсионӣ,** яъне рушд дар асоси навовариҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар.

Тағйирёбии босуръати симои геосиёсӣ, геоиқтисодӣ ва технологии ҷаҳони муосир дар назди Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди иқтисодии устувор ва амнияти миллиро мегузорад.

Дар оянда мақсадҳои сиёсати хориҷии давлат бояд ба фароҳам овардани шароити берунаи мусоидаткунанда ба рушду таҳкими пояҳои

давлатдорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо, манфиатҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон берун аз марзҳои кишвар, таҳкими мавқею манзалати кишвар дар арсаи байналмилалӣ равона карда шаванд. Ҳамзамон сиёсати дохилӣ бояд ба коҳиш додани осебпазирии иқтисодиёти кишвар дар рӯ ба рӯйи таҳдидҳои эҳтимолии беруна, ҷустуҷӯ ва таҳияи механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилии рушди устувори иқтисодӣ, ба таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, шуғли фарогир, дастрасии устувор ба захираҳои энергетикӣ ва эҷоди фазои мусоиди соҳибкорӣ равона карда шавад. Иқтидори иқтисодии кишвар бояд ҳамчун заминаи моддии амнияти миллӣ арзёбӣ гардад. Дар ин робита истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ ва табиӣ, аз ҷумла таҳкимбахшии иқтидори институтсионалии рушд ба хотири баланд бардоштани самаранокӣ, диверсификатсия ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, рушди минбаъдаи индустриалиро муайян месозад ва ***гузаришро аз иқтисоди аграрию индустриалӣ ба иқтисоди индустриалию аграрӣ*** таъмин мекунад.

Масъалаҳои таъмини идоракунии демократӣ дар мамлакат, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва вусъат додани имкониятҳои созандаи инсон аҳамияти аввалиндараҷа хоҳанд дошт. Тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасӣ ба ғизои хушсифат, беҳсозии обтаъминкунӣ, ҳолати санитарӣ ва

таркиби истеъмолии ғизо, коҳиш додани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ дар тамоми шаклҳои он, ҳалли масоили устуворию экологӣ ҳамчун самтҳои муҳим дар фаъолияти ниҳодҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ баррасӣ хоҳанд ёфт.

Дар давраи дарозмуҳлат таъмини рушди устувори кишвар бе истифодаи навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар ғайриимкон мебошад. Самтҳои стратегии рушд бояд зарурати афзоиш додани фаъолнокии сармоягузорӣ ва иқтисодиро дар минтақаи Осиё, боло бурдани нақши кишварҳои Осиёи Марказиро дар ин фароянд ва, умуман, фаъолсозии ҳамкориҳоро дар минтақаи кишварҳои Ҷануб–Ҷануб ба инобат гиранд. Дар даҳсолаи наздик силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то миёнаи асри XXI тадриҷан суст мегардонад. Мо бояд барои дарки дурусти ин раванд омода бошем ва аллакай имрӯз модели афзоиши ояндаро таҳия намуда, хусусиятҳои умдаи онро муайян карда тавонем.

Омили такондиҳандаи чунин модели афзоиш захираҳои инсонӣ бо ҷузъҳои асосии таркибии онон – маориф ва илм – ҳамчун шарти муҳимтарини баланд бардоштани сатҳи амнияти миллӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин самт бояд тадбирҳои пешгирикунанда андешид, гузариш

ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола ва истифодаи васеи стандартҳои байналмилалии таълимиро дар низоми таҳсилоти олии касбӣ таъмин намуд. Нақши давлат дар муайян кардан ва дастгирӣ намудани бахшҳои афзалиятноки илму техника бояд тақвият дода шавад.

Сармояи табиӣ низ заминаи рушди индустриалӣ ва инноватсионии кишварро ташкил медиҳад. Иқтидори азими гидроэнергетикӣ, оби тоза, замин ва иқлими мусоид, олами наботот, захираҳои фаровони меҳнатӣ ва минералӣ, истихроҷи канданиҳои фоиданок барои инкишофи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, бунёди бахшҳои муосири саноати истихроҷ ва коркард, металлургияи сиёҳ ва ранга, комплекси агросаноатии аз ҷиҳати экологӣ тоза шароити мусоид фароҳам меоваранд. Осори бойи таърихию фарҳангии Тоҷикистон, табиати зебоманзари он бо кӯлҳо, ҳайвоноту растаниҳои нодир, инчунин кӯҳсори баланд барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва афзоиши ҳиссаи соҳаи мазкур дар ММД–и кишвар шартҳои муҳим маҳсуб меёбанд. Рушди минбаъдаи иқтидорҳои гидроэнергетикӣ ва амалисозии лоиҳаҳои минтақавии нақлиётию иртиботӣ ба Тоҷикистон имконияти табдилёбӣ ба кишвари пешсафи минтақа дар истеҳсол ва интиқоли неруи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, вусъатдиҳии нақши транзитиро фароҳам меоваранд. Ин, дар

навбати худ, имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар дастёбӣ ба рушди устувори кишварҳои тараққи–ёбандаи Ҷануб ва Ҷануби Шарқии минтақаи Осиё, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин дар мавриди густариши ҳамкорӣ дар минтақаи кишварҳои Ҷануб–Ҷануб саҳми арзишманд бигирад.

ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2030

Тоҷикистон дар соли 2030 кишвари дорои рушди устувор ва рақобатпазир хоҳад буд, ки аҳолии он аз сатҳу сифати арзандаи зиндагӣ бо имкониятҳои фаровон барои татбиқи неруи инсонӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ, адолат ва эҳтиромгузорӣ ба шаъну шарафи инсон баҳра мебаранд.

Ҳадафҳои кишвари мо бетағйир боқӣ мемонанд – **таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ, боло бурдани самаранокии иқтисод ва некуаҳволии мардум.**

Рисолат ё моҳияти пешрафт ин **бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол, шукуфон, аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ босубот** мебошад.

Дар давоми 15 соли охир Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуд. Аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ин муваффақиятҳо равшану возеҳ буда, асосан ба туфайли иродаи қавии сиёсии роҳбарияти кишвар ба даст омадаанд. Аммо асри XXI бо шароити берунаи босуръат тағйирёбандаи рушд бар дӯши мардуми кишвар вазифаҳои нав ва то андозае фарогир пеш мегузорад, ки ҳалли онҳо барои муттаҳид намудани

аъзои ҷомеа, ҳифзи асолати миллӣ ва ноилшавӣ ба пешрафти устувор хеле муҳим мебошад.

Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон *баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар дар асоси таъмини рушди устувори иқтисод маҳсуб меёбад.*

Барои ноилшавӣ ба он вазифаҳои зерини стратегии рушд барои 15 соли оянда муайян шудаанд:

1) таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ;

2) аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан;

3) таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;

4) вусъат додани шуғли муфид.

Тадбирҳои асосӣ барои ноил шудан ба иҷрои вазифаҳои стратегии гузошташуда инҳоянд:

Дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ:

– диверсификатсияи манбаъҳои истеҳсол–кунандаи неру, ки истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои калон ва хурд, рушди иқтидорҳои мавҷудаи соҳаи нафту газ ва ангишт, азхудкунии конҳои нави сӯзишвории органикӣ,

фароҳам овардани имконоти фаннӣ барои истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи неру (неруи офтоб, бод, биологӣ, геотермалӣ), модернизатсияи НБО ва НБҲ–и мавҷуда ва сохтмони ин гуна иншооти навро пешбинӣ мекунад;

– истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷудаи энергетикӣ ва татбиқи зарфияти содиротии энергетикаи барқӣ;

– модернизатсия ва азнавҷиҳозонии техникии соҳаи нафту газ, азхудкунии конҳои нави нафту газ;

– сарфакунии неру дар миқёси васеъ ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии иқтисоди миллӣ;

– рушди инфрасохтори дохилӣ ва берунаи энергетикӣ (шабакаҳои барқию зеристгоҳҳо);

– бунёди низоми самарабахши идоракунии хавфҳо ва мониторинги амнияти энергетикӣ, аз ҷумла дастрасии бемаҳдуд ва баробари тамоми истифодабарандагон ба захираҳои энергетикӣ;

– таъмини устувори молиявии бахши энергетика;

– идоракунии тому ҳамбастаи захираҳои об.

Дар самти аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан:

Дар бахши нақлиёт:

– сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ;

– бунёди долонҳои транзитии нақлиётӣ;

– инкишофи бахши таъминоти нақлиётии минтақаҳои саноатии рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории дорои аҳамияти давлатӣ;

– рушди соҳаи нақлиёт, ки ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва беҳсозии сифати зиндагии аҳолӣ равона шудааст;

– таъмини самаранокии кори нақлиёт ва инфрасохтори он, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии манотиқи кишвар мусоидат мекунад;

– нигоҳдорӣ ва инкишофи шабакаи фурудгоҳҳои маҳаллӣ, авиатсияи хурд ва миёна ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ҳамаи минтақаҳо ба нақлиёти ҳавоӣ;

– таъмини дастрасии нақлиёти ҷамъиятӣ барои шахсони маъюб;

– кам кардани таъсири манфии комплекси нақлиётӣ ба муҳити атроф ва саломатии инсон.

Дар бахши телекоммуникатсияҳо:

– ташаккули сиёсати дастрасии арзон ва боэътимод ба шабакаи Интернет ва хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ, ки метавонад дар раванди хизматрасонии ҷамъиятӣ ва идоракунии самарабахш нақши муҳимро бозад;

– васеъ гардонидани минтақаи фарогирӣ бо хизматрасониҳои алоқа;

– тақвият додани рақобатпазирии бозори ватании телекоммуникатсия ва густариши минбаъдаи он дар сатҳи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ тавассути ба кор гирифтани иқтидори транзитӣ ва телекоммуникатсионии кишвар;

– фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди хаттҳои нурию нахии алоқаи (ХННА) байнимин–тақавӣ ва фаромарзӣ;

– таъмини истифодаи инфрасохтори долонҳои нақлиётӣ ва шабакаҳои барқӣ ҷиҳати тақвият бахшидани инфрасохтори фаромарзии телекомму–никатсионӣ;

– фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионии паркҳои технологӣ.

Дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат:

– пешбурди ислоҳоти арсаи аграрӣ ва бахши об;

– таъмини дастрасии иқтисодӣ ва воқеии озуқа бар асоси афзоиши устувори бахши агросаноатӣ;

– диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани навовариҳо, бо назардошти таъсири ҳадди ақал ба муҳити зист ва сифати заминҳо таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии хатарнок ба моддаҳои кимиёии алтернативии дорои хатари камтар, баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз ҳисоби ташаккул ва таҳкими омили арзиши иловашуда;

– васеъ намудани дастрасӣ ба тухмиҳои баландсифат ва нуриҳо дар бозори ватанӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути ҳавасмандгардонӣ ба истифодаи усул ва технологияҳои нави кишоварзӣ;

– ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳо ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғизои солим (дастгирии истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти ҳаётан муҳими озуқаворӣ, ташкили низоми мониторинги истеъмоли ғизо, огоҳсозии бармаҳал, захираҳо);

– пешбурди низоми самарабахши усулан бисёрсоҳагӣ оид ба таъмин намудани истеъмоли мукаммали ғизо тавассути ҳамоҳангсозии сиёсат дар соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ,

баланд бардоштани сатҳи огаҳӣ дар бораи арзиши ғизо ва сиёсати самараноки маблағгузории онҳо;

– ташаккулдиҳии низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона ва устувори онон барои парвариши зироатҳои арзишманди кишоварзӣ;

– фаъолияти пайвастаи системаи нигоҳдорӣ, истифодаи инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашӣ ба сифати замина барои фаъолияти устувори кишоварзии обёришаванда ва таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолии деҳот ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷойҳо;

– барқарорсозии системаҳои обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи обтаъминкунии заминҳои обёришаванда, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои шӯр ва ботлоқ;

– мукаммал гардонидани механизмҳои иқтисодии пӯшонидани хароҷоти нигоҳдорӣ ва истифодабарии инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо дар зироаткории обёришаванда, такмили низоми субсидияҳои давлатӣ барои пардохти истифодаи неруи барқ бо мақсади обёрии заминҳои кишоварзӣ ба воситаи пойгоҳҳои обкашӣ, кам кардани таъсири манфии сиёсати тарифии мавҷуда дар соҳаи обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо ба самаранокии фаъолияти соҳа;

– рушду густариши бозори маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба он;

– ҳалли масъалаҳо оид ба гузаронидани шабакаҳои обёришаванда ва заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ба ассотсиатсияҳои истифода–барандагони об (АИО) ва дастгирии давлатӣ ба хотири рушди устувор ва фаъолияти ин ассотсиатсияҳо;

– ҷорӣ намудани низоми самараноки давлатии ҳавасмандгардонии раванди азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ ва ба арсаи коркарди кишоварзӣ баргардондани заминҳои шӯр, ботлоқ ва қаблан истифоданашуда.

Дар самти вусъатдиҳии шуғли муфид:

– дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳру деҳот ҳамчун василаҳои самарабахши афзун намудани теъдоди ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ;

– ҳавасмандкунии рушди «шуғли сабз», вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкории экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ;

– таъмини аҳолии деҳот бо ҷойҳои кор тавассути азхудкунии заминҳои бекорхобида ва бокира;

– рушди шабакаи таълим барои ба даст овардани малакаҳои касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ки

ниёзи занон, ҷавонон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла маъюбонро ба инобат мегирад;

– ҳавасмандгардонии ҳаматарафаи фаъолияти фермерӣ ва соҳибкории хурд дар бахши аграрӣ тавассути такмили қонунгузорӣ, бахусус барои ҷавонон;

– диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ, аз ҷумла бо назардошти омили гендерӣ ва таҳкими танзими давлатии раванди бозгашти муҳоҷирон;

– рушди бахшҳои заҳматталаби иқтисод, ки маҳсулоти он ба содирот равона карда мешавад (комплекси агросаноатӣ, саноати бофандагӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок);

– амалӣ намудани сиёсати давлатии шуғл, ки бо сиёсати соҳаи маориф ҳамоҳанг бошад;

– истифодаи густурдаи хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ дар раванди мубодилаи маълумот оид ба ташкили ҷойҳои корӣ барои ҷавонон ва мусоидат ба соҳибкорӣ.

Дар марҳалаи нави рушд дар назди кишвар **се** вазифаи **асосӣ** меистад: **якум,** *ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда*; **дуюм**, *таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ;*

сеюм, *вусъатдиҳӣ ва таҳкими табақаи миёнаи ҷомеа*.

Барои иҷрои **вазифаи якум** анҷом додани тадбирҳои зерин зарур аст:

– ҳамасола нигоҳ доштани суръати устувори рушди иқтисодӣ дар сатҳи 7–8%;

– ба андозаи 3 маротиба ва аз ин зиёдтар афзоиш додани ММД–и кишвар;

– ба андозаи 2,5 маротиба афзоиш додани ҳиссаи ММД ба ҳар нафар аҳолӣ;

– ба андозаи зиёда аз 2 маротиба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани фақри шадид;

– ба таври назаррас зиёд намудани хароҷот барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

Тадбирҳои асосӣ баҳри иҷрои **вазифаи дуюм** инҳоянд:

– таъмини суръати баланди рушди саноат нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисод ва зиёд намудани ҳиссаи он дар ММД–и кишвар;

– баланд бардоштани сатҳи самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши ҳиссаи он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, аз ҷумла ғизои солим;

– таъмини афзоиши босуръати бахши хизматрасониҳои дараҷаашон нисбатан мураккаб;

– баланд бардоштани сатҳи диверсификатсияи иқтисоди миллӣ (паст кардани индекси тамаркузи содирот аз рӯйи се маҳсулоти асосӣ аз 83 фоиз то 58 фоиз);

– баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ (ноилшавӣ ба раддабандӣ дар арзёбии рақобатпазирии ҷаҳонӣ дар сатҳи гузариш аз рақобат дар арсаи захираҳо ба рақобат дар соҳаи маҳсулнокӣ).

Барои иҷрои **вазифаи сеюм** бояд ҳиссаи табақаи миёнаи ҷомеа (мутобиқи методологияи байнал–милалии арзёбӣ) дар соли 2030 то 50 фоиз афзоиш дода шавад. Тадбирҳои асосӣ дар доираи иҷрои вазифаи мазкур инҳо мебошанд:

– мусоидат ба афзоиш додани даромади аҳолӣ, бахусус аҳолии деҳот, ҷавонон ва занҳо;

– фароҳам овардани шароит барои эҷоди ҷойҳои кори сазовор ва пурмаҳсул, аз ҷумла бо кор таъмин намудани табақаҳои осебпазири аҳолӣ;

– коҳиш додани сатҳи нобаробарӣ дар ҷомеа.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда шартҳои асосии рушди минбаъда инҳо мебошанд: (1) ҳукумати касбӣ, ки қобилияти ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти хоҷагӣ, таъмин намудани рушди устувори дарозмуҳлат ва фарогирро дорост; (2) ташаккулдиҳии

минбаъдаи иқтисоди омехта, ки рушди он ба густариши соҳибкории хусусӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат мекунад; (3) ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди рушд.

(Аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030)

5. СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

СИЁСАТИ «ДАРҲОИ БОЗ»

Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар равшан сохтани ҳадафҳои асосӣ ва усулҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллии Тоҷикистон бисёр муассир ва корсоз аст. Вижагии сурату сират гирифтани сиёсати хориҷии Тоҷикистони навин ин аст, ки заминаи назариявии ин бахши муҳими ҳаёти давлатӣ на дар доираи коршиносон ва назарияпардозон, балки раҳораҳ, ҳангоми анҷоми фаъолиятҳои пурталошу пӯёи дипломатии Сарвари давлати Тоҷикистон эҷод шудааст.

Дар он шароити печидаву ҳассоси солҳои нахустини пас аз барқарории ҳукумати қонунӣ, ба тақозои вазъият ва ногузирии ҳарчи зудтар хотима бахшидан ба ҷанги бародаркушӣ, раҳо кардани кишвар аз буҳрони сиёсию иҷтимоию иқтисодӣ Сарвари давлатро лозим меомад, ки барои эҷоди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, пеш аз ҳама бо Созмони Милали Муттаҳид, давлатҳои минтақа ва ҷаҳон, ба манзури дарёфти кумак ва ҷалби пуштибонии онҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами ҳаёти давлатӣ сафарҳои зиёде анҷом диҳад. Бардоштҳо ва хулосаҳои Сарвари давлат аз ин сафарҳо асоси нахустин назарияи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллиро ташкил намуданд, ки онро Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи

28 декабри соли 1993 аз минбари Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олӣ эълом дошт.

Бо вуҷуди ин ки дар солҳои баъд таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон санадҳои муайянсозанда ва танзимкунандаи усулҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар таҳия гардидаву ба тасвиб расиданд, ин ғояҳои бунёдии консепсияи сиёсати хориҷӣ аҳамияту арзиши вижаи худро то ҳол ҳифз намудаанд:

«Дар вақти таҳия сохтани консепсияи сиёсати берунии кишварамон мо бояд ба назар бигирем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геосиёсӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳафзаи сиёсӣ дохил мешавад.

Ҳавзаи якум Иттиҳоди давлатҳои мустақил аст, ки, бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш, ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоили ботинӣ дорад.

Ҳавзаи дуввум Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

Ҳавзаи севвум фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию

фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷалб мекунанд.

Ҳавзаи чаҳорум доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, *ҳавзаи панҷум* ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳириву ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд.

Ҳамагон медонанд, ки ҳар гуна сиёсати давлат дар ниҳояти кор дифоъ аз манофеи миллист. Пас, ҳадди ҳунари сиёсатмадорӣ дар арсаи ҷаҳон дарёфтани баланси оқилона ва одилонаи манофеи мухталифи давлатҳост.

Тоҷикистони тозаистиқлол, ки ҳамагӣ ду сол боз ба майдони муносиботи ҷаҳонӣ ворид шудааст, дар бахши фаъолияти байналхалқӣ – чи сиёсату чи тиҷорат – таҷрибаи кофӣ надорад. Бино бар ин, ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷиамон, хусусан аввалияти ину он тадбир ё ташаббуси байналхалқӣ, моро зарур аст, ки манфиат ё ниёзҳое, ки дар ҳавзаҳои мазкур дорем ва ё хоҳем дошт, ба ҳам муқобил нагузорем. Албатта, чун мо ба ҳавзаҳое низ дохил мешавем, ки сурату сирати минтақавӣ доранд, моро зарур аст, ки сиёсати

минтақавӣ (чунончи, дар ҳудуди Осиёи Марказӣ) ҳам дошта бошем, вале набояд ба минтақагароӣ роҳ дод, ки он фақат ба ҷудоию тафриқаҷӯиҳои нохуши сиёсӣ оварда метавонаду бас».

Дипломатияи тоҷик дар тӯли давроне пас аз иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ин нуктаҳои бунёдии сиёсати хориҷӣ баён гардида буданд, ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст ва тибқи сиёсати усулии «дарҳои боз» равобит ва ҳамкориҳои густурда ва мутақобилан судмандро бо ҳамаи кишварҳои ҳавзаҳои мазкур ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон ба роҳ мондааст. Натиҷаи чунин сиёсати ҳамгироӣ ва мутавозин аст, ки имрӯз Тоҷикистон узви созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва байналмилалӣ буда, бо зиёда аз 140 мамлакати дунё ҳамкориҳои иқтисодиву технологиву фарҳангиро ба роҳ мондааст.

Роҳи пурифтихори тайкардаи кишвари азизи мо ва дипломатияи тоҷик тайи замоне камтар аз чаҳоряк аср таҳти роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон роҳи ҳамвору осонгузаре набуд.

Дар охири соли 1992, вақте ҳукумати қонунӣ сари кор омад, ба сабаби вазъи ошуфтаи сиёсию низомӣ, ки аз баҳори он сол ба амал омада буд, Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷангзада ба тамоми ҷаҳон муаррифӣ гардида буд ва бисёре аз кишварҳои дунё аз барқарории равобит бо кишвари мо худдорӣ

мекарданд. Ва он шумори хеле ками намояндагиҳои дипломатии баъзе аз давлатҳо, ки дар Душанбе ба кор оғоз карда буданд, низ ба мулоҳизаи амният бисоташонро барчида буданд. Илова бар ин, ба мӯҷиби таблиғоти мухолифин, Тоҷикистон он вақт дар зеҳни ҷаҳониён «ҷазираи коммунистӣ»–е буд, ки «роҳбаронаш мардумро дар панҷаи оҳании идеологияи коммунистӣ нигоҳ дошта, онҳоро аз ҳар гуна озодиҳои демократию мазҳабӣ маҳрум кардаанд». Аз ин рӯ созмонҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳбарияти ҷумҳурии мо бо як навъ шубҳа менигаристанд.

Дар чунин вазъият роҳбарияти ҷумҳуриро лозим буд, ки барои ислоҳи чеҳраи бо дурӯғу буҳтон «сиёҳгашта»–и худ ва муаррифӣ кардани симои воқеии тоҷикон, ҳамчун миллати бофарҳангу сулҳхоҳ, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ чораҳои ҷиддӣ андешад.

Хиради сиёсии Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо Созмони Милали Муттаҳид ва бевосита бо роҳбари он – Сармуншии Созмон – робитаи кории мустақим пайдо намуд ва минбари ин маркази бонуфузи ҳамоҳангсозии масъалаҳои умумисайёравиро ҳамчун пойгоҳи шиносонидани Тоҷикистон ташхис дода, тавассути он ҷаҳониёнро аз вазъияти воқеии Тоҷикистон, равандҳои умдаи сиёсиву иҷтимоӣ ва роҳи ҳалли мусолиҳатомез, ки роҳбарияти мамлакат бо иродаи халқи худ пеш гирифта буд, огоҳ менамуд. Аҳли маҳфили сиёсии

ҷаҳон ва роҳбарияти СММ, ки аз соле ба соле Сарвари сиёсии Тоҷикистон дар наздашон аз иқдомҳои баамаловардаи роҳбарияти ҷумҳурӣ баҳри расидан ба сулҳи пойдор ва марбут ба дигар масоили ҳалталаби ҳаёти сиёсии мамлакат сухан мегуфт, ба самимияти ӯ, ки дар корҳои амалии анҷомдодааш таҷассум ёфта буд, итминони қавӣ пайдо намуданд. Ба ин сабаб буд, ки Тоҷикистон ва раванди ҳаллу фасли масоили он дар маркази диққати мақомоти роҳбарӣ ва махсусан мавриди таваҷҷуҳи Сармуншии Созмони Милали Муттаҳид қарор гирифт. Бисёре аз роҳбарону сиёсатмадорони давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мавқеъ ва сиёсати дурусти пешгирифтаи давлати моро ба таври воқеӣ арзёбӣ намуданд. Дере нагузашт, ки Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон намояндагии худро боз намуд ва фиристодаи махсуси Сармуншии СММ ба Душанбе омад.

Бо кумаки Раёсати Комиссариати олии СММ оид ба масъалаи гурезаҳо ва намояндагии Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон раванди бозгардондани гурезагони иҷбории тоҷик аз Афғонистон ва мамлакатҳои ИДМ шурӯъ гардида, дар чанд марҳала бомуваффақият анҷом пазируфт. Бо ҳамкорӣ ва мусоидати фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ, давлатҳои бародари

Россия, Эрон ва Афғонистон ва дигар кишварҳои дӯст музокироти байни Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин барои пайдо кардани роҳи созгории миллӣ оғоз гардид.

Ба даст овардани сулҳу ризоят муҳимтарин дастоварди роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон гардид. Рисолати сулҳоварии Эмомалӣ Раҳмон махсусан дар ҷараёни музокироти тоҷикон барои сулҳу ризоят боз ҳам равшантар аён гашт. Дар ҷараёни музокираҳо, ки 40 моҳ идома ёфтанд ва тарафҳо 21 маротиба сари мизи музокира нишастанд, 40 ҳуҷҷати барои давлат ва миллати тоҷик муҳим ба имзо расиданд. Эмомалӣ Раҳмон дар ҳассостарин марҳалаи гуфтушунид вориди музокирот шуда, ин ҷараёнро суръат бахшид. Вай баҳри дарёфти сулҳ омодагии худро иброз дошта, изҳор намуд, ки дар ҳар куҷое ҷониби оппозитсия даъват кунад, ба ҳамон ҷо хоҳад рафт. Мисли ин ки барои имтиҳон бошад, нахустин мулоқоташро бо роҳбарони мухолифини тоҷик оппозитсия дар кишвари ҷангзадаи Афғонистон таъйин намуд. Ва Эмомалӣ Раҳмон – бидуни тааммул – озими мазҳари ҷанг шуд, то ҷавҳари сулҳ ба даст биёрад. Ин рафтори ҷавонмардона ва ҷасорати инсониву таваккали сиёсиаш аз назарҳо нопадид намонд ва бисёре аз он неруҳое, ки берун аз Тоҷикистон иттилои нодуруст доштанд, аз самимияти мақсаду ниятҳои роҳбарияти кишвари мо воқиф гашта, тамоили

худро тағйир медоданд. Барои худи мухолифин низ кӯшишҳои роҳбари ҷумҳурӣ мавриди писанд қарор гирифт ва ҳар мулоқоти Президент ва сарвари оппозитсия Тоҷикистонро торафт ба сулҳи деринтизор наздик оварда.

Рӯзи 27 июни соли 1997 дар таърихи навини тоҷикон ҳамчун рӯзи ғалабаи хирад, рӯзи пирӯзии ғояҳои ватандӯстӣ ва иттиҳоди миллӣ боқӣ мемонад. Дар ин рӯз дар шаҳри Маскав Созишномаи барқарории сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гардид, ки ба ихтилофи байни тоҷикон хотима гузошт. Барқарории сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон эътибору нуфузи мамлакати мо ва обрӯи Сарвари давлати тоҷиконро боз ҳам зиёд намуд. Ин рӯйдоди бузург ҳамчунин собит намуд, ки зимоми қудрати Тоҷикистон дар дасти шахсиятест, ки ӯ на танҳо қодир аст ҳадафҳои волои миллӣ, масъалаҳои печидаи сиёсӣ, равандҳои аслии ҷаҳони муосирро дарк ва ташхис намояд, балки тавоноии онро низ дорад, то даст ба иқдомҳои ҷасурона бизанад ва зафар ёбад.

Бо қадршиносӣ бояд ёдовар шуд, ки кишварҳои дӯсту бародари Афғонистон, Эрон, Россия, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон, ки дар марҳалаҳои гуногуни гуфтушуниди тоҷикон мизбони давраҳои музокирот буданд ва тамоми имкониятҳои зарурироро фароҳам оварданд, барои

истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон саҳми босазое барҷо гузоштаанд.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун бунёдгузори сулҳу ваҳдат, аҳамияти фавқулода бузургу таърихии имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистонро тавсиф намуда, онро дар як радиф бо Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, иброз доштааст, ки «агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт».

Имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ марҳалаи наверо дар ташаккули давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва рушду такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа оғоз бахшид.

Ин даврaро инчунин метавон ҳамчун марҳалаи муҳиме дар эҳё ва густариши сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор овард. Зеро барқарор шудани сулҳу оромӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ дар кишвар ба Ҳукумати мамлакат имконият пеш овард, то ҳамкориҳои бештару густурдатареро бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ роҳандозӣ намояд.

Яке аз пояҳои муҳими давлатдорӣ ҳамеша фаҳми сиёсати берун аз марзҳо будааст. Давлатмардони

бузурги таърих онон будаанд, ки миёни воқеияти дохили марзҳо ва таҳаввулоти берун тавозуну таодул эҷод кардаанд. Имрӯзҳо ин масъала беш аз ҳар даврони таърихии дигар мубрам аст. Зеро дар шароити дунёи пур аз хатару чолишҳои имрӯз ҳеҷ кишваре, новобаста аз густурдагии ҳудуд, қудрат, нуфуз ё дигар вижагиҳояш, наметавонад ба танҳоӣ суботу амнияти худро таъмин намояд. Ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ вижагиҳои барҷастаи ин даврон мебошанд.

Агар давлатҳои ҷаҳон ба масобаи сохтаҳои алоҳидаи як муҷтамеи воҳид тасаввур шаванд, чолишҳои замони муосир, монанди терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ ва мазҳабӣ, қочоқи маводи мухаддир, буҳронҳои иқтисодӣ ва бисёре аз шароити дигар, бар масали тӯфони фоҷиаборанд. Дар баробари ин фарояндҳои харобиовар давлатҳо метавонанд фақат дар ҳамбастагӣ истодагӣ кунанд ва ҷомеаҳоро аз хатару мушкилот эмин доранд. Бо таваҷҷуҳ бар ин вижагии замони муосир, Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали омадани худ ба сари қудрат равобити зич бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҳамёрӣ бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳонро на танҳо омили муассири пешрафтҳои иқтисодии Тоҷикистон, балки ҳамчунин заминаи муҳими таъмини амният ва суботи кишвар муайян намуд.

Истеъдоди сиёсии Эмомалӣ Раҳмон дар ин воқеият низ зоҳир гардидааст, ки ӯ аз ибтидо суботи сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон ва суботи кишварҳои ҳамсоя, минтақа ва умуман ҷаҳонро дарк намуд. Бар асоси ин фалсафа, ки моҳиятан диалектикаи тавсеаи давлат мебошад, Сарвари давлати тоҷикон аз нахустин рӯзҳои ба сарварии Тоҷикистон расидан равобити ҳамаҷониба, зич ва дӯстона бо ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқро аз муҳимтарин ва афзалиятноктарин самти сиёсати хориҷии Тоҷикистон муайян намуд. Зеро бо диди амиқи сиёсӣ дарк менамуд, ки иҷрои вазифаҳои душвору печидаи бунёд ва таҳкими Тоҷикистони соҳибистиқлол ва эҷоди қудрати иқтисодии он бидуни ҳамкории сиёсию иқтисодии густурда бо кишварҳои пасошӯравӣ, ки то дирӯз дар фазои ягонаи иқтисодӣ қарор доштанд ва бо ҳазорон риштаҳои дар тӯли даҳсолаҳо шаклгирифта ба ҳамдигар пайваст мебошанд, имконнопазир аст.

Бо талошу кӯшиши пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар созмонҳои ҳамгироӣ – чи дар фазои пасошӯравӣ ва чи дар минтақа ва ҷаҳон, – аз ҷумлаи СММ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва эътимод дар Осиё ва дигар созмону ниҳодҳои ҳамгироӣ, симои вижа ва ширкати фаъолона дорад.

Бо ба тарзи саҳеҳ мушаххас намудани самтҳои тавсеаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва бо дар назар гирифтани мавқеияти ҷуғрофию геосиёсӣ, манфиатҳои миллӣ ва инчунин омилҳое, аз қабили равобити фарҳангиву таърихӣ, арзишҳои умумибашарӣ ва яксон будани манфиатҳо, Эмомалӣ Раҳмон равобити дӯстонаи Тоҷикистонро бо ҳамаи кишварҳо танзим намуд.

Дар натиҷаи чунин сиёсати хориҷии мутавозин равобити созанда бо Россия ва давлатҳои дигари пасошӯравӣ, кишварҳои форсизабони Эрону Афғонистон, Чин, ИМА, Ҳиндустон, Покистон, мамлакатҳои Аврупо, кишварҳои араб, Осиёи Шарқӣ ва Африқо роҳандозӣ гардид.

Дар сояи истеъдоди баланди сиёсатмадорӣ, назари борикбин ва жарфнигарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ бо муҳтавои прагматикӣ ва воқеъбинона, ки самтҳои асосӣ, роҳу василаҳои татбиқи манфиатҳои дарозмуддати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад, ба вуҷуд оварда шуданд. Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ», Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои марбут, ки бар мабнои Конститутсияи Тоҷикистон таҳия шудаву ба тасвиб расидаанд, баёнгари ҳадафҳо, вазифаҳо ва хостаҳои давлат ва мардуми кишвар дар роҳандозии сиёсати хориҷӣ ба манзури даст ёфтан

ба манфиатҳои миллӣ мебошанд. Барои фаъолияти муассир ва пайгирии пайвастаи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ марҳала ба марҳала шабакаи густурдаи намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ аз кишвар ба вуҷуд оварда шуданд.

Яке аз вижагиҳои мумтози сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз»–и эъломнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» мусоидат ба он намуданд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ андозад. Тоҷикистон имрӯз дар арсаи сиёсати ҷаҳон симои хосси хешро дорад ва ҳамчун узви соҳибэътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирию пуштибонӣ шудани ибтикорҳои Тоҷикистон дар шахси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, бавижа дар ҳаллу фасли масъалаҳои обу энергетика, мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон, баёнгари мавқеи вижаи Тоҷикистон дар низоми равобити байналмилалӣ ва обрӯи баланди роҳбари кишвари мо дар назди маҳофили сиёсии ҷаҳон аст.

Бо таваҷҷуҳ ба имкониятҳои беҳудуди энергетикаи обӣ, Эмомалӣ Раҳмон таъмини истиқлолияти энергетикиро яке аз самтҳои муҳимтарини стратегӣ ва афзалиятноки иқтисодии мамлакат муайян намуд. Дар давоми солҳои гузашта дар ин замина корҳои зиёде анҷом гирифта, дар нуқоти гуногуни мамлакат садҳо неругоҳҳои барқи обии хурд сохтаву ба истифода дода шудаанд ва бунёди неругоҳҳои хурди зиёде дар дасти кор мебошад.

Натиҷаи сиёсати оқилона ва дурбинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва обрӯю эътибори ӯ чун сиёсатмадори сулҳофарин ва таъмингари суботи сиёсиву иҷтимоӣ аст, ки бо иштироки сармояи давлат ва ширкатҳои бонуфузи Федератсияи Россия неругоҳи барқи обии «Сангтӯда–1» ва бо ҷалби сармояи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва маблағгузории дохилӣ неругоҳи барқи обии «Сангтӯда–2» бунёд гардиданд, хаттҳои баландшиддати интиқоли барқ кишида шуданд, роҳҳо, пулҳо, нақбҳои мошингузар, корхонаҳои зиёди ватанию муштарак сохта шуданд.

Роҳбарияти Тоҷикистон ва шахсан Президент Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун Раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, бо ҳамватанони бурунмарзиамон робитаи мустақим барқарор намуда, онҳоро дар иқдомҳои созандаи фарҳангию иқтисодӣ ширкат медиҳад. Ҳамватанони

бурунмарзӣ, ки дар гӯшаю канори гуногуни ҷаҳон кору зиндагӣ мекунанд ва Тоҷикистонро хонаи умеди худ медонанд, ҳамеша аз дастгирию пуштибонии давлати Тоҷикистон бархӯрдор ҳастанд.

Сиёсати хирадмандона ва фарогири Сарвари давлат имкон фароҳам овард, ки мардуми тоҷик, бо аз сар гирифтани рисолати олии тамаддунсозии хеш ва бо такя ба арзишҳои волои миллӣ ва арзишҳои фарҳанги муосири сиёсӣ, фасли тозаеро дар таърихи давлатдории дерини худ бинависад.

Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки дар муддати кӯтоҳи таърихӣ дар роҳи таҳкими рукнҳои давлати воқеан соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон иқдомҳои муассир ба вуқӯъ пайвастаанд, самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии давлат, бо ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ, муайян шудаанд. Дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар бахшҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, барномаҳои густурдаи рушду тавсеа амалӣ мегарданд.

Итминон аст, ки Тоҷикистони азиз бо сарварии Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои наздик, бо бархӯрдорӣ аз рӯҳияи кӯшандаи мардум, дар сояи давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дар ҳамкориҳои густурда бо мамлакатҳои ҷаҳон ва созмонҳои

байналмилалӣ ба пешрафтҳои бештаре аз ҳоло даст меёбад ва дар сафи кишварҳои мутараққии ҷаҳон мақоми шоистаи хешро касб менамояд.

(Аз китоби: Сайидзода Зафари Шералӣ.Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 саҳ.)

УСУЛҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сиёсати хориҷӣ яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти сиёсии кишварҳо дар низоми байналмилалӣ ба шумор меравад ва бақою ҳаёти як кишвар ба он вобастагӣ дорад ва тасмимоту ҷиҳатгириҳои кишварҳо дар заминаи сиёсати хориҷӣ мустақиман бо зиндагии мардум, беҳбудӣ ва амнияти онҳо сари кор дорад. Ба назари бисёре аз коршиносон ва сиёсатмадорони ҷаҳон, манфиатҳои миллӣ чароғи роҳнамои кишварҳо ва давлатҳо дар раванди ҳаракати онҳо дар масири пешрафту тараққӣ аст.

Ба манзури ҳифзи манфиатҳои миллии худ ҳар давлате сиёсати хориҷии муайяне ба роҳ мемонад. Ин сиёсат фаъолиятҳои давлат ва дигар ниҳодҳои сиёсии ҷомеа дар пиёдасозии манфиатҳо ва ниёзҳои худ дар арсаи байналмилалӣ аст.

Сиёсати хориҷӣ идомаи сиёсати дохилӣ мебошад, ки ба кишварҳои дигар нигаронида шудааст. Сиёсати хориҷӣ, монанди сиёсати дохилӣ, бо низоми иқтисодии ҳоким, сохти ҷамъиятию сиёсии давлат робитаи маҳкам дорад ва ифодакунандаи он дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ҳадафи асосии сиёсати хориҷӣ таъмини шароити матлубу мусоиди ба ҳақиқат пайвастани манфиатҳои кишвар, таъмини амнияти миллӣ,

осудаҳолии мардум, ҷилавгирӣ аз вазъиятҳои буҳронӣ мебошад.

Фаъолияти давлатҳо дар ҳавзаи сиёсати хориҷӣ, дар маҷмӯъ, муносибатҳои байналмилалӣ, яъне маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, низомӣ ва дигар робитаҳои байни кишварҳо, миллатҳо, созмонҳои сиёсию илмию фарҳангию мазҳабиро дар арсаи байналмилалӣ шакл медиҳанд.

Сиёсати хориҷӣ сиёсати куллии кишвар дар ҳавзаи байналмилалӣ мебошад. Ин сиёсат муносибатҳои як кишварро бо кишварҳои дигар ва миллатҳои дигар мутобиқ ба усулҳо ва ҳадафҳои кишвар, ки бо шеваю равишҳои гуногун амалӣ карда мешаванд, муайян месозад.

Сиёсати хориҷии ҳар кишвар бо сиёсати дохилии он дарҳамтанидагии сахте дорад ва намоёнгари низоми сиёсию ҷамъиятии он кишвар мебошад. Ҳар кишваре бо ворид шудан ба муносибатҳои байналмилалӣ манфиатҳои миллии худро, алалхусус дар ҳавзаи амният, ҳифзу посдории сулҳ, ҳаллу фасли масъалаҳое, ки дар пешрафти иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, бо манфиатҳои умумибашарӣ пайванд медиҳад.

Шаклгирии сиёсати хориҷӣ мутобиқ бо пеш омадани ниёзҳои воқеии кишвар барои ворид шудан ба равобити вижа бо ҷаҳони хориҷ ба зуҳур

мепайвандад. Аз ин рӯ сиёсати хориҷӣ маъмулан дертар аз сиёсати дохилӣ тарҳу шакл мепазирад. Маъмулан равобити хориҷӣ ҳамчун хоҳиши донистану такмил намудани роҳу равиши бархӯрд ва ҳаллу фасли ин ё он масъалаи ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз мешавад. Ва вақте ин ниёз доимӣ ва ҳадафманд мегардад, ба сиёсат, яъне ба фаъолияти мушаххасе, ки ҳадаф аз он ҳаллу фасли масъалаҳои муайян мебошад, табдил мегардад.

Ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ гардад ва сиёсати мустақили посухгӯ ба манфиатҳои мардум ва кишваоро роҳандозӣ намояд. Ба манзури ба таври муассир ба роҳ мондани сиёсати хориҷӣ дар ҷумҳурӣ мақомоти давлатии таъминкунандаи фаъолиятҳои хориҷӣ ва заминаи ҳуқуқии равобити хориҷӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Заминаи ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ, усулҳо ва ҳадафҳои сиёсати хориҷии ҷумҳуриро Конститутсияи Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини татбиқи сиёсати ягонаи хориҷӣ», Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои

ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, дигар асноди меъёрии ҳуқуқии марбут ташкил медиҳанд.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳияти худ сулҳҷӯёна, қонунгароёна, башардӯстона буда, дар якҷоягӣ бо дигар ҳавзаҳои сиёсати давлат барои боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва таъмини амнияти онҳо роҳандозӣ мегардад.

Пойбандии Тоҷикистон ба ҳуқуқи байналмилалӣ дар моддаи 10–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин сабт гардидааст: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд».

Сиёсати сулҳҷӯёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 11–и Конститутсия чунин ифода ёфтааст: «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад».

Дар моддаи 11–и Конститутсия дар мавриди узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмонҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ чунин таъйинот сабт

шудааст: «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.

Давлат бо ҳамватанони берунмарзӣ ҳамкорӣ мекунад».

Ҳимояи давлатро аз шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷ аз кишвар Конститутсия дар моддаи 16 ин тавр таъйин кардааст: «Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад».

Асосу пояи сиёсати хориҷии Тоҷикистон эътирофи мутақобилаи манфиатҳо бо таваҷҷуҳ ба авлавияти манфиатҳои миллӣ, талош дар барқарории сулҳу амният, шаффофият дар роҳандозии сиёсати хориҷӣ ва равобиту ҳамгироии гусутурда бо тамоми кишварҳои сулҳдӯст, бартарии ҳуқуқи байналмилалӣ, эҷоду тавсеаи равобити хориҷии дуҷониба ва чандҷониба мебошад.

Тоҷикистон – бо пойбандӣ ба ҳуқуқи эътирофшудаи байналмилалӣ – сиёсати хориҷии худро бар асоси усулҳои баробарии кишварҳо ва эҳтироми соҳибистиқлолии онҳо, истифода накардан аз зӯрӣ ва таҳдид ба зӯрӣ, дахолатнопазирии марзҳо, ҳаллу фасли мусолиҳатомези ихтилофҳо, дахолат накардан ба умури дохилии кишварҳои дигар ба роҳ меандозад.

Усули эътирофи баробарии кишварҳо ва эҳтироми соҳибистиқлолии онҳо ба ин маънӣ аст, ки Тоҷикистон истиқлоли кишварҳо, низоми сиёсӣ, идеологӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ва ҳаққи онҳоро ба интихоби шарикони равобити байналмилалӣ эҳтиром менамояд.

Усули истифода накардан аз зӯрӣ ва таҳдид ба зӯрӣ ба ин маънӣ аст, ки Тоҷикистон дар равобити байналмилалӣ аз истифодаи абзорҳои низомӣ, сиёсӣ ё ҳар шакли дигари фишор нисбати кишварҳои дигар ба манзури заиф кардани истиқлоли сиёсӣ ё иқтисодии онҳо истифода намекунад.

Усули дахолатнопазирии марзҳо ба ин маънӣ аст, ки Тоҷикистон тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии марзи миёни кишварҳоро эътироф менамояд. Тоҷикистон аз ҳар гуна иқдом ба тасарруфи бахш ё тамоми хоки кишвари дигар дурӣ меҷӯяд.

Усули ҳаллу фасли мусолиҳатомези ихтилофҳо дорои ин маънӣ мебошад, ки Тоҷикистон ҳама гуна ихтилофоти эҳтимолиро бо кишварҳои дигар, аз ҷумла муноқишаҳои марзиро, бо равиши мусолиҳатомез ва ба хотири ба хатар наандохтани сулҳу амният ва манфиатҳои халқҳо ҳаллу фасл менамояд.

Усули дахолат накардан ба умури дохилии кишварҳо, аз як тараф, баёнкунандаи ҳаққи ҳар миллат барои таъйини роҳу равиши тавсеаи

кишвари хеш бошад, аз сӯи дигар, уҳдадории кишварҳо ба худдорӣ кардан аз мудохила ба салоҳияти кишварҳои дигар дар ҳаллуфасли масъалаҳои ҳаёти дохилиашон мебошад.

Тоҷикистон – бо садоқати худ ба ин усулҳо – ҷонибдори як низоми байналмилалии тавоно ба эҷоди фазои мусоиди ҳамкориҳои густурдаи сиёсӣ, бистари амният, эътимод ва ҳамсоягии нек аст. Кишвари мо ҷонибдори шаффофият дар сиёсати хориҷӣ, барқарорӣ ва густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва чандҷониба бо тамоми давлатҳои ҷаҳон – бо авлавият бахшидан ба равобити мустақим ва чандҷониба бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, дар навбати аввал бо Федератсияи Россия, таҳкими ҳамкориҳои дӯстона бо кишварҳои минтақа, пеш аз ҳама, бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, тавсеаи муносибатҳо бо кишварҳои ҳавзаи ҷаҳони ислом, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҳиндустон, ҳамкорӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон, Фаронса, Италия ва дигар кишварҳои Аврупо – мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифи қатъии истифодаи ҷанг ҳамчун василаи ҳаллу фасли масъалаҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ буда, ҷонибдори аз байн бурдани ҳар гуна муноқишаҳои байни давлатҳо ва бартараф кардани иллати ихтилофи назарҳо аз роҳи дипломатӣ мебошад.

Тоҷикистон – бо авлавият додан ба усулҳои умумибашарӣ дар равобити байни давлатҳо – ҳаргиз неруҳои мусаллаҳи худро барои ҳамла ба кишвари дигар истифода нахоҳад кард, ба истиснои мавриди ҳамлаи берунӣ гардидани худ ва кишварҳое, ки бо Тоҷикистон паймони кумаки мутақобили ҳарбӣ доранд. Тоҷикистон моил нест шомили блокҳо ва созмонҳои таҷовузкор шавад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асри XXI аз лиҳози зеҳнӣ, иқтисодӣ, технологӣ ин қадар пешрафт кардааст, ки ҷанг набояд абзори сиёсати хориҷӣ бошад, зеро ҳама гуна ҳаққу ҳуқуқи давлатҳо ва миллатҳо дар муайян кардани сарнавишти худ, баробарӣ, эҳтироми истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, ки санадҳои байналмилалӣ кафолат медиҳанд, халалдор мегарданд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки пайравӣ аз се роҳи асосии таъмин кардани амнияти байналмилалӣ имкон медиҳад, ки вазъияти буҳронии пешомада дар равобити байни давлатҳо бо роҳи осоишта ҳаллу фасл гардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳони он аст, ки низоми навини ҷаҳонии дар ҳоли ташаккул комилан озод аз ҷангҳову даргириҳо, зулму ситам, хушунату таассуби фарҳангиву мазҳабӣ, бегоназитезӣ ва устувор бар пояи ҳамкориҳои баробару мутақобилан судманд ва мушорикати ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бошад. Ва мубориза бо таҳдиду

чолишҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, дар ҳамбастагии зич ва ҳамкории якҷояи давлатҳои дунё бар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, сурат пазирад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори эҷоди созукорҳои муассири ба ҳам танидани манфиатҳои миллӣ ва талошҳои байналмилалӣ, якҷоя кардани кӯшиши ҳамаи кишварҳои ҷаҳон баҳри омода кардани иқдомот барои мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав мебошад.

Тоҷикистон дар саҳни сиёсати дохилии худ – ба манзури тақвияти ҷанбаҳои калидии сиёсати хориҷӣ – дар робита бо мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, радикализми мазҳабӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, хатарҳои муҳити зист, тағйири иқлим ва таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ ва озуқавӣ ба иқдомҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иттилоотию тарғиботӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар иқдомҳои вижа мепардозад.

Ба ҳамин наҳв, мақомот ва ниҳодҳои давлатии масъул ба иҷрои сиёсати хориҷии созанда ва сулҳдӯстонаи Тоҷикистон, бар тибқи ин усулҳои бунёдӣ, дар тӯли солҳои гузашта дар вазъияти ҷаҳони пур аз таҳдиду чолишҳо озодиву истиқлол, тамомияти арзӣ, амнияти ҷомеа ва суботи устувори

сиёсию иҷтимоии кишварро таъмин намуда, кафили пешрафту тараққии Ватани маҳбубамон ва меҳнати созандаи мардуми шарифи Тоҷикистон гардидаанд ва бо итминон метавон гуфт, ки ин рисолати муқаддасро дар оянда ва ҳамеша шарофатмандона иҷро хоҳанд кард.

(Аз китоби: Сайидзода Зафари Шералӣ. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 саҳ.)

ВАЗИФАҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Назарияҳои зиёде мавҷуданд, ки вазифаҳо, ҳадафҳо, моҳият ва абзору воситаҳои пиёдасозии сиёсати хориҷиро ба таври гуногун таъриф мекунанд. Амммо як назарияи умумие дар ҳавзаи сиёсати хориҷӣ бештар корбаст мешавад, ки бар асоси он масъулин василаю равишҳои муассири дастёбӣ ба ҳадафҳоро тадорук мекунанд ва фаъолиятҳои хориҷии худро ҳамоҳанг ва барномарезӣ менамоянд.

Барномарезии сиёсати хориҷӣ маънои банақшагирии фаъолиятҳои мушаххас ва чандмарҳалаест, ки дар ояндаҳои наздику дур ба амал хоҳад пайваст. Ин барнома таҳаввулоти муносибатҳои хориҷиро дар тамоми ҷаҳон ё дар минтақае аз дунё ва ҳамкориҳои кишварро бо давлатҳои дигар пешбинӣ мекунад.

Дар миёни ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии ҳар кишвар таъмини амният, талош барои афзун кардани имкониятҳои моддӣ, сиёсӣ, низомӣ, зеҳнӣ ва боло бурдани обрӯю нуфузи кишвар дар ҷомеаи байналмилалӣ ҳаққи муқаддам доранд.

Амалӣ гаштани ин ҳадафҳо аз сурату сифати ҳамкориҳои хориҷии кишвар ва вазъи байналмилалӣ вобаста мебошад. Дар баробари ин, фаъолиятҳои кишвар дар ҳавзаи сиёсати хориҷӣ бояд бо таваҷҷуҳ

ба манфиатҳо ва хостаҳои кишварҳои дигар ба амал бароварда шаванд.

Вазифаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз бунёдитарин ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, яъне таъмини истиқлолияту озодӣ, ҳифзи амнияту суботи сиёсию иҷтимоӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар, тақвияти ҷойгоҳи вижа ва симои ҷаззоби Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, бармеоянд.

Вижагии муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз» аст. Ҷавҳари ин сиёсат, ки Президент онро эълом кардаву бар он роҳбарӣ мекунад, ин аст, ки кишвари мо ҳеҷ кишвареро ғайридӯст намешуморад ва омода аст бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон – бар пояи дӯстӣ – ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд дошта бошад.

Фароҳам овардани шароити мусоиди берун аз марзҳо барои рушди устувори ҳамаҷонибаи кишвар, беш аз пеш устувор намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, кӯшишҳои пайгирона барои дарёфти роҳу равиши ҳамкориҳои боэътимод бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, тавсеаи пайгиронаи ҳамкориҳои бурунмарзӣ дар ҳавзаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию инсонӣ, илмию техникӣ ба манзури расидан ба ҳадафҳои авлавиятноки сиёсати дохилии кишвар, аз ҷумла ҳадафҳои стратегии таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти иртиботӣ ва ҳифзи

амнияти озуқаворӣ, вазифаи аслӣ ва асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Иштироки судманд дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид, муассиса ва ниҳодҳои тахассусии он, пуштибонии манфиатҳои миллии Тоҷикистон, муаррифии иқдомҳои созандаи кишвар дар ростои ҳадафҳои Оинномаи СММ ва кӯшиш барои касби узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ниҳодҳо ва сохторҳои интихобии СММ яке аз вазифаҳои калидии сиёсати хориҷии кишвари мо ба шумор меравад.

Густариши беш аз пеши ҳамкории босамари кишвари мо бо муассисаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг – ЮНЕСКО – ба манзури истифода кардани саҳнаи он барои муаррифии дастовардҳои фарҳангию маънавии миллати тоҷик ва ҳифзу эҳёи мероси моддӣ ва ғайримоддии он посухгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад.

Боз ҳам фаъол кардани ҳузури Тоҷикистон дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ба роҳ мондани муносибатҳои афзалиятноки бисёрҷониба ва дуҷониба бо давлатҳои иштирокчии ИДМ аз вазифаҳои муҳими сиёсати берунии кишвари мо мебошад. Тоҷикистон ягона давлат дар ИДМ аст, ки наваду нуҳ дарсади тамоми қарордод ва шартномаҳоеро, ки саронии давлатҳои иштирокчии Иттиҳод ба имзо мерасонанд, иҷро мекунад.

Вазифаи дигари сиёсати хориҷии кишвари мо эҷоди низоми мутавозини шарикии стратегӣ бо кишварҳои бузург, аз ҷумла Федератсияи Россия, Чин ва Эрон, ҳамкории судовар бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, мусоидат ба тавозуни геосиёсӣ дар минтақа, гуногунсозии ҳамкориҳои амиқи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фановарӣ ва дигар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ.

Мусоидат намудан ба ҳифзу тақвияти сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ, табдили минтақа ба сарзамини амн ва рушди устувор, пуштибонии равандҳои солимгардонии вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар Афғонистон ва табдил додани ин мамлакат ба кишвари амну ободу шукуфо аз дигар вазифаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Роҳбарияти Тоҷикистон тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, чи дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва чи дар ҳаллу фасли мушкилоти башарият, аз ҷумлаи терроризм, ифротгароӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ бисёр муҳим мешуморад. Бино бар ин тақвияти равобит бо ин кишвари бонуфуз аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Вазифаҳои мусоидат ба эҷоди камарбанди эътимоду амният дар тамоми тӯли сарҳади кишвар

аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор, бо истифода аз созукорҳои (механизмҳои) сиёсию дипломатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, бо шумули иқдомҳои дипломатияи пешгирона, барои ҳалли саривақтии мушкилоти мавҷуд ё эҳтимолӣ дар минтақа саъю талош намудан дар сиёсати хориҷии кишвари мо мавқеи муҳим доранд.

Густариши ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, ки яке аз ҳамкорони муҳими иқтисодии кишвари мо ба шумор меравад, дорои мақоми муҳиме дар доираи вазифаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад. Ҳамкорӣ бо ин иттиҳоди бонуфуз ва ниҳодҳои таркибии он, монанди Парлумони Аврупо, Шӯрои Аврупо, Бонки сармоягузории Аврупо, барои пешбурди иқтисодии кишвари мо ҳоизи аҳамияти зиёд аст.

Пӯё гардондани ҳамкориҳои гуногунҷанбаи дуҷониба бо кишварҳои аврупоӣ, монанди Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Италия, Испания, Белгия, Австрия, Швейтсария, Чехия, Лаҳистон, кишварҳои соҳили Балтика барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷиаш ба ҳисоб меравад.

Эҷоду тавсеаи низоми байналмилалии долонҳои нақлиётию иртиботӣ барои таъмини дастёбии Тоҷикистон ба муҳимтарин масирҳои ҳамлу нақл ва бозорҳои бузурги ҷаҳон, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва

фановариҳои пешрафта ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ яке аз вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад. Ҳамкории густурда бо кишварҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ, аз ҷумла Япония, Ҷумҳурии Корея, Таиланд, Индонезия, Малайзия, Ветнам, Сингапур ва кишварҳои дигари минтақа, дар ин росто барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суди зиёде ҳамроҳ мебошад.

Нақши Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамчун василаи судманди равобити чандҷонибаи кишварҳои мусулмон, баҳри таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти мамлакатҳои мусулмоннишин хеле бузург аст. Аз ин рӯ Тоҷикистон ширкат дар ин созмонро аз вазифаҳои муҳими сиёсати берунии худ мешуморад. Кишвари мо ҳамчунин густариши равобити устувори дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои ҳавзаи ҷаҳони ислом, аз ҷумла бо мамлакатҳои олами араб, бар пояи амалгароии (прагматизми) иқтисодӣ ва ҳусни тафоҳум аз ҷумлаи вазифаҳои сиёсати бурунмарзии худ мешуморад.

Тавсеаи ҳамкории мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Туркия дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла ба манзури ҷалби сармоягузории ин кишвар ба иқтисодиёти Тоҷикистон, аз вазифаҳои дарозмуддати кишвари мо мебошад.

Вазифаи муҳими дигари сиёсати берунии Тоҷикистон тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои

дӯстона, мустаҳкам ва созанда бо кишварҳои Ҳиндустон, Ҷумҳурии Корея, Покистон, Туркия дар соҳаҳои бунёди инфрасохтори иртиботиву нақлиётӣ, сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ ва монанди инҳост.

Таъмини чеҳраи матлуби кишвар ҳамчун шарики боэътимоди сиёсию иқтисодӣ, афзоиши ҷаззобияти кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ аз нуқтаи назари сармоягузорӣ, гардишгарӣ, фарҳангӣ, ҳифзи мартабаву манзалат, обрӯю эътибори миллати тоҷик яке аз вазифаҳои марказии сиёсии Тоҷикистон мебошад.

Таъмини иштироки фаъол дар кори Созмони умумиҷаҳонии савдо ба манзури ҳимоя, пешбурд ва рақобатпазир кардани иқтисодиёт, густариши раванди ҳамгироии иқтисоди мамлакат бо иқтисоди ҷаҳонӣ, даст ёфтан ба бозорҳои бузурги байналмилалӣ ва, дар маҷмӯъ, пиёда сохтани манфиатҳои миллии Ватани мо дар арсаи ҷаҳонии иқтисод ва савдои ҷаҳонӣ вазифаи муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Пуштибонии ҳуқуқию фарҳангию маърифатии тоҷикони бурунмарзӣ бо корбасти ҳуқуқи байналмилалӣ ва созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумак ба анҷуманҳои ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳифзи вижагиҳои нажодию фарҳангӣ, аз ҷумла забони модарӣ ва анъанаю суннатҳои миллӣ дар чорчӯби қонунҳои

кишварҳои иқоматашон, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Иҷрои муваффақомези ин вазифаҳо на танҳо ба фаъолияти коромади ниҳодҳои марказии сиёсати хориҷии кишвар – Вазорати корҳои хориҷӣ, сафоратхонаҳо, консулгариҳо, намояндагиҳои фарҳангӣ, – инчунин ба ҷаҳду талоши фаъолони миллӣ дар низоми тиҷорати байналмилалӣ ва равобити иқтисодӣ бастагӣ дорад. Ва бо таваҷҷуҳ ба ин воқеият, ки то имрӯз кишвари мо дар арсаи ҷаҳон симои вижаи худ ва обрӯю манзалати хосси хешро пайдо кардааст, итминон дорем, ки мавқеи байналмилалии Тоҷикистон беш аз пеш устувортар гардида, аз баракати он иқтисоди кишвар пешрафтатар ва нуфузу эътибори Ватани азиз ва миллати шарофатманди мо афзунтар хоҳад шуд.

(Аз китоби: Сайидзода Зафари Шералӣ. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 саҳ.)

АВЛАВИЯТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон авлавиятҳои сиёсати хориҷии худро бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд.

Хусусиятҳои геосиёсиву геоиқтисодии таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза тақозо мекунанд, ки ин афзалиятҳо пайваста мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд. Онҳо бо дарназардошти сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои алоҳида ё гурӯҳи давлатҳо, созмонҳои байнал–милаливу минтақавӣ, инчунин бино ба ниёзҳои манфиатҳои милливу давлатӣ метавонанд тағйир пазиранд.

Дипломатияи дуҷониба

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии муносибатҳои дарозмуддату босуботро бо шарикони анъанавии худ – давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди давлатҳои мустақил – ҷавобгӯйи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худ меҳисобад ва бо дарназардошти консепсияи ҳамгироии гуногунсуръату гуногунсатҳ дар доираи Иттиҳоди мазкур барои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо онҳо саъй хоҳад намуд.

Бо дарназардошти мавқеи Федератсияи Россия дар ҷаҳон ва минтақа, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон густариш ва таҳкими муносибатҳои анъанавии дӯстона ва шарокати стратегӣ бо ин кишвар аҳамияти хосса дорад.

Тавсеаи муносибатҳо бо Федератсияи Россия дар асоси баробарӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд дар бахшҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва ҳарбӣ–техникӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, фарҳангию иттилоотӣ, илму маориф ва самтҳои дигар ҷавобгӯйи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, омили муҳими таъмини сулҳу суботи минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятнокро ишғол менамоянд. Тоҷикистон ҷонибдори минбаъд вусъат бахшидани таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардумони Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар равобит бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳим ва зарур будани муносибатҳои баробар, мутақобилан судманд, беғараз ва устувор омилҳои муайянкунанда ба ҳисоб мераванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсаташро бо ин кишвари ҳамсоя ҳамеша дар асоси эҳтироми мутақобил, ҳамкории созанда ва хайрхоҳӣ пеш хоҳад бурд.

Умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди давлатҳои минтақа қарор доранд, зарурати рушду тавсеаи муносибатҳоро бо кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон бар пояи эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории судманд тақозо мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад.

Густариши ҳамкориҳо бо Украина, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Молдова, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Гурҷистон ва Ҷумҳурии Арманистон яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рушди босубот ва устувори ин кишварҳо аз оғози ҳазорсолаи нав барои расидан ба ин ҳадаф шароити заруриро фароҳам овардааст.

Таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Халқии Хитой аз муҳимтарин вазифаҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти Осиё ба шумор меравад. Ин муносибатҳо бо ирода ва талошҳои ду ҷониб то ба сатҳи шарокати стратегӣ расидаанд ва заминаи мусоидро барои тавсеаи рӯзафзуни ҳамкориҳои гуногунҷанбаи сиёсию амниятӣ, ҳарбию техникӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангӣ фароҳам овардаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳарчи зудтар барқарор гардидани сулҳи пойдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон буда, оромӣ, амният ва суботи сиёсии ин кишвари ҳамҷаворро ҷавобгӯйи манфиатҳои миллии худ медонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳукумати Афғонистонро дар ҳалли ҳамаҷонибаи қазияи кишвар ва эҳёи иқтисодии он дар марҳалаи гузариш ба Афғонистони худкифо пуштибонӣ мекунад ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунсоҳаи мутақобилан судмандро бо ин кишвари дӯсту ҳамсоя бар мабнои муштаракоти таърихӣ, забонӣ ва фарҳангии миёни ду халқ аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии худ мешуморад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳо бо Ҷумҳурии Исломии Эрон низ омили муштаракоти таърихӣ, забонӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд ҳам муносибатҳои пойдори дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманди гуногунсоҳаро бо ин кишвар бар пояи дуҷониба ва бисёрҷониба беш аз пеш тавсеа хоҳад бахшид.

Масъалаҳои вусъат додани раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва тадриҷан ворид шудани иқтисоди миллӣ ба низоми равобити иқтисодии ҷаҳонӣ беш аз пеш тақвият додани муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро бо кишварҳои мутараққии ҷаҳон талаб мекунад. Истифодаи

таҷрибаи он кишварҳо дар иқтисод, ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, илму техника, фарҳанг, фановарии ҳозиразамон барои рушди сиёсиву иқтисодии минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти нуфуз ва нақши бузурги Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар сиёсату иқтисоди ҷаҳонӣ минбаъд низ саъю кӯшиш мекунад, ки бо ин давлат робитаҳои гуногунҷанбаро дар асоси татбиқи манфиатҳои мутақобилан судманд инкишоф диҳад ва хусусияти шарикии онҳоро нигоҳ дорад.

Бино ба пешрафти назаррас ва афзоиши нақшу эътибори байналмилалии кишварҳои Америкаи Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ, монанди Канада, Ҷумҳурии Куба, Штатҳои Муттаҳидаи Мексика, Ҷумҳурии Федеративии Бразилия ва Ҷумҳурии Аргентина, баҳрабардорӣ аз ҳамкориҳои самарабахш бо онҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад.

Аз оғози асри XXI дар муносибатҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо тағйироти куллии мусбат ба вуқӯъ пайваст ва ин тамоюл сол аз сол тақвият меёбад.

Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупоро, ки ба пешрафти бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд, яке аз ҳамкорони муҳими иқтисодии худ мешуморад ва минбаъд низ талош хоҳад кард, ки

бо ин иттиҳоди бонуфузи байнидавлатӣ ҳамкориҳои дарозмуддати устуворро дар асоси усули судмандии мутақобил густаришу инкишоф диҳад.

Ин ҳамкорӣ, дар маҷмӯъ, ниҳодҳои гуногуни Аврупо, аз ҷумла Парлумони Аврупо, Шӯрои Аврупо, Бонки сармоягузории Аврупо ва созмону сохторҳои дигарро дар бар хоҳад гирифт.

Дар баробари ин, густариш ва тақвияти ҳамкориҳои гуногунҷанбаи дуҷониба бо кишварҳои мухталифи аврупоӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Федеративии Германия, Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Ҷумҳурии Франсия, Ҷумҳурии Италия, Шоҳигарии Испания, Конфедератсияи Швейтсария, Шоҳигарии Белгия, Ҷумҳурии Австрия, Ҷумҳурии Чехия, Ҷумҳурии Полша, кишварҳои соҳили Балтика барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми авлавиятнок доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, фановарӣ, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ, таҳкими муносибатҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ, аз ҷумла Япония, Ҷумҳурии Корея, Шоҳигарии Таиланд, Ҷумҳурии Индонезия, Малайзия, Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам, Сингапур ва кишварҳои дигари минтақа, аз самтҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии худ мешуморад. Вазъи муносибатҳои дуҷониба бо ин

кишварҳо барои расидан ба ин мақсад шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Япония ба сифати шарики боэътимод ва кишвари мададрасон манфиатдор буда, робитаҳои худро бо ин кишвари дӯст мустақиман ва аз тариқи ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ тавсеаи бештар хоҳад дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишофи ҳамкории мутақобилан судмандро бо Ҷумҳурии Туркия дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла ҷалби сармоягузории он кишвар ба иқтисодиёти Тоҷикистон, истиқбол менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти нақшу таъсири Ҷумҳурии Ҳиндустон дар минтақа ва ҷаҳон, равобити бисёрасраи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон, инчунин имкониятҳои васеи иқтисодиву фановарии он, ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишвар густаришу таҳким хоҳад дод.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими муносибатҳои сиёсӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо дарназардошти имкониятҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва мавқеи геостратегии он, аҳамияти хосса дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истиқбол аз алоқамандии кишварҳои арабии ҳошияи Халиҷи Форс, аз қабили Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Давлати Қатар, Давлати Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб, ба сармоягузории лоиҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон, ки аҳамияти миллӣ ва минтақавӣ доранд, ба густариши ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақаи мазкур саъй менамояд. Ба манзури таҳкими муносибатҳо бо ҷаҳони араб Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Ҷомеаи давлатҳои арабӣ, густариш хоҳад дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо таваҷҷуҳ ба нуфузу эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Мисри Араб дар сиёсати минтақа ва ҷаҳон, ба густариши муносибатҳои ҳамкорӣ бо он алоқаманд аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаи Африқоро ба ҳайси самти ояндадори ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногун арзёбӣ мекунад. Ба ин муносибат Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ба барқарор намудани муносибатҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои арабии шимоли Африқо, мисли Шоҳигарии Марокаш, Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир, Ҷумҳурии Тунис, Давлати Либиё ва кишварҳои марказиву ҷанубии ин қитъа, аз ҷумла Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Мозамбик ва ғайра, саъй хоҳад намуд.

Дар самти Уқёнусия, дар мисоли Австралия ва Зеландияи Нав, имкониятҳои нави густариши муносибатҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун пайдо шуда истодаанд. Истифодаи ин имкониятҳо яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дипломатияи бисёрҷониба

Дар шароити густариши босуръати ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии ҳамкориҳои бисёрҷониба бо созмонҳову ниҳодҳои минтақавию байналмилалиро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ин созмону ниҳодҳоро василаи муҳими муборизаи дастҷамъона бо хатару чолишҳои глобалии замони муосир, саҳнаи бебадали ҳаллу фасли ихтилофот ва мушкилот дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва василаи муассири таҳкими амнияту суботи ҷаҳонӣ медонад ва бо мақсади саҳм гузоштан дар эҷоди низоми нави одилонаи муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои миллии худ дар чаҳорчӯби онҳо ба таври фаъол ва густурда иштирок менамояд.

Дар ин замина муносибот бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Муколамаи ҳамкории Осиё, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ афзалият доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори тақвият додани нақши муттаҳидкунандаи Созмони Милали Муттаҳид дар асри XXI мебошад ва онро ба ҳайси ягона ниҳоди танзимкунандаи муносибатҳои байналмилалӣ ва дорои салоҳияти қабул намудани қарорҳои вобаста ба амалиёти дастҷамъона дар мавриди ҳифзи сулҳ ва таҳкими амнияти низоми байналмилалӣ мешиносад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бар он аст, ки ислоҳоти фарогири СММ, аз ҷумла Шӯрои Амнияти он, ҷиҳати мутобиқ гардонидани фаъолияти ин созмон ба ниёзҳо ва воқеиятҳои ҷаҳони имрӯза тақозои замон аст.

Таъмину пуштибонии манфиатҳои миллӣ ва пешбурди фаъолонаи ташаббусу иқдомоти созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид, муассиса ва ниҳодҳои тахассусии он, ҳамчунин саъю талош ҷиҳати касби узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомот ва

сохторҳои интихобии СММ яке аз вазифаҳои калидии сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории густурдаро бо Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) ба манфиатҳои миллии худ созгор медонад ва аз имкониятҳои ин созмон ба ҳайси саҳнаи муаррифии дастовардҳои фарҳангиву маънавии халқи тоҷик ва ҳифзу эҳёи мероси моддӣ ва ғайримоддии он ба таври фаъол истифода менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдори инкишофи ҳамкориҳои самарабахш бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ниҳодҳои он буда, аз таҷриба ва имкониятҳои сиёсӣ ва зеҳнии ин созмон дар соҳаи демократикунонии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, таъмини амнияту субот ва ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва муҳитзистӣ истифода хоҳад бурд.

Ширкати ҳамаҷониба дар фаъолияти Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) ва таҳкими ҳамкориҳо бо давлатҳои иштирокдори он аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ИДМ–ро дар ҳифз ва рушди робитаҳои анъанавии давлатҳои иштирокдори он дар заминаи усулан нав ва бар пояи консепсияи ҳамгироии гуногунсуръату гуногунсатҳ баланд арзёбӣ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон

таъсиси сохторҳои гуногуни ҳамгироии иқтисодиву амниятиро дар заминаи ИДМ, аз қабили Фазои ягонаи иқтисодӣ, Иттиҳоди гумрукӣ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, тақозои айнии равандҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошӯравӣ медонад ва бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва бо ҳадафи истифодаи имконоту иқтидорҳои созандаи онҳо ба нафъи кишвар ба рушду такомули ин равандҳо мусоидат мекунад.

Иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай ҳадафи таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, равобити боэътимод ва дӯстона дар байни давлатҳои аъзо ва нозири созмони мазкур, инчунин таъмини амнияту оромӣ ва рушди устувори иқтисодӣ дар минтақаро пайгирӣ мекунад. Тоҷикистон ҷонибдори тақвияти беш аз пеши нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаҳои зербиноӣ, ҳамкорӣ дар ҳифзи муҳити зист ва густариши муколамаи фарҳангӣ ба нафъи ҳамгироии минтақавӣ аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти муштаракоти таърихию фарҳангӣ ва тамаддунию динии хеш бо кишварҳои ҷаҳони ислом ҷонибдори ҳамкориҳои фаъолу судманд бо Созмони ҳамкории исломӣ ва ниҳодҳои тахассусии он мебошад. Тоҷикистон, бино бар зарурати ҳаётӣ ва таъхирнопазири ба сатҳи навини пешрафт ва рушд

баровардани ҷаҳони ислом ва рафъи мушкилоти мавҷуда ва афзоишёбандаи он, таҳия ва татбиқи Стратегияи рушди ҷаҳони исломро мувофиқи мақсад медонад, ки ҳадафи меҳварии он бояд рушди сареъ, босубот ва мутавозини иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии кишварҳои аъзои созмон бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ба густариши ҳамкориҳои судманд бо Созмони ҳамкории иқтисодӣ манфиатдор аст ва ин созмонро чун ташкилоти минтақавии дорои аҳамияти хоссаи геостратегӣ ва имкониятҳои бузурги иқтисодӣ мешиносад. Ҷумҳурии Тоҷикистон хостори он аст, ки фаъолияти Созмон дар самти татбиқи лоиҳаҳои минтақавии иқтисодӣ, тиҷоратӣ, нақлиётӣ, коммуникатсионӣ ва энергетикӣ тақвияти бештар касб кунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ба ҳам овардани саъю талошҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои умдаи рушди қитъаи Осиё, густариш ва бо мазмуни амалӣ ғанӣ гардонидани ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби Муколамаи ҳамкории Осиё саҳм гирифта, барои тақвияти нақши он манфиатдор аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни самтҳои муқарраршудаи ҳамкориҳо дар доираи Муколама паст кардани сатҳи фақру нодорӣ, ҳифзи муҳити зист, таъмини дастрасии пойдори аҳолии қитъаи Осиё ба эҳтиёҷоти асосӣ, баланд бардоштани сатҳи

омодагии ҷомеа нисбат ба рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, таҳкиму густариши зербинои минтақавӣ ва ҳамкории байниминтақавӣ оид ба масъалаҳои энергетикаро дар мадди аввал мегузорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии ҳамаҷониба аз ғояи таҳкими тадбирҳои эътимод ва амният дар қитъаи Осиё ва ҷиҳати рушди ҳамкориҳои судманд дар ин самт барои тавсеаи муносибатҳои худ бо Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) чораҳои зарурӣ меандешад ва имконияти Машваратро дар ҷустуҷӯйи муштараки усулу воситаҳои ҳалли мушкилот ва рафъи хатарҳои фаромилливу фаромарзӣ дар қитъа ва тақвияти ҳамбастагӣ миёни давлатҳои иштирокдор муҳим арзёбӣ мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон густариши ҳамкории фарогирро бо ҳамёрони худ ҷиҳати таҳкими амнияти милливу давлатӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар мешуморад ва узвияташро дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) посухгӯ ба манфиатҳои миллӣ медонад. Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯби ин Созмон ҳадафи эҷоди василаҳои самарабахши муборизаро бар зидди таҳдидҳои ҷаҳони муосир пайгирӣ мекунад. Аз ин рӯ узвияти кишвар дар Созмон аз омилҳои муҳими таъмини амнияти кишвар ва ҳифзи субот дар минтақа маҳсуб мешавад.

Тоҷикистон ба Барномаи Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) «Ҳамкорӣ баҳри сулҳ» шарик шуда, ҳамкориро бо он созмон ба манфиати нигоҳдории амнияту субот ва ташкили фазои эътимод дар тамоми қаламрави Евразия муҳим мешуморад.

Ба хотири татбиқи афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои бисёрҷонибаро бо шарикони худ дар сиғаҳои сегона ва чаҳоргона тақвияти бештар мебахшад ва аз ин саҳнаҳои муколамаи созанда ҷиҳати таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, робитаҳои фарҳангӣ ва ҷустуҷӯйи муштараки воситаҳои самарабахши муқовимат бо таҳдиду хатарҳои муосир ба таври васеъ истифода мекунад.

Дипломатияи иқтисодӣ

Таҳаввулоти босуръати геоиқтисодии замони муосир ва тамоюлҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мӯҷиби аҳамияти беш аз пеш пайдо кардани дипломатияи иқтисодӣ ва пайваста афзудани нақши унсури иқтисодии масъалаҳои умдаи сиёсати байналмилалӣ гардиданд. Аз ин рӯ истифодаи муассир ва самараноки тариқаву василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои милливу давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Дар ин раванд мусоидат ба ташаккули иқтисодиёти самаранок тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин таъмини амнияти иқтисодии кишвар муҳим арзёбӣ мегарданд.

Ба мақсади густариши робитаҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи иқтисодии хориҷӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

– ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, таъмин ва тақвият бахшидан ба раванди воридшавии субъектҳои миллӣ ба фазои байналмилалии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фаъолияти босамари онҳо дар ин фазо;

– эҷоди шароити мусоиди берунӣ барои таҳкими имкониятҳои иқтисодӣ ва тавсеаи зербинои иқтисодии кишвар;

– ҳамкорӣ ба мақсади ташаккули заминаҳои меъёриву ҳуқуқии рушди «иқтисоди сабз» , бо дарназардошти таҷрибаҳои муосири ҷаҳонӣ ва мавҷудияти шароити мусоиди он дар кишвар, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди байналмилалӣ дар ин соҳа;

– мусоидат ба пайвастани кишвар ба зербинои байналмилалӣ ва минтақавии нақлиётӣ, энергетикӣ ва коммуникатсионӣ;

– таъмини шароити мусоиди тиҷоратӣ ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ дар доираи робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ;

– ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, ширкатҳои давлативу тиҷоратии хориҷӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги зербиноӣ, энергетикӣ ва нақлиётии дорои аҳамияти минтақавӣ;

– таъмини иштироки фаъол дар кори Созмони умумиҷаҳонии савдо ҷиҳати ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои миллии кишвар дар арсаи глобалии тиҷорат ва иқтисод;

– роҳандозии ҳамкории фарогир бо комиссияҳои иқтисодии минтақавии СММ, ташкилотҳои мададрасони СММ дар раванди татбиқи Стратегияи миллии рушд бо мақсади фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои рушди устувори кишвар;

– густариши ҳамкориҳо бо ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла бо Фонди байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки таҷдид ва рушди Аврупо, Бонки исломии рушд, Бонки рушди Евразия, Бонки сармоягузории Аврупо ва ғайра, ҷиҳати дастрасии

кишвар ба қарзҳои имтиёзнок ва маблағҳои молиявии грантӣ;

– мусоидат ба густариши ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо кишварҳои ҳамсарҳад чун василаи эҷоди фазои эътимоду боварӣ дар тӯли марзҳои кишвар.

Дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об

Бино ба афзоиши аҳолӣ, тавсеаи масоҳати заминҳои кишоварзӣ, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти муҳитзистӣ, масъалаи норасоии оби тоза, баҳрабардорӣ аз рӯдҳои хурду бузурги фаромарзӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба об ба омилҳои таъсиргузор ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд.

Дар ин самт Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои ҳассос ба шумор меравад. Тоҷикистон, чун кишвари дорои захираҳои фаровони об, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи он захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкориро дар соҳаи об ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад. Бахусус дар сатҳи минтақавӣ идомаи ҳамкориҳои созанда дар доираи Бунёди байналмилалии наҷоти Арал муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва муқаррароти ҳуқуқи

байналмилалӣ, барои истифодаи сарватҳои табиии худ, аз ҷумла захираҳои оби қаламраваш, ҷиҳати рушди устувори кишвар ва таъмини зиндагии шоистаи мардум ҳуқуқи комил дорад. Ин ҳуқуқи худро дар мавриди истифодаи захираҳои об Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти манфиатҳои муштараки минтақавӣ ва бар пояи принсипҳои накуҳамсоягӣ, эҳтиром ва дарки воқеии манфиатҳои мутақобила, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда, амалӣ менамояд ва чун кишвари болооб ва манбаи асосии ташаккули захираҳои оби Осиёи Марказӣ ҳеҷ гоҳ барои таъмини минтақа бо об монеа эҷод намекунад. Бо дарназардошти ин мавқеи усулӣ, яке аз вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат ба таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар ва саъю талош ҷиҳати ҳалли мушкилот дар ин самт дар рӯҳияи ҳамкориву мушорикати баробарнафъи минтақавӣ маҳсуб мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳандозии густурдаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об, ҳадафи бозидани нақши фаъолро дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар сатҳи ҷаҳонӣ пайгирӣ мекунад. Дар доираи ин дипломатия ва дар пайравӣ аз ташаббусҳои созандаи марбут ба об («Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005–2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар

соҳаи об, соли 2013»), ки мавриди истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд, амалӣ намудани ибтикороти тоза дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, қабл аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид, пешбинӣ мешавад. Ҳадаф аз ин ибтикорот таъкиди зарурати ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об ҷиҳати бақои ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст. Вобаста ба ин яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини нақши созандаи кишвар дар масъалаҳои марбут ба об дар минтақа ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ҳам ба манфиатҳои миллӣ ва ҳам ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ созгор аст.

Дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона

Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ муносибатҳои наздики миллатҳо ва давлатҳоро тавсеаи бесобиқа бахшида, дастрасӣ ба комёбиҳои навину арзишманди башарӣ ва баҳрабардорӣ аз дастовардҳои тафаккури созандаи инсониро барои аҳли башар муяссар мегардонад. Дар баробари ин, мушкилоти моддиву маънавӣ ва ахлоқии башар низ хислати глобалӣ касб карда, ин амр боиси торафт афзудани фишор ба сохторҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо ва ангезиши бархӯрди тамаддунҳо мегардад. Дар ин шароит яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии чунин дипломатияи фарҳангӣ ва

башардӯстона аст, ки он, бо дарназардошти тамоюлҳои мусбат ва манфии раванди ҷаҳонишавӣ, ба таъмини ҳастии маънавӣ ва ҳифзу ҳимояи арзишҳои асили миллии фарҳангиву ахлоқии халқи тоҷик, муаррифии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳамчун кишвари дорои фарҳангу тамаддуни қадима ва давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд, тавсеаи ҳамкориҳои самарабахши фарҳангию башардӯстона бо кишварҳои олам бо мақсади таҳкими шинохти мусбати Тоҷикистон ва мардуми он мусоидат намояд.

Расидан ба ҳадафҳои мазкури дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати хориҷии кишвар иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо мекунад:

– таҳкими пояҳои шартномавию ҳуқуқии робитаҳои фарҳангӣ ва башардӯстона бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ;

– ҳимояи фаъолонаи ҳуқуқ, манфиатҳо ва эътибори шаҳрвандон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, тавассути эҷоди заминаҳои фарогири ҳуқуқӣ ва тавсеаи ҳузури консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои иқомати шаҳрвандони кишвар дар хориҷа;

– дастгирии ҳуқуқӣ ва фарҳангию маърифатии ҳамватанони бурунмарзӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат ба иттиҳоди ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳифзи вижагиҳои этнофарҳангӣ, аз ҷумла забони модарӣ, дар чаҳорчӯбаи қонунҳои кишварҳои будубоши онҳо;

– мусоидат ба фаъолияти созандаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ҷиҳати таҳкими робитаҳои кишвар бо ҳамватанони бурунмарзӣ, ҷалби зарфиятҳои онҳо барои рушди ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ ва маънавиву фарҳангӣ, эҷоди ҳусни тавоҷҷуҳ ва муносибати хайрхоҳона ба Тоҷикистон ва мардуми он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва доираҳои сиёсии байналмилалӣ;

– мусоидат ба фароҳам овардани шароити фарогиру муносиб барои будубош ва сафарҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба Тоҷикистон ҷиҳати рушди туризми байналмилалӣ ва ҷалби сайёҳон ба мамлакат;

– мусоидат ба роҳандозии муколамаи байни тамаддунҳо ва динҳо бо такя ба таҷриба ва саҳми таърихии тоҷикон дар ташаккули таҳаммулгароии динӣ ва тамаддунӣ.

Дипломатияи иттилоотӣ

Ба шарофати пешрафти бесобиқаи техника ва фановариҳои иттилоотиву телекоммуникатсионӣ дар даҳаи дуюми асри XXI мафҳуми анъанавии фосилаи фазою вақт ва макону замон куллан тағйир пазируфта, навъи нави тамаддун – тамаддуни иттилоотӣ – ташаккул меёбад. Ҷавҳари тамаддуни иттилоотиро интишор ва мубодилаи беҳадду марзи иттилоотӣ, рушди васоити интернетӣ ва густариши алоқаи моҳворавӣ, коркарду пахши ахбору иттилоот ва зуҳуру инкишофи дипломатияи рақамӣ ташкил мекунанд. Дар ин шароит фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ба саҳнаи барҳӯрди манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии марказҳои қудрати дунёи муосир ва василаи муассири фароҳам овардани афкори омма ва самт додани он ба нафъи доираҳои муайян табдил ёфтааст. Дар вусъати фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, дар баробари тамоюлҳои мусбати созанда, ки огоҳиро аз натиҷаҳои навтарини фаъолияти башарият таъмин мекунанд, ҳамчунин равандҳои манфии хатарзо барои амнияти иттилоотии кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуҳуфтаанд. Бино бар ин, дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат ба таъмини амнияти иттилоотии кишварро ҳадафи асосии худ қарор дода, дар доираи пайгирӣ ва татбиқи ин ҳадаф вазифаҳои зеринро ба иҷро мерасонад:

– таъмини дарки воқеӣ ва дақиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби доираҳои васеи ҷомеаи ҷаҳонӣ;

– муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳо ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, пешрафту комёбиҳои фарҳангӣ ва илмии он;

– ташвиқи фазои мусоиди кишвар барои сармоягузорӣ, ҳамкориҳои сам\ъарабахши иқтисодӣ ва рушди сайёҳӣ;

– мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар хориҷа ҷиҳати шинохти мусбати Тоҷикистон;

– мусоидат ба тавсеаи имконоти воситаҳои ахбори оммаи кишвар дар фазои иттилоотии байналмилалӣ;

– ба роҳ мондани ҳамкории фаъоли байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот;

– муқовимати саривақтӣ ва самаранок ба киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқи тоҷик.

Роҳандозии дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи истифодаи густурдаи имконоти фановариҳои муосири иттилоотию

коммуникатсионӣ сурат мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори таҳияи маҷмӯи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар мавриди таъмини амнияти иттилоотӣ ва риояи ҳамаҷонибаи он меъёрҳо дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад.

(Аз Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 27 январи соли 2015 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.)

6. МАЪНАВИЁТ

ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Истиқлолият дари худшиносиро ба рӯйи мо кушод, эҳтироми ҳамаи суннату ойинҳои муқаддаси аҷдодӣ, пос доштани қадру қимати давлати миллӣ ва ваҳдати миллиро ба ҳар фарди бедордил омӯзонд.

* * *

Бояд ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, дарки моҳияти давлатдории миллӣ бо тамоми рамзҳояш ҳанӯз бо шири модар дар ҷону хиради ҳар як фард маъво гирад ва аз насл ба насл гузарад.

* * *

Фаромӯш набояд кард, ки худшиносӣ танҳо гирифтори дастовардҳои гузашта шудан ва аз мероси илмиву адабӣ ва фарҳангии ниёгон ифтихори хушкухолӣ доштан нест, балки он пойгоҳи устувори маънавиест, ки фарзандони бонангу номус ва огоҳу бедордили миллатро ба қиёсу хулосабарориҳои таҳлилӣ ва, бо дарки воқеияти замони нав, пайрезӣ кардани ҳадафҳои неки созанда барои даҳсолаҳои минбаъда ҳидоят месозад.

* * *

Эҳёи тафаккури миллӣ, фарҳангу тамаддуни ниёгон воситаи муассири худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ

ва ташаккули ҷаҳонбинии нави миллӣ буда, халқу миллатро аз тариқи ваҳдату ягонагӣ ба пешрафтҳои азим хоҳад расонд.

* * *

Забону адабиёт яке аз сарчашмаҳои муҳими худшиносӣ мебошанд. Омӯхтани ҳамаҷонибаи осори ниёгони бузург ва баҳра бардоштан аз афкори файласуфона ва ҳакимонаи онҳо вазифаи ҳар шахсест, ки худро вориси осори шуҳратманди адабиёти оламшумули тоҷик медонад.

* * *

Ҳифзи ҳувияти миллӣ ва ягонагии Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо вазифаи муқаддаси насли имрӯза ва минбаъдаи миллати тоҷик аст, ки баъд аз ҳазор сол соҳиби давлати хеш ва номи баланд дар арсаи ҷаҳон гардидааст.

* * *

Ҳаёт тақозо мекунад, ки мо имрӯз қудрати шинохти мазмуни аслии равандҳо ва таҳаввулоти иҷтимоиро доро ва ба кушодани гиреҳҳои печида, мушкилоти умдаи рӯз ва равшансозии роҳи ояндаи худ қодир бошем. Чунин шинохт дар асл омили асосии таъмини сатҳи матлуби худшиносиву худогоҳӣ ва муҳити солими иҷтимоӣ мебошад.

* * *

Ғояҳои ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, эҳтироми суннатҳои фарҳанги миллӣ, эҳтиром гузоштан ва ҳифз кардани анъанаҳои таърихӣ ва тамаддуни ниёгон, ҳама дар маҷмӯъ, қисми таркибии сиёсати мо оид ба таъмини рушди фарҳанги миллӣ, таҳкими истиқлолият ва давлатдории навини миллии мо мебошанд.

* * *

Шинохт ва эҳёи асолати миллӣ вазифаи муқаддаси имрӯзаи мост. Асолат омили пойдории ниҳоди давлат ва миллат аст ва шинохту татбиқу тақвияти огоҳонаи он бақо ва ҳастии миллати соҳибистиқлолро ифода мекунад. Мо бояд ҳамеша зираку ҳушёр бошем, худогоҳиву худшиносии миллиро, ки асли он арҷгузорӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, дӯст доштани Ватан – модар, забону фарҳанг ва арзишҳои миллӣ мебошад, густариш бахшем, наслҳои наврас ва ҷавононро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоем.

* * *

Таҳкими раванди худшиносӣ ва худогоҳӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон барои густариши тафаккури навини миллӣ замина фароҳам овард, ки ҷавҳари онро ҳифзи истиқлолу якпорчагии давлат ва

сарҷамъиву ваҳдати тоҷикон дар пояи андешаи миллӣ ташкил медиҳанд.

* * *

Дар ин давра, ки мо, тоҷикон, баъд аз ҳазорсолаҳо дорои давлати миллии хеш гардидем, ваҳдати миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихор ва худшиносии миллӣ шарти аввалини сарбаландӣ ва калиди ҳамаи муваффақиятҳои мост. Инро ҳеҷ гоҳ фаромӯш набояд кард.

* * *

Вазифаи муҳимтарини мо тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ, соҳиби донишу ҷаҳонбинии муосир ва, ниҳоят, шахсияте мебошад, ки қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯзаро дошта бошад.

* * *

Ҳоло дар назди насли ҷавони кишвар масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ дарку ҳалли онҳо аз ҷавонони мо дониши амиқ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва, муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва самимона дӯст доштани Ватанро талаб менамоянд.

* * *

Ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон, яке аз ҳадафҳои муҳими мо маҳсуб мешавад.

Худшиносӣ қутбнамоест, ки моро ба сӯйи асолати милливу ҳувияти ватандорӣ раҳнамоӣ карда, бароямон роҳи душвори пешрафти оянда, кору пайкори навбатии давлатсозиву давлатдорӣ, расидан ба рӯзгори ободу осуда ва ҷомеаи мутамаддинро осонтар мегардонад. Ватандӯстиву худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, пеш аз ҳама, маънои гиромӣ доштану ҳифз намудани таърих ва анъанаву суннатҳои миллӣ мебошанд.

* * *

Ташаккули давлати миллӣ ва эҷоди пояҳову анъанаҳои давлатдории миллӣ бо раванди тавсеаи ҳисси худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шинохти таърих ва арзишҳои ахлоқии ниёгонамон робитаи мустақим дорад.

* * *

Дар фаъолияти воситаҳои иттилооти омма, пеш аз ҳама, бояд низоми мукаммали таҳияи мавод оид ба тарбияи худшиносии миллӣ ва ватанпарастӣ ташаккул ёфта, тарғиби анъанаву суннатҳои асили

фарҳанги миллӣ, бо дарназардошти талаботи замони пешрафт ва дастовардҳои беҳтарини фарҳанги башарӣ, ба роҳ монда шавад.

* * *

Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк намудааст, ки устувор намудани пояҳои давлату давлатдории миллӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодӣ, пеш аз ҳама, ба густариши эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандорӣ вобастагии мустақим дорад.

* * *

Ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ғамхориҳои давлат тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд. Худшиносӣ ва дарёфти ҳувияти миллӣ омилҳое мебошанд, ки моро беш аз пеш ба ваҳдат ва гиромӣ доштани таъриху фарҳанги ниёгонамон ҳидоят мекунанд.

* * *

Барои мо худшиносӣ дар тарозуи замон баркашидани бурду бохтҳои давлатдорӣ, арзишҳои фарҳангиву маънавӣ ва муайян намудани дурнамои оянда ва ҳадафҳои созандагӣ мебошанд.

* * *

Худшиносӣ насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихиву фарҳангии ниёгон ва дастовардҳои умумибашарӣ ҳидоят мекунад ва онҳоро чун ҳомиёни воқеӣ ва номбардори миллати хеш ба камол мерасонад. Ойинҳои бостонии миллиамон, ки ҳар сол ҷашн мегирем, барои мардуми мо азизу муътабар мебошанд. Мо бояд бо қалбҳои саршор аз меҳр ҳофизаи таърихии худро варақгардонӣ намоем ва роҳи пурпечу фарози тайнамудаи ниёгонамонро пеши назар орем, то ки аз бурду бохти таърихи хеш сабақ омӯзем.

* * *

Мо тарғиби суннату анъанаҳо ва арзишҳои волои таъриху фарҳанги миллатамонро танҳо бо мақсади парваридани эҳсоси худшиносӣ дар қалбҳои мардуми худ ва наслҳои оянда ба роҳ мондаем.

* * *

Тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ваҳдат, худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар шароити имрӯза аҳамияти беш аз пеш касб менамояд. Ин амр аз тамоми ҷомеа, алалхусус аз аҳли зиё, тақозо дорад, ки моҳияти ваҳдату якдилӣ, ватану ватандорӣ ва ифтихору худшиносии миллиро ба ҷавонон ташвиқ

намоянд, зеро дур шудан аз асли хеш маҳву заволи миллат аст.

* * *

Аслан афрӯхтани шуълаи ифтихори миллӣ, парвариши эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ аз синни кӯдакӣ дар оила ва таҳсил дар мактаб оғоз меёбанд.

* * *

Мо ба оянда назари нек дорем, ҷониби он дилпурона қадам мегузорем ва эътимоди комил дорем, ки асри XXI барои мо асри авҷу болоравии худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, таҳкими дастовардҳои истиқлолият, рушду нумӯи давлатдории миллӣ, асри дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хоҳад шуд.

* * *

Ман аз қадамҳои аввали худ – ҳамчун Роҳбари давлат – худшиносии миллӣ, ҳисси ватанпарастиро ба сифати омили муҳими таҳкими давлатдории миллӣ арзёбӣ менамоям. Аслан тамоми суханрониҳоям ҷанбаи худшиносии миллӣ доранд.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Чумхурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)

ЗАБОНИ МОДАРӢ

Арҷ гузоштан ба забони модарӣ омилест, ки сарчашмаи бақои ваҳдати миллӣ ва яке аз рукнҳои устувори давлатдорӣ ба шумор меравад. Зеро забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ дар масири пуршебу фарози таърих бақои миллати тоҷикро таъмин кардааст.

* * *

Барои гузаштагони мо ифтихор аз Ватан ва забон ҳамеша ангезандаи эҳсоси олӣ буда, дар ҳама давру замон аз ҷумлаи мафҳумҳои муқаддастарин арзёбӣ гардидааст. Ба ин маънӣ, забони давлатӣ, бешубҳа, таҷассумгари таърихи пуршебу фарози халқи куҳанбунёди тоҷик мебошад. Зеро забони ҳар қавму миллати дунё ёдгории маънавиест, ки дар тӯли асрҳо – ҳамроҳ бо наслҳои худ – аз мушкилоту монеаҳои гуногун гузаштааст. Забони тоҷикӣ ва рушду ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз истиқлолияти забонӣ пояи истиқлолхоҳии кишвара–монро ташкил медиҳад.

* * *

Забони тоҷикӣ – ин ёдгории маънавии миллиамон – ҳамчун оинаи таърихи деринаи халқамон

инъикосгари урфу одат ва расму анъанаҳои милливу давлатдории мо мебошад.

* * *

Имрӯз забони тоҷикӣ ба ҳайси забони миллӣ ва давлатӣ дар мақоми забони сиёсат, илму фарҳанг, қонунгузорӣ, равобити дипломатӣ, тиҷорат ва дигар воситаҳои иртибот қарор дорад. Муҳимтар аз ҳама, имрӯз забони давлатӣ дар кишвари азизамон ба рамзи ҳамбастагӣ ва иттиҳоди воқеии тамоми сокинони Тоҷикистон мубаддал гардидааст.

* * *

Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар як миллат аст. Бино бар ин, саъю талош барои эҳёву рушд ва корбасти забони миллӣ ба ҳайси забони давлатӣ ва ҳатмӣ гардонидани риояи он дар тамоми ташкилоту муассисаҳои кишвар як амри комилан қонунӣ ва ниҳоят муҳим мебошанд.

* * *

Вазифаи ҳар як фарди бонангу номус ҳифзу эҳтиром ва гиромӣ доштани забони давлатӣ аст. Зеро бузургтарин вазифаи ҳар фарди худогоҳу ватандӯст, ки ба фарҳангу забони худ эҳтиром мегузорад, поку беолоиш нигоҳ доштани ин ганҷи бебаҳо ва ба наслҳои оянда бегазанд ба мерос гузоштани ин забони шевою шоирона мебошад.

* * *

Илми воқеан миллӣ дар асоси забони миллӣ таъсис ва ташаккул дода мешавад, ки инро тачрибаи дигар кишварҳо кайҳо собит кардааст. Забони тоҷикӣ фақат дар сурате ҳамчун забони илму фарҳанг мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад.

* * *

Забони миллӣ симо ва пайкараи миллати мо мебошад. Аз ин рӯ ин симо бояд зебо ва ин пайкар тавоно бошад. Гузашта аз ин, умри миллат ба умри забон вобаста аст, яъне бақои забон бақои миллат аст. Забон нишонаи муҳимтарини миллат ва пайвандгари наслҳост. Забон дар ҳама давру замонҳо яке аз омилҳои асосии пойдории истиқлолияти миллӣ мебошад.

* * *

Мо бояд аз ҳама ғановат ва сарвати забони миллӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ба хубӣ истифода намоем ва намунаҳои беҳтарини онро пешкаши мардум гардонем. Аммо дар ин самт аз ҷониби воситаҳои ахбори омма камбудиҳои зиёд ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои рушди забони миллӣ ҳатмист.

* * *

Тавоноӣ ва имконоти забони мо ба ҳадде буд, ки дар тӯли ин ҳама садсолаҳои начандон мусоид ва гоҳе бисёр сахту шадид гузаштагони мо яке аз бузургтарин тамаддунҳо, ғанитарин адабиёт, зеботарин ашъор ва муассиртарин ҳамосаи миллии ҷаҳонро бо ҳамин забон офаридаанд. Зиёда аз ин, дар тӯли садсолаҳо забони мо дар паҳнои бузурги тамаддуни дунё – аз марзҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҳимолой то соҳили баҳри Миёназамин – нақши байналмилалӣ дошт ва забони мукотиба ва муҳоварааи қавму халқҳои гуногун гардид.

* * *

Ифтихор аз Ватан, ифтихор аз таъриху фарҳанг, ифтихор аз ҳувияти миллӣ ва гузаштагони сарбаланди хеш маҳз аз поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ сар мешавад.

* * *

Ба муҳаққиқони забоншинос зарур аст, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони дорои таърих ва осори беназир мавриди таҳқиқ қарор дода, онро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд. Забони шеъри Рӯдакӣ забони меъёр ва забони адабии мост, ки онро бо гузашти қариб дувоздаҳ аср мо имрӯз низ истифода мебарем ва бо шеъри Рӯдакӣ ҳар рӯз сухан мегӯем.

* * *

Ҳарчанд давлати тоҷикон дар тӯли асрҳо борҳо мавриди ҳамла ва фишори аҷнабиён қарор гирифта буд, вале ниёгони мо маҳз ба шарофати забон ва фарҳанги бузурги худ тавонистаанд анъанаҳои давлатдории хешро нигоҳ доранд ё онҳоро аз нав эҳё намоянд.

* * *

Ҳарчанд ки гузаштагони мо баъд аз қабули дини ислом ба муҳити фарҳангии исломӣ дохил гардиданд, вале тавассути забону фарҳанг ва суннату анъанаҳои бостонии худ ҳувияти миллиашонро нигоҳ доштанд ва бо роҳи эҳёву ҳифзи забони модарӣ ва анъанаҳои миллӣ тавонистанд давлатҳои Саффориёну Тоҳириён, баъдан давлати мутамаркази Сомониён ва сипас давлати Ғуриёнро таъсис диҳанд.

* * *

Ҳар гоҳе дар бораи арзишҳои миллӣ сухан меронем, бузургтарин сарвати бебаҳои халқи худ – забони модариамон – забони тоҷикиро бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем.

* * *

Дар бораи забони давлатӣ сухан ронда, мо ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳем, ки ба забонҳои миллатҳои

дигари ҳамватанамон беэътиноӣ сурат гирад. Баръакс, мо ба забон, фарҳанг ва мактабҳои миллатҳои бародари худ эҳтиром дорем ва ҳамеша ғамхорӣ хоҳем кард. Барои ҳар фарди тоҷик лозим аст, ки забони модарии худро омӯзад, онро гиромӣ дорад ва дар ҳифзи он саҳм гузорад.

* * *

Ба ҳар кадоми мо зарур аст, ки ба арзишҳои бузурги миллӣ, аз қабили Ватан, модар, истиқлолияти давлатӣ, забон ва таъриху фарҳанги ғановатманди худ арҷгузорӣ намуда, барои ободиву шукуфоии Тоҷикистон саҳми арзанда гузорем.

* * *

Иморати хештаншиносии тоҷикон дорои ду шаҳсутун аст, ки яке забони модарӣ ва дигаре ҷашни Наврӯз мебошанд. Яъне забони нобу шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ якҷо бо Наврӯзи фархундаву озода муҷассамаҳои абадзиндаи мардуми ориёӣ ва пояҳои маънавии мавҷудияти таърихии тоҷикон ба ҳисоб мераванд. Ҳар инсони соҳибфарҳанг таърихи халқу сарзаминашро бояд амиқу муфассал донад. Онҳое, ки таърихи халқи худро намедонанд, аз лаззати ҳисси ифтихори миллӣ маҳрум мешаванд ва зуд асири фарҳангҳои дигар мегарданд. Таърих исбот кардааст, ки истилогарон на танҳо аз пайи ғорати молу ашё мешаванд, балки мекӯшанд, ки рукни муҳимтарини

ҳастии миллат, яъне забону фарҳанг, аз ҷумла фарҳанги моддии онро аз байн бурда, пояҳои маънавии давлатро шикананд.

* * *

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои даврони истиқлолият дар шароити давлатдории навин барои рушди забони миллӣ дар мақоми забони давлатӣ аз тамоми шароиту имконот истифода менамояд. Рушди забони давлатӣ, ки ҳамчун муқаддасоти миллии мо пазируфта шудааст, аз вазифаҳои бисёр муҳими давлат барои ҳифзи арзишҳои волои миллӣ дониста мешавад. Забони мо дар ҳама даврони таърихи гузашта аз омилҳои муҳими иттиҳоди мо буд. Ин иттиҳод бояд дар зеҳни мардум, бахусус насли ҷавон, ҳарчи бештар парвариш дода шавад.

* * *

Забони адабии мо, ки дар аҳди Сомониён дар мақоми забони давлатӣ ташаккул ёфтааст, имрӯз, дар замони давлатдории навин, низ ба ҳайси забони давлатӣ қарор дорад. Аз ин рӯ мо ва наслҳои оянда ин забонро бояд ҳамчун муқаддасоти миллӣ ҳифз намоем.

* * *

Донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ дар роҳи таблиғи забони илм дар кишвар бояд фаъолтар бошанд ва

дар ин кор саҳми бевосита гузоранд. Агар мо дар бораи илми воқеии ватанӣ барои имрӯзу фардои ҷомеа бо хушбинӣ ва эътимод қазоват кунем ва насли ҷавони ояндасозро ба пайроҳаи равияҳои гуногуни илм ҳидоят намоем, бояд дониста бошем, ки ҳадафи мо ташкили илми миллӣ аст.

* * *

Мо аз умқи таърих набояд хокистар, балки шуъла бардорем. Таърих сабақомӯз аст ва ягон халқу миллат бе арҷ гузоштан ба гузаштаи хеш ба қадри истиқлолият ва ойини давлатдориаш расида наметавонад.

* * *

Пас аз давлати Сомониён забони миллии мо танҳо дар даврони истиқлолият дар мақоми забони давлатӣ қарор дода шуд. Аз ин рӯ давлати Тоҷикистон ҳифзи арзишҳои миллии забониро аз вазифаҳо ва ҳадафҳои асосии худ барои насли имрӯзу фардои ҷомеа медонад ва ин арзишҳои муқаддасро гиромӣ медорад. Андешаи миллӣ ҷавҳари ҳастии миллат, шарти бақои ҷовидонаи он аст ва дар заминаи фаҳмидану дарк кардани манфиатҳои миллӣ ташаккул меёбад. Ба ин маънӣ, андешаи миллӣ муҳимтарин рукни ҳастӣ ва ҳифзи хусусиятҳои равонии миллат мебошад.

* * *

Табиист, ки эътибори забони давлатӣ ва эҳёи фарҳанги миллӣ ҳамчун омили муҳими рушди маънавии ҷомеа метавонад танҳо дар заминаи ташаккули андешаи миллӣ сурат гирад ва дар шароити давлати ягонаи миллӣ нуфуз пайдо намояд.

* * *

Миллати тоҷик бо фарҳанг ва тамаддуни чандҳазорсолаи хеш ифтихор дорад ва, бо ин ҳама, арзишҳои фарҳангӣ то замони мо маҳз тавассути забон ба ёдгор монда ва ба воситаи забон шинохта шудаанд. Аз ин рӯ мо бояд ин забонро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт карда, аз таъсири тахрибкунандаи забонҳои дигар, тақлиди зараровари талаффузҳои сунъии калимаҳо ва ҷумлаҳо аз ҷониби баъзе наттоқону ровиёни тасодуфӣ ҳифз кунем.

* * *

Дар ҳама давру замон забони тоҷикӣ дар ҳастӣ ва бақои миллати сарбаланду тамаддунсозамон нақши ҳалкунанда доштааст.

* * *

Имрӯз мо бояд кӯшиш кунем, ки забони худро ба забони фарогири корӣ ва муошират, яъне ба забоне, ки ҷавобгӯйи ҳамаи ниёзҳои даврони

истиқлол ва давлати мустақил бошад, табдил диҳем. Бо масъулияти тамом ва бар асоси меъёрҳои илмӣ ҳифз кардани забони давлатӣ, нигоҳдорӣ ва такмилу сайқал додани он вазифаи муқаддаси адибон, олимон ва мутахассисони соҳаҳои гуногун, тамоми фарҳангиён ва аҳли ҷомеа мебошад.

* * *

Таърихи башар гувоҳ аст, ки халқҳо, миллатҳо ва давлатҳо танҳо бо доштани забони миллии худ устувору пойдор мемонанд. Яъне забони ҳар миллат шарти муҳимтарини пойдории он дониста мешавад.

* * *

Лаҳҷаҳо яке аз муҳимтарин манбаъҳои такмили забон буда, адибони гузашта ва муосири мо ҳамеша – бо истифода аз захираҳои ин ганҷина – луғату истилоҳоти фаровонеро ба забони меъёр ворид кардаанд. Аз ин рӯ забоншиносон ва лаҳҷашиносон бояд ин сарчашмаи бебаҳоро мавриди омӯзишу баррасии ҷиддӣ қарор диҳанд ва забони адабиро аз ҳисоби дурдонаҳои он такмил диҳанд ва ғанӣ гардонанд.

* * *

Мо – насли калонссол – бояд барои наврасону ҷавонон бобати хуб донистан, гиромӣ доштан ва ҳифз намудани забони давлатӣ аз олуда шудани он бо унсурҳои забонии бегона ҳамеша намунаи ибрат бошем.

* * *

Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози истиқлолият барои рушди забони давлатӣ ва таҳкими мақоми он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат пайваста тадбирҳои муассир андешида, ҷиҳати татбиқи ин сиёсат тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст. Мо бори дигар итминон пайдо менамоем, ки он ҳама талошу муборизаҳои гузаштагонамон ба хотири озодиву истиқлолият чун мероси аҷдодӣ аз насл ба насл интиқол ёфта, боиси умри ҷовид пайдо намудани суннатҳои пурқимати таърихиву фарҳангӣ ва забону адаби ғановатманди мо гардидаанд.

* * *

Мо дар солҳои истиқлолият барои эҳё намудан ва инкишоф додани забони давлатиамон, ки забони шевою шоирона ва ширину шаҳдбори тоҷикӣ мебошад, ҷойгоҳи арзанда ва мақоми шоиста муҳайё сохтем.

* * *

Ватандорӣ бахти бузург аст, вале ба қадри истиқлолияти миллӣ ва давлати соҳибихтиёр расида тавонистан аз он ҳам болотар аст. Зеро соҳибватан будан, тақдири фарзандон, тақдири миллат, забон ва иқтисоду фарҳанги хешро дар даст доштан на ба ҳар халқу миллат ба осонӣ муяссар мегардад.

* * *

Забони тоҷикии мо, ки замоне бо он аз сари минбарҳо сухан гуфтан қариб аз миён рафта буд, имрӯз аз минбари олии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ баланд садо медиҳад ва чун пайки сулҳу дӯстиву ваҳдат дар ақсои олам парвоз мекунад.

* * *

Пас ғамхории давлатӣ ва умумихалқӣ ба чунин як забони куҳану пурмуҳтаво, нобу шево ва лафзи гавҳарбори модарӣ барои ҳар кадоми мо – соҳибони он – ҳам фарз асту ҳам суннат. Забони тоҷикӣ барои он зинда ва поянда монд, ки ҳиссиёти бародарӣ, якдигарфаҳмӣ ва равшан намудани роҳи ваҳдату бунёдкориро софдилона ва тоҷикона сутудааст. Ба ин суннати олии забонамон содиқ будан барои ҳар касе, ки худро меросбардори ин забони оламгир меҳисобад, шарафи бузург аст.

* * *

Устод Рӯдакӣ буд, ки пеши роҳи нуфузи фарҳанги бегонаро дар қаламрави Сомониён гирифта, истиқлоли воқеии адабиётро бо забони модарии мо фароҳам овард ва балоғату фасоҳати сухани тоҷикиро нишон дод.

* * *

Дар баробари идҳои бузурги умумимиллӣ мо ҳамчунин 1150–солагии зодрӯзи қофиласолори адабиёти классикии тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки бо қарори ЮНЕСКО дар саросари олам ҷашн гирифта мешавад, инчунин Соли бузургдошти забони тоҷикиро таҷлил менамоем, ки ин нишонаи ростини пайванди фарҳангу суннатҳои деринаи давлатдории мо бо истиқлолияти воқеии миллатамон мебошад.

* * *

Тоҷикон маҳз ба шарофати забони модарӣ, фарҳанги безавол ва андешаи миллии худ тавонистаанд, ки аз мушкилтарин озмоишҳои таърих раҳоӣ ёфта, ба ҳастии худ неруву равони тоза бахшанд.

* * *

Тарбияи насли ҷавони соҳибмаърифат, огоҳу бедордил, забондону ҷӯянда ва донандаи техникаву

технологияҳои муосир минбаъд низ ҳамчун самти муҳими сиёсати давлат боқӣ мемонад. Зеро пешрафту тараққиёти ҳар як давлатро маҳз кадрҳо ва мутахассисони баландихтисосу кордон таъмин мекунанд.

* * *

Моро зарур аст, ки аҳаммияти забони давлатиро дар миёни кӯдакон ва наврасону ҷавонон тарғиб намоем ва онҳоро бо нозукиҳои забон шинос намуда, сарвати маънавии халқи фарҳангпарвар будани онро ҳамаҷониба шарҳ диҳем.

* * *

Устод Рӯдакӣ на танҳо шаклу навъҳои шеъри моро ба ҳадди такомул расонид, балки дурдонаҳои ноби забони тоҷикиро ба силки тасвир кашида, ба тозагии забони адабии тоҷикӣ аҳамияти ҷиддӣ додааст. Забони ашъори ӯ имрӯз забони ширадор, шаҳдрез ва абадзиндаи тамоми мардуми қаламрави форсигӯёни ҷаҳон аст.

* * *

Бо итминони комил метавон гуфт, ки номи Рӯдакӣ ҳамчун парчамбардори забони ширину шоиронаи тоҷикӣ то ҷовидон зинда хоҳад буд ва шеъри оламгири ӯ то абад дар қалби тоҷикону форсизабонони ҷаҳон ҷӯш хоҳад зад.

* * *

Мо ба чорабиниҳои бузургдошти забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, ба хотири ҳимояту пуштибонии асолати чандинҳазорсолаи забони нобу шевои модариамон дар раванди рӯзафзуни хатарҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамчунин рӯҳу равони тоза бахшидан ба решаҳои бегазанди пайванди наслҳо, пойдории рукнҳои давлатдории миллӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатамон рӯ овардем.

* * *

Худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад.

* * *

Имрӯз миллати тоҷик аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳувияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст, ки аз ҷавҳари башардӯстонаи тамаддуни ориёӣ ва суннатҳои пуразиши тамаддуни ислом ибтидо мегиранд. Ногуфта намонад, ки забони коргузорӣ ва илму адаби давлати Салҷуқиёни Рум забони тоҷикӣ буд ва ба шарофати чунин фазои мусоиди фарҳангӣ барои

инкишофи илму ирфон, ҳикмату фалсафа ва шеъру адаби аҳли Хуросони Бузург ва сарзамини Эрон шароити созгор фароҳам омада буд.

* * *

Маҳз бо кӯшишҳои Имоми Аъзам ба забони тоҷикӣ ҳамчун забони ибодати динӣ нақш ва аҳамияти махсус дода шуда, он дар байни диндорон ҳамчун забони дуюми аҳли биҳишт эътироф гардидааст.

* * *

Талошу кӯшиш ва андешаи истиқлол миллати моро ҳатто баъди суқути давлати Сомониён ва дар даврaҳои ҷабру зулми сулолаҳои бегона қувват бахшидааст, ки аз шебу фарози таърих, аз озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо бо сарбаландӣ гузашта, забони модарӣ, илму адабиёти оламгир, анъанаву суннатҳои неки таърихиву фарҳангӣ, ва муҳимтар аз ҳама, ҳувият, худогоҳӣ ва худшиносии миллиро то замони мову шумо расонад.

* * *

Аз худ кардани забони модарӣ аз ҷониби наврасону ҷавонон ва густариш додану дар тафаккури миллӣ пойдор кардани он, ҳамчун забони давлатӣ, масъалаи муҳими давлатӣ, вазифаи муқаддаси падару модар ва мактабу маориф

мебошад. Ин вазифаест, ки ҳамаи мо барои иҷрои он масъулият дорем.

* * *

Дар таърихи тамаддуни башарӣ халқҳо ва қавмҳои гуногун, бино бар нигоҳ дошта натавонистани асолати худ, бо халқҳову миллатҳои бузург ва тавонотар омехта, ҳастии забониву фарҳангии худро гум карда, оқибат аз байн рафтаанд. Хушбахтона, миллати тоҷик ба шарофати забон ва фарҳанги асилаш тавонист, ки дар саҳнаи таърих боқӣ монад.

* * *

Пойдорӣ ва рушди забон нишонаи ҳастии миллат мебошад. Агар миллат созандаи фарҳанги моддиву маънавӣ бошад, забонаш низ бобақо ва соҳибнуфуз хоҳад монд.

* * *

Забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки бо он «Авасто»–ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки «Худойномак»–у «Таърихи мулуки Аҷам»–ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки бо такомулу таҳаввулаш дар даврони ислом «Шоҳнома»–ву «Маснавии маънавӣ»–ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки дар ҷомеаи шӯравӣ ба ҳар навъе аз буҳрони фарҳангӣ худро ба саломат то истиқлолияти фарҳангиву сиёсӣ расонд ва ҳатто тавонист давоми сарнавишти соҳибашро

бо қалами Айниву Турсунзода ва аллома Ғафуров бинависад.

* * *

Кӯшиш бояд кард, ки ҷавонони мо бо тайёрии зарурӣ ба хориҷи кишвар рафта, бо сабаби надонистани забон ва меъёрҳои одии муносибату муошират бо кордиҳандагон ба мушкилот дучор нашаванд.

* * *

Забон ва тафаккури таърихии миллат пайванди ногусастанӣ доранд. Офарандагони адабиёти бадеӣ ва осори илмии беш аз чандинҳазорсолаи мо ба забони модарӣ муҳаббат ва эҳтироми беандоза доштаанд. Онҳо хуб дарк мекарданд, ки забон беҳтарин сарват ва қиматтарин дороии миллат аст.

* * *

Умри миллат ба умри забон вобаста аст. Барои он ки номи миллат аз саҳифаҳои таърихи башарӣ нобуд нашавад, бояд чароғи раҳнамои худшиносию худафрӯзиаш – забонро ҳифз кунад ва онро ҳамчун волотарин мерос ба наслҳои оянда расонад.

* * *

Таваҷҷуҳи хосса доштан ба забони давлатӣ ҳаргиз маънои маҳдуд кардани ҳуқуқи забонҳои дигарро надорад. Забони давлатӣ барои мо забони

коргузорӣ, воситаи ҳамдигарфаҳмию муттаҳидӣ, забони ваҳдатофарин мебошад. Донистан, омӯхтан ва ба он эҳтиром гузоштан вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст.

* * *

Раванди рӯзафзуни инқилоби илмию техникӣ баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии ҷавонон, махсусан ҷавондухтарон, ҷиҳати омӯхтану донистани забонҳои хориҷӣ ва дастовардҳои илми муосир, инчунин шинохтану ошно шуданро бо фарҳанги пешрафтаи халқҳо ва кишварҳои ҷаҳон тақозо мекунад.

* * *

Забони тоҷикӣ забонест, ки андеша, ҳувият ва халқияти моро шакл додааст ва зарифтарину зеботарин ҷанбаҳояш ба хусусияти миллии мо табдил гаштаанд. Забони тоҷикӣ унсури ваҳдатбахш, рамзи ягонагӣ ва ваҳдати миллии мост. Дар баробари кӯшиш барои ободии Ватан, ба ҷо овардани эҳтироми падару модар, калонсолон, риояи одобу русуми неки миллӣ, тоза нигоҳ доштани забони модарӣ ва иҷрои ҳатмии муқаррароти қонунҳо «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» вазифаи ҷонии ҷавонони мо мебошанд.

* * *

Шумо – модарону хоҳарони азиз – дар ҳамаи давраҳо нигоҳдорандаи забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ ҳастед ва барои покиву равонии он нақши асосӣ доред.

* * *

Ҳар як ҷавон бояд огоҳ бошад, ки дар оянда танҳо тавассути аъло донистани забони давлатӣ ва ду забони хориҷӣ, алалхусус забонҳои русиву англисӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосири коммуникатсионӣ пеш бурдани зиндагӣ ва дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардан имконпазир мегардад.

* * *

Забони тоҷикӣ – ин забони шевову равону салис ва латифу хушоҳанг – дар марҳалаҳои гуногуни муборизаи соҳибзабонон баҳри дифои фарҳангу тамаддуни хеш бар мисоли шамшер қавӣ ва душманшикан будааст.

* * *

Нақши модар дар ободии хонадон, тарбияи фарзандон, ба онҳо омӯзонидани забони модарӣ, одобу маънавиёт, парвариши эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихори ватандорӣ беназир аст. Ҷомеаи мо имрӯз зиёдтар ба асарҳое

ниёз дорад, ки дастовардҳои даврони истиқлолият, кору пайкори қаҳрамонони сохтмонҳои бузурги кишварамонро бо ҳақиқатнигорӣ, бадеияти баланд, забони зебо ва содаву равон инъикос гардидаанд ва ба хонанда лаззати маънавӣ ва эҳсоси ризоят мебахшанд.

* * *

Иқдоми дигаре, ки дар замони ҷомеаи иттилоотӣ муҳим аст, густариш додани истифодаву корбурди забони тоҷикӣ дар шабакаи ҷаҳонии интернет мебошад.

* * *

Воқеан фарзанд сухани аввалинро низ аз забони модар ёд мегирад. Забон хишти аввалини кохи миллат буда, яке аз рукнҳои асосии давлати миллӣ ва нахустунсури тафаккури миллӣ мебошад. Аз ин хотир, модарону хоҳарони мо вазифадоранд, ки ба фарзандонашон ҳарчи бештар ва амиқтар омӯхтани забони адабиро талқин намоянд.

* * *

Таърих гувоҳ аст, ки агар забон ва фарҳанги миллӣ аз байн равад, миллат низ дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад. Забони модарӣ сарчашмаест, ки фарзандро ба асолати миллӣ пайванд медиҳад. Ифтихори ватандориву ватанпарастӣ, ҳувияти

миллӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ низ аз дӯст доштани лафзи модарӣ ва эҳтироми таъриху фарҳанг сарчашма мегирад.

* * *

Фарзанди таълимгирифтаву тарбиятдида, пеш аз ҳама, падару модари худро эҳтиром мекунад, ба қадри Ватани азиз, забони модарӣ ва фарҳанги миллати худ, ба қадри калонсолон ва меҳнати ҳалол мерасад.

* * *

Нақши модар дар тарбия, нигоҳубину парастории ва камолоти маънавию ҷисмонии фарзанди худ бузург мебошад. Сабақи аввалини модар ба фарзанд аз омӯзонидани забон шуруъ мегардад ва бо нақли афсонаҳо ва қироати ашъору панди бузургон дар замири ӯ хислатҳои наҷиби инсониро ҷой медиҳад.

* * *

Ба шарофати кӯшишҳои гузаштагонамон, ки дар тӯли садсолаҳо ба харҷ додаанд, забону фарҳанг ва ҳувияти миллии мо – тоҷикон – то имрӯз пойдору устувор монд. Бо вуҷуди мушкилоти рӯзгор, харобкориҳо ва таъсиру фишори аҷнабиён аҷдоди мо ин арзишҳои волои миллиро аз умқи ҳазорсолаҳо ба ояндагон ҳамчун ганҷи бебаҳо ба мерос гузоштаанд.

* * *

Мо, ворисони тамаддуни куҳанбунёд ва фарҳанги солори тоҷикон, имрӯз бо ифтихор гуфта метавонем, ки шеъри ҷовидонаи Рӯдакӣ омили ҳастӣ ва бақои забони тоҷикӣ буда, саҳми он дар баланд бардоштани сатҳи худогоҳиву худшиносӣ, ватандориву ватанпарастӣ, таҳкими ваҳдату ягонагии миллӣ ва густариши фарҳангу тамаддуни мо бениҳоят барҷаста аст.

* * *

Модар гаҳворабони забони адабӣ аст. Бино бар ин, бояд ҳар як зану духтари тоҷик дар баробари хуб донистани забони адабӣ, таъриху адабиёт ва фарҳанги миллӣ, инчунин дар бобати поку беолоиш нигоҳ доштани забон, ҳифзи арзишҳои волои фарҳанг ва тамаддуни миллӣ аҳамияти хосса диҳанд.

* * *

Дар айни ҳол мову шумо дар масъалаи ному номгузорӣ низ набояд бетараф бошем. Номгузорӣ як рукни муҳими забон ва инъикоскунандаи асолати милливу фарҳанги миллат мебошад.

* * *

Зан ва модари тоҷик дар тамоми даврaҳои таърихи халқамон барои ҳастии забон, пойдории

миллат ва рушди фарҳанги миллӣ ғамхорона ва содиқона хизмат кардааст. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи сиёсати иҷтимоии худ, бо дарназардошти мақому мартабаи шоистаи занон ва вобаста ба масъалаҳои таҳкими қадру манзалат ва таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии онҳо аз оғози даврони истиқлолият то имрӯз хеле санадҳоро қабул ва татбиқ кардааст.

* * *

Бузургии зан–модар, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиякунанда ва ба камолрасонандаи фарзанд, инчунин нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошад. Пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад дар яке аз ҳадисҳои худ мефармояд: «Чаҳор чиз саодати шахс аст: ҳамсари шоиста, фарзандони хайрхоҳ, рафиқони хуб ва рӯзӣ дар Ватан».

* * *

Агар ободиву суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, дар навбати худ, ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифатнокӣ ва тандурустии зан–модар вобаста аст. Нақши модар махсусан дар тарбия, омӯхтани забон, таъриху фарҳанг, донишҳои муосир ва, умуман, камолоти маънавӣ ва ҷисмонии фарзанд хеле барҷаста мебошад.

* * *

Рӯзи забони давлатӣ барои миллати куҳанбунёд ва фарҳангофарини тоҷик, дар баробари Рӯзи истиқлоли давлатӣ, Наврӯз ва Рӯзи модар, ҷашни муҳим ва арзишманд ба ҳисоб меравад.

* * *

Занону модарони мо ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кунанд, ки сарзамини мо гаҳвораи забони нобу ширин ва шоиронаи тоҷикӣ–форсӣ ва оғозгоҳи шеъри оламшумули султони шоирон устод Рӯдакӣ аст. Ҳукумати Тоҷикистон ин нуктаро ба инобат гирифта, соли 2008–ро Соли забони тоҷикӣ эълон кардааст, ки 1150 – солагии поягузори адабиёти оламшумули тоҷику форс – устод Рӯдакӣ – низ дар доираи ҳамин сол таҷлил мегардад.

* * *

Мақсад аз бузургдошти забони тоҷикӣ ва таҷлили ҷашни қофиласолори шеър устод Рӯдакӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки мардуми кишвар бо эҳсоси гарми миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ асолати забони шаҳдбори тоҷикиро нигоҳ дорад, барои рушду густариш ёфтан ва фарогир шудани он ҳамеша талош намояд.

* * *

Рисолати модарон дар масъалаи поку беолоиш нигоҳ доштани забон ҳамчун пояи асосии ҳамаи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин шиноснома ва бақову ҳастии миллати мо бузургтар аз ҳар каси дигар аст ва мо итминон дорем, ки занону модарон ин рисолати муқаддасро бо ифтихор анҷом медиҳанд.

* * *

Ташаккули тарзи зиндагии солим, модару фарзанди солим ва оилаи солим дар маҷмуъ, ба манфиати ҷомеа ва давлат мебошанд ва дигар ин, ки фарзанди таълимдидаву тарбиятгирифта, пеш аз ҳама, эҳтироми падару модари худро ба ҷой оварда, ба қадри Ватан, забони модарӣ ва арзишҳои волои миллати худ, ба қадри калонсолон ва меҳнати ҳалол мерасад.

* * *

Модар воқеан нахустустоди башарият аст ва фарзанд каломи аввалинро аз ӯ меомӯзад. Ҳар модаре, ки соҳиби саводу дониш ва таҷрибаву ҷаҳонбинӣ мебошад, фарзанди ӯ ҳам босаводу хушахлоқ ба воя мерасад. Ҳатто сатҳи забондонии фарзанд аз сатҳи забондонии модар вобаста аст, зеро халқ беҳуда нагуфтааст, ки «нотиқ он кас шуд, ки аз модар шунид».

* * *

Вазифаи аввалиндараҷаи наврасону ҷавонон илму дониш омӯхтан, аз худ кардани технологияҳои муосири иттилоотӣ, касбу ҳунарҳои замонавӣ, дар сатҳи аъло донистани забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ мебошад.

* * *

Дар омади сухан мехоҳам бори дигар оид ба муқаддастарин сарвати миллиамон – забони модарӣ – таваққуф намоям. Боиси ифтихору сарфарозист, ки қаламрави пайдоиши забони дар тӯли таърих бо номҳои дарӣ, тоҷикӣ ва форсӣ шуҳратёфта ҳудуди Хуросони қадимӣ, аз ҷумла Тоҷикистони имрӯза, аст.

* * *

Рисолати зиёиён аз ҳидояти ҷавонон барои омӯзиши таърих, фарҳангу забони модарӣ, дастовардҳои илм ва технологияҳои пешрафтаи муосир иборат аст.

* * *

Забони тоҷикии форсӣ бо фасоҳату балоғаташ асрҳо боз оламиёнро дар ҳайрат гузоштааст. Забони классикии порсии дарӣ, яъне тоҷикӣ, ки дар заминаи забонҳои авастоӣ ва паҳлавӣ ба вуҷуд омадааст, минбаъд яке аз забонҳои тамаддуни ҷаҳонӣ гардид.

Осори безаволи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Ибни Сино, Хайём, Саноӣ, Аттор, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Камол, Бедил, ки ифтихори муштараки тоҷикон, эрониён, афғонистониён мебошад, шоҳкориҳое ҳастанд, ки ба ин забон эҷод шудаанд.

* * *

Забони тоҷикӣ дар гирудорҳои шадид ва тохтутозҳои бераҳмонаи аҷнабиёни истилогар на танҳо ҳастӣ ва покии худро нигоҳ дошта тавонист, балки ғосибонро маҷбур кард, ки онро ҳамчун забони девону дафтар ва давлатдории хеш қабул намоянд.

Дар замони шӯравӣ низ забони тоҷикӣ бо кӯшиши шахсиятҳои фидокори илмиву адабӣ бузургиву асолати худро нигоҳ дошт ва ба миллат хизмат кард. Дар асри бисту як, дар замони ҷаҳонишавии босуръати проблемаҳои башарӣ, низ, ки аз рӯйи пешгӯйиҳои олимон эҳтимоли маҳвшавии тақрибан дусад забони хурди олам вуҷуд дорад, забони тоҷикӣ бояд пойдории таърихии худро ҳифз карда тавонад.

* * *

Танҳо бо ғамхории донишмандон, аҳли зиё ва, умуман, ҳар як фарди бонангу номуси миллат

забони модар, забони аҷдод ва забони давлати соҳибистиқлол метавонад пойдор бимонад.

* * *

Қонунияти инкишофи забон чунин аст, ки вай, мисли як ҷисми зинда, бояд ба маҷрои зиндагӣ – таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ – мутобиқ шуда, имкони ифодаи мазмунҳои тоза ва талаботи мардумро дошта бошад. Яъне калимаву истилоҳотеро, ки дар олами ихтирооту кашфиёт ва иқтисодиёту техника падид меоянд, дар худ ғунҷонида тавонад ва ҳамзамон асолати миллиашро гум накунад.

* * *

Забони модарии мо низ, хушбахтона, аз имтиҳонҳои мушкили таърихӣ гузаштааст ва итминон дорем, ки дар оянда на танҳо бақои худро нигоҳ медорад, балки зина ба зина рушд меёбад ва ғаниву густурда мегардад.

* * *

Поку беолоиш нигоҳ доштани забон ва асолату шевоии онро ҳифз кардан қарзи фарзандии ҳар яки мову шумост. Бино бар ин, олимону зиёиёни мо бояд бо таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини забон ва тағдиду таҳияи қомусу фарҳангномаҳо, ки барои баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва маърифати

забономӯзии наслҳои имрӯзу оянда заруранд, ҷиддӣ машғул шаванд.

* * *

Маҳз омӯзгорони соҳибмаърифату бофарҳанг ва устодони донишманду ватанпараст савияи таълиму дониши хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба забондонӣ, илмомӯзӣ ва худшиносиву ҷаҳоншиносӣ раҳнамоӣ карда метавонанд.

* * *

Фаромӯш набояд кард, ки забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз қадимтарин забонҳои зиндаи ҷаҳон маҳз дар Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ёфта, ба эҳёи тафаккури миллии форсизабонон ва густариши адабиёти классикии тоҷику форс замина гузоштааст. Чандин сол аст, ки мо барои мактабҳои умумии мамлакат ҳазорҳо адад компютер мехарем, вале аксари онҳо то имрӯз барномаи ягонаи тоҷикӣ надоранд. Минбаъд кӯшиш бояд кард, ки ширкатҳои тиҷоратӣ ҳангоми ворид сохтани технологияҳои компютерӣ мавҷудияти барномаи ягонаро ба забони давлатӣ ба инобат гиранд.

* * *

Солҳои охир дарку ҳазми мақолаву хабарҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, ҳатто ҳарфзании ровиёну гӯяндагон на танҳо барои мардуми одӣ, балки шахсони босавод ва забондон низ мушкил

мегардад. Дар атрофи ин масъалаҳо бояд ҷиддӣ фикр кард.

* * *

Забони миллӣ ва ташаккули пайвастаи он дар мақоми давлатӣ муҳимтарин рамз ва рукни истиқлолияти давлативу сиёсии мо мебошанд. Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки дар тӯли гузаштаи пурфоҷиа забони мо барои бақо ва ҳастии миллат, шукӯҳу азамати давлатдорӣ хидмати бузург ва таърихӣ кардааст.

* * *

Дар аҳди Сомониён забони тоҷикӣ ҳамчун забони шеъру шоирӣ, забони илму адаб бо покиву ширинаш воқеан оламгир шуд. Ва, албатта, ин мартабаи олиро ба забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, соҳиби он – халқи тамаддунофари мо, адибону олимони хушкалом ва меҳанпарастамон – бахшидаанд.

* * *

Пас аз заволи давлати Сомониён соҳибқудратони замон ҳамоно мафтуни шеъру адаби тоҷикӣ буданд ва асрҳои аср пеши он сари таъзим фуруд меоварданд. Гузашта аз ин, дар давоми ҳазор сол забони тоҷикӣ дар саросари Хуросону Мовароуннаҳр забони дарбор ва коргузорӣ буд.

* * *

Забони мо дар тӯли садсолаҳо аз баҳри Миёназамин то Ҳинду Чин ҳамчун забони муошрати байни халқҳои гуногун хизмат намуда, дар осори хаттии онҳо ҳам нақши зиёде гузоштааст. Ин ҳақиқати таърихӣ мебошад. Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки дар ҳама ҳолат миллати тоҷик сипари боэътимод, ганҷи гаронбаҳои ниёгон – забони модариро аз даст надодааст. Барои собит намудани ин далел овардани чунин мисол бамаврид аст. Чунонки аз сарчашмаҳо, аз ҷумла «Таърих»–и Наршахӣ, бармеояд, баъд аз истилои араб дар Эрони Ғарбӣ дар давоми ду садсола забони паҳлавӣ рӯ ба таназзул овард ва ҷойи онро забони арабӣ гирифт. Аммо дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон забони тоҷикӣ мавқеи худро аз даст надод, балки ботадриҷ рушду нумӯъ ёфт ва, билохира, бо шеъри ноби Рӯдакӣ бо тамоми фасоҳату балоғаташ зуҳур кард.

* * *

Лозим ба ёдоварист, ки дар аҳди Сомониён Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, мардум ибодатро бо забони модарӣ анҷом медод. Ин нишони эҳтироми бепоёни мардум ба асолат ва забони модарӣ ва кӯшишҳои халқи тоҷик барои ҳифзи забон ва суннатҳои ниёгон буд.

* * *

Дар замони истиқлолият забони модарӣ, ки як рукни бунёдии давлату миллат, илму фарҳанги мо аст, бояд аз ҳар ҷиҳат рушду нумӯъ ёбад. Забони тоҷикӣ ҳоло бояд ҷавобгӯйи ниёзҳои замон бошад ва тамоми таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаро дар худ инъикос намояд.

* * *

Тибқи Конститутсияи Тоҷикистон ва Қонуни забон, ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки тамоми умури коргузорӣ дар кишвар бояд бо ҳамин забон сурат гирад.

* * *

Фаромӯш набояд кард, ки одобу маданияти роҳбарӣ, пеш аз ҳама, аз фасоҳати забон ва муошират нек шурӯъ мешавад.

* * *

Тавассути забон ҳувияти миллӣ ҳифз мегардад, он воситаи муқтадири сарҷамъ намудани миллат, таъмини якпорчагии сарзамини кишвар дар ҳама давру замон мебошад.

Таърих бисёр мисолҳоро медонад, ки дар баробари аз байн рафтани забон миллат низ аз

байн меравад. Ба ибораи дигар, фанои забон фанои миллат аст.

* * *

Мехоҳам хотирнишон намоям, ки омӯхтани забон ва равону суфта шудани он танҳо ба шарофати мутолиаи китоб муяссар мегардад.

* * *

Фаромӯш накунем, ки ҳурмати забон ҳурмати модар, ҳурмати Ватан ва ифтихор аз давлатдории миллӣ аст. Дар арҷгузории забони модарӣ ва тарғибу посдории он нақши аҳли зиё – олимон, шоиру нависандагон, кормандони соҳаи маориф, тандурустӣ, алалхусус воситаҳои ахбори умум, – бағоят бузург мебошад.

* * *

Аҳли эҷод, аз ҷумла рӯзноманигорон, аз қоидаҳои забони модарӣ, махсусан қоидаҳои имло, фасоҳат ва балоғати сухан бояд хуб огаҳӣ дошта бошанд, дар забони навиштаҳои онон ғалат роҳ наёбад, зеро имрӯз як василаи оммавият пайдо кардани ғалатҳо забони матбуоти даврӣ ва радиою телевизион аст.

* * *

Қаламкаш масъулияти азим нисбат ба забони модарӣ дорад ва як ғалати ӯ метавонад ба ҳазорон нафар асар гузорад. Соли гузашта садорати

Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ҳамчунин рӯзномаи «Омӯзгор» оид ба масоили забони адабиёт ва матбуоти кишвар бо иштироки олимони забоншинос суҳбатҳои густурдае барпо карданд, ки иқдоми хуб ва ибратбахш аст.

* * *

Маҳз андешаҳои воло ва осори гаронбаҳои абармардони миллати мо буд, ки фарҳанг ва забони тоҷикӣ дар тӯли таърих, бо вуҷуди он ҳама фишорҳои сиёсиву мафкуравии бегонагон, мақом ва мартабаи худро дар тамаддуни ҷаҳонӣ нигоҳ доштааст. Ҳамин хизмати бузурги фарзонагони миллат аст, ки мо имрӯз соҳибдавлат буда, бо забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллии худ ифтихор мекунем. Забону фарҳанги мо оинаест, ки роҳи бисёр тӯлонии дар масири таърих паймудаи тоҷиконро – бо ҳама саҳифаҳои гоҳо дурахшон ва гоҳе парешон, бо ҳама нишебу фарозҳои таърих – дар худ инъикос кардааст. Аз ин оина пайдост, ки барои аҷдоди бонангу номуси мо мафҳумҳои Модар, Ватан, Истиқлол, Забон ва Фарҳанг ҳамеша ҳаммаъно будаанд.

* * *

Имрӯз, дар замони пуртазод ва рушдёбандаи глобализатсия, ин раванд ба хатари воқеӣ табдил меёбад. Мо, дар навбати аввал, шумо, аҳли зиё,

барои пешгирии чунин равандҳои номатлуб бояд омода бошем.

* * *

Забони тоҷикӣ на фақат ҷавҳари ҳастии миллати мо, балки нишонаи барҷастаи қадимии фарҳанги мост. Таърих гувоҳ аст, ки аҷдоди тоҷикон борҳо бо нерумандтарин истилогарон рӯ ба рӯ шудаанд, вале бо бартарии фарҳанг, асолати ойину суннатҳо ва андешаи миллии худ бар онҳо ғолиб омада, ҳувияти миллии худро нигоҳ доштаанд. Бино бар ин, мо низ бояд ҳамеша ҷидду ҷаҳд намоем, ки покиву асолати забони шевою ширину шоиронаи тоҷикиро нигоҳ дорем ва ба наслҳои оянда ба мерос гузорем.

* * *

Мехоҳам бори дигар ба мавзӯе баргардам, ки борҳо дар атрофи он ибрози ақида намуда, то чӣ андоза муҳим будани онро таъкид сохтаам. Ин масъалаи рушду такомули забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ мебошад. Раванди ҷаҳонишавӣ, чунонки ҳамаи мо шоҳид ҳастем, имрӯз ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти башар, дар баробари таъсири мусбат, нақши манфии худро низ мегузорад. Бахусус фишори фарогири ҷаҳонишавӣ ба забону фарҳанг, ки рукнҳои асосии пойдории миллат ба шумор мераванд, бештар эҳсос мегардад. Дар чунин шароит, агар мо забонамонро азизу гиромӣ надорем ва ҳимоя накунем, имкон дорад, ки он пас

аз муддати начандон тӯлонӣ ба як забони доираи истифодааш маҳдуд ва ё ҳатто забони хонагӣ мубаддал гардад. Мисоли равшани инро мо дар номгузории бисёр ширкату идораҳо, муассисаҳои фароғатию хизматрасонӣ, матбуоти даврӣ ва ҳатто фарзандон мебинем.

* * *

Шумо хуб медонед, ки ҳар як номи тоҷикӣ нишонае аз симои миллӣ ба шумор меравад ва сарфи назар кардан аз он, пеш аз ҳама, беэҳтиромӣ нисбат ба забони модар ва давлати худ, ба таъриху фарҳанги миллӣ ва, дар маҷмуъ, ба миллату Ватан мебошад.

* * *

Дар баробари ин, набояд фаромӯш кард, ки забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ имрӯз на танҳо дар коргузорӣ ва муошрати дохилӣ, балки дар робитаҳои хориҷии мо низ истифода мешавад. Бо ин забон санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ба имзо мерасанд, осори илмиву адабии халқҳои ҷаҳон тарҷума мешаванд. Аз ин рӯ возеҳ аст, ки омӯзиши забони ниёгон бояд дуруст ба роҳ монда шавад.

* * *

Зарурати таҳияи истилоҳоти илмӣ барои бахшҳои мухталифи забони тоҷикӣ на танҳо

масъалаи дохилии илми забоншиносӣ, балки масъалаи рӯзмарраи сиёсати давлатӣ оид ба забон мебошад.

* * *

Мо бояд забони тоҷикиро ҳамчун арзиши миллӣ эҳтиром кунем, ба он муносибати ғамхорона дошта бошем, барои рушду инкишофи он дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа заминаи зарурӣ фароҳам оварем. Ин амал, пеш аз ҳама, барои ба забони илм табдил додани забони модарии мо аҳамияти бузург дорад, зеро ба ин мартаба расидани забон сатҳи аз ҳама баланди густариши он ба шумор меравад.

* * *

Ҳадаф аз қабули қонуни нав, пеш аз ҳама, ҳифзи асолати забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ, таъмини истифодаи фарогир ва густариши ҳамаҷонибаи он дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар мебошад, ки ин амр тақозои воқеияти замон аст.

* * *

Донишмандони моро зарур аст, ки рисолати таърихии хешро иҷро карда, ба монанди гузаштагони соҳибфарҳанги худ, ки бо осори пурғановаташон онро ба як забони тавонои илмӣ мубаддал сохтаанд, дар рушду густариши забонамон ва ба забони илми муосир табдил

додани он саҳм гузоранд. Бино бар ин, Академияи илмҳо ва вазорату муассисаҳои дахлдорро лозим аст, ки дар ин бобат тадбирҳои мушаххас андешанд.

* * *

Густариши забони тоҷикӣ, таҳкими мақоми давлатӣ ва тавсеаи доираи истифодаи он ҳамчунин зарурати таҳияи фарҳангномаҳои истилоҳоти соҳавӣ ва луғати комили имлои забони тоҷикиро талаб мекунанд, ки ин кор аз ҷониби мутахассисон бо масъулияти бисёр ҷиддӣ бояд сурат гирад.

* * *

Соҳиби давлати миллӣ гаштани мо ва таваҷҷуҳи хосса доштан ба низоми давлати миллӣ ҳаргиз маънои маҳдуд кардани ҳуқуқи дигар миллатҳоро надорад. Зеро давлати миллӣ барои мо воситаи ҳифзи фарҳангу забони миллӣ, ваҳдату якпорчагии кишвар, иттиҳоду ҳамдигарфаҳмӣ буда, ба он эҳтиром гузоштан вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

* * *

Китоб ва сухан аз неруи бузурге бархӯрдоранд. Сухан аз ҷумлаи неъматҳои олии маънавӣ буда, ақлу хиради инсониятро таҷассум менамояд. То ҷаҳон ҳаст ва инсоният боқист, умри сухан безавол аст.

* * *

Маҳз давраи Сомониён буд, ки адабу фарҳанги ҷаҳоншумул ва забони ноби тоҷикии форсӣ чун дурри гаронбаҳо то имрӯз бар ҷабини таърих ва тамаддуни башарӣ медурахшад, чеҳраҳо ва ситораҳои дурахшонро тақдими ҷомеаи инсонӣ менамояд. Аз ин рӯ метавон бо итминони комил гуфт, ки Сомониён илму фарҳанг, забон ва китобу назми тоҷикиро мақоми хосса бахшиданд ва ин омилҳо боиси ҳастии миллат ва пойдории он гардиданд.

* * *

Бузургтарин вазифаи ҳар фарди худшиносу ватандӯст, ки фарҳангу забони миллиро гиромӣ медорад, поку беолоиш нигоҳ доштан ва ба наслҳои оянда бегазанд интиқол додани ин ганҷи бебаҳо мебошад.

* * *

Зиёӣ, ки шахси таҳсилдидаву равшанфикр аст, нуру рӯшноии ҷомеа маҳсуб мешавад ва бояд аҳли ҷомеаро ба сӯйи созандагӣ ва бунёдкорӣ ҳидоят созад, ҳамеша дар фикри пешрафту такомули илму фарҳанг, рушди забон ва ҳифзи тозагии он ва, гузашта аз ин, дар андешаи таҳкими суботу оромии ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва дифоъ аз манфиатҳои миллат ва давлат бошад.

* * *

Маҳз хизмати абармардони миллати мо буд, ки фарҳанг ва забони тоҷикӣ, бо вуҷуди он ҳама фишорҳои сиёсиву мафкуравии бегонагон, мақом ва мартабаи худро дар тамаддуни ҷаҳонӣ нигоҳ дошта тавонист. Хизмати бузурги фарзонагони миллатамон буд, ки мо имрӯз соҳибдавлат буда, бо забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллии худ ифтихор мекунем.

* * *

Забону фарҳанги мо оинаест, ки роҳи тӯлонии паймудаи тоҷиконро бо ҳама шебу фарозҳо дар худ инъикос кардааст. Аз таърих, адабиёт ва фалсафаи ирфонии ғании мо ҳувайдост, ки барои аҷдоди бонангу номуси мо мафҳумҳои Модар, Ватан, Истиқлол, Забон ва Фарҳанг ҳамеша ҳаммаъно будаанд.

* * *

Ҷомеаи солим ба насли бомаърифат, донишманд, миллатдӯст, ватанпарвар, забондон, ҷасур, аз ҷиҳати сиёсӣ зираку ҳушёр, дорои ахлоқи ҳамида ниёз дорад. Маҳз инсонҳои дорои чунин хислатҳо метавонанд дастовардҳои истиқлолияти мамлакатро афзун ва ҳифз намоянд.

* * *

Мо ифтихор дорем, ки асолати забонамон дар тӯли беш аз ҳазор сол бетағйир мондааст ва имрӯз мо шеъри оламгири устод Рӯдакиро бе ягон луғат мехонему завқ мебарем. Ин дар суратест, ки баъзе миллатҳои номдор осори ду–се аср пеш эҷодкардаи бузургони худро бо ёрии луғат мефаҳманд. Ин далели он аст, ки ҳанӯз дар асри даҳум забони тоҷикӣ ба авҷи тараққиёти худ расида, ҳамчун забони давлатдорию илму фарҳанг ҷаҳонгир гашта буд.

Мо чеҳраи хосси миллӣ, забони ширину шевои шоирона, таърих, адабиёт ва фарҳанги ғановатманд, мазҳаби таҳаммулгаро, расму ойини миллӣ, хулоса, аз муҳити хонавода то шаҳрдориву давлатдорӣ тамоми арзишҳои миллиро дорем ва бояд бо онҳо ифтихор намоем. Бино бар ин, аз ҷавонону наврасони кишвар ва, умуман, аҳли ҷомеа тақозо мегардад, ки бо ифтихор аз арзишҳои ҷовидонии Ватан, модар, давлати соҳибистиқлол, фарҳангу анъанаҳои миллии тоҷикон ҳамеша дар ҳифзи аслу насаби худ ҳушёру бедор бошанд. Беҳдошти сифати таълим, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ ва корҳои илмию тадқиқотӣ, тақвият бахшидани самтҳо ва равияҳои тадқиқоти кафедраҳо, фаъолияти маҳфилҳои илмии донишҷӯён, ҷалби ҷавонони боистеъдод ба корҳои илмию тадқиқотӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ба забони давлатӣ, ҳавасмандсозии омӯзгорони ҷавон яке аз омилҳои асосии рушди

соҳаи маориф ва, дар ҳамин замина, ташаккули тафаккури техникӣ ба шумор мераванд.

* * *

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илму техника ин мафҳум маънои комилан нав ва бисёр фарох касб кардааст. Акнун нафаре босавод шуморида мешавад, ки на танҳо хонда ва навишта тавонад, балки маҷмӯи донишҳои муназзами замонавӣ дошта, забони давлатиро дар сатҳи аъло донад, инчунин як ё ду забони хориҷӣ ва тарзи дурусти истифодаи технологияҳои имрӯзаро азхуд карда бошад. Зарур аст, ки ба масъалаи омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ аз ҷониби ҷавонон эътибори қатъӣ зоҳир гардад.

* * *

Дар шароити торафт шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ барои мо ва махсусан барои насли ҷавони сарзаминамон, Ватан, модар, забон, фарҳанг ва расму ойинҳои миллӣ, инчунин эҳтирому арҷгузорӣ ба рамзҳову муқаддасоти милливу давлатиамон моҳияти ҳаётан муҳим доранд.

* * *

Ҳамаи мо бояд дар хотир дошта бошем, ки забони тоҷикӣ дар ҳама даврони таърихи тӯлонии халқамон нишонаи гӯёи ҳастии мо ва омили

муҳимтарини ҳифзи мероси камназиру гаронмояи аҷдоди некному хирадмандамон будааст. Ин забон забони сулҳу дӯстӣ, меҳру муҳаббат ва садоқату бародарист.

* * *

Ифтихор аз фарҳанги миллӣ, ки забону адабиёт аз унсурҳои асосии он мебошанд, набояд заминаи худхоҳӣ ва миллатгароӣ гардад. Тоҷикон бояд дар баробари ба хубӣ фаро гирифтани забони модарӣ, ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ таваҷҷуҳ дошта бошанд.

* * *

Барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати фаъолияти низоми идоракунии давлатӣ аз зиёд кардани шумораи мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ худдорӣ намуда, бештар ба тарбияи кадрҳои баландихтисосу соҳибмаълумот, дорои ҷаҳонбиниву дониши амиқи касбиву сиёсӣ, қобилияти ташкилотчигиву кордонӣ, малакаи идоракунӣ, инчунин шахсони масъулиятшиносу ватандӯст, забондон ва аз технологияҳои муосир бархӯрдор таваҷҷуҳ бояд кард.

* * *

Меҳри азалӣ ба Ватани аҷдодӣ, муҳаббат ба диёри бостонӣ, насл ба насл пос доштани забони шаҳдбору шоиронаи Рӯдакӣ ва пайвандҳои

ҳазорсолаи гузаштаву имрӯза қутбнамое мебошанд, ки моро ба сӯйи ояндаи нек ва бозёфтҳои тоза раҳнамоӣ мекунанд.

* * *

Омӯзиши забони модарӣ, ки аз хонавода, кӯдакистон ва мактаб оғоз мешавад, пеш аз ҳама аз падару модар ва муаллим ба хотири ҳифзи асолати миллӣ ҷиддият ва қатъияти тамомро дар донистани забон тақозо дорад. Дар тарбияи забономӯзии кӯдакон, ки синни хеле хуби рушди малакаҳои зеҳнист, бояд волидайн масъулияти бештар дошта бошанд. Эҳтироми забони модарӣ ва амиқ омӯхтани он, инчунин омӯзиши ҳатмии забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама русӣ ва англисӣ, аз ҷумлаи равандҳое мебошанд, ки бояд таҳти назорати доимӣ қарор дошта бошанд.

* * *

Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла ёдгориҳои таърихӣ, мебошад.

* * *

Фаромӯш набояд кард, ки бе рушди забони давлатӣ ҳамчун рукни муҳими таҳкими худшиносии миллӣ ва давлатдорӣ мо, ба маънои томаш, соҳибистиқлол буда наметавонем. Аз ин рӯ риояи меъёрҳои забони адабӣ, пеш аз ҳама, масъулияти

бевоситаи ҳар як роҳбару корманди тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ҳар як зиёӣ мебошад. Инро ҳар як фарди бонангу номуси миллат, ки ба ояндаи неки Ватан хушбин аст ва мехоҳад давлаташ комилан соҳибистиқлолу мутараққӣ бошад, бояд дарк намояд.

* * *

Зарур аст, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба омӯзиши забони давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар баробари ин донистани ҳатмии ду забон, бахусус забонҳои русӣ ва англисиро ҷорӣ намоем.

* * *

Миллати тоҷик, бахусус ҷавонону наврасони мо низ бояд аз решаҳои тамаддуни қадима, забону фарҳанги миллӣ ва ойинҳои давлатдории халқи худ огоҳ бошанд ва, вобаста ба дигаргуниву таҳаввулоти оғози ҳазорсолаи сеюм, барои устувор гардонидани пойдевори давлатдории навин ва фарҳангу андешаи миллии тоҷикон саъю талош намоянд. Ин тақозои ҳаёт ва вазифаи ҳар миллати огоҳу соҳибфарҳанг мебошад.

* * *

Вазифаи муҳими олимони кишвар таҳқиқ намудани таърихи пурифтихори миллат, проблемаҳои фалсафа ва адабиёту фарҳанги бою

рангоранги тоҷикон, поку бегазанд нигоҳ доштан ва таҳким бахшидан ба мақоми забони давлатӣ, тоза нигоҳ доштани забони муошират, эҷоду эҳёи забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ ва ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгон мебошанд.

* * *

Бо шарофати неъмати худодод, яъне истиқлолияти давлатӣ, мо имкон пайдо кардем, ки баъди ҳазор сол асолату ҳувияти миллӣ, таърих ва забону фарҳанги миллӣ, суннату арзишҳои неки миллӣ, хулоса, ҳастии миллии худро ба хотири иҷрои рисолати бисёр пурмасъулият, вале пурифтихори таърихӣ – эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ – яъне ҷомеаи навини давлати соҳибихтиёру озодамон ва зиндагии босаодати наслҳои имрӯзу фардо эҳё намоем.

* * *

Ояндаи ободу осудаи ҷомеа ва давлат, пеш аз ҳама, аз фарзандони тарбиятдида, донишманду забондон, ҷаҳонбинии васеъдошта ва миллатдӯсту ватанпарвар вобаста аст.

* * *

Ҳангоми хостагирӣ ва ҷобаҷокунии кадрҳо маҳз дараҷаи баланди касбӣ, донишҳои васеи муосир, дар сатҳи хуб донистани забони давлатӣ, забонҳои

хориҷӣ ва технологияҳои замонавӣ, дараҷаи баланди масъулиятшиносиву ватандӯстӣ, поквиҷдонӣ ва оштинопазирӣ нисбат ба ҳолатҳои коррупсионӣ бояд меъёрҳои асосӣ гарданд.

* * *

Муҳимтарин ҳадафи мо арҷгузорӣ ва эҳтироми забони давлатӣ, яъне забони зебову шево ва ширину шоиронаи тоҷикист. Зеро забони тоҷикӣ, дар баробари дигар муқаддасоти миллии мо, рамзи давлатдорӣ, ҳувияти миллӣ, кафили мавҷудияти фарҳанги оламшумул ва мояи ифтихори мо – тоҷикон – аст.

* * *

Забони мо дар марҳалаҳои ҳассоси таърихи халқамон ҳамеша нақши тақдирсоз бозида, аҷдоди бошарафу тамаддунсози моро аз гирдоби ҳаводиси пуртазоди асрҳои миёна то ба имрӯз эмин нигоҳ доштааст. Ин аст, ки мо дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ оид ба эҳё ва густариши забони давлатиамон силсилаи тадбирҳои судмандро амалӣ намудем.

* * *

Илова ба татбиқи чорабиниҳо доир ба таъсиси китобхонаҳо ва дигар муассисаҳои маърифатӣ дар даврони истиқлолият дар кишварамон барои рушди забони модарӣ имконияти мусоид фароҳам оварда

шуда, забони пурғановати тоҷикӣ дубора рӯҳи миллиашро соҳиб гардид.

* * *

Барои боз ҳам тақвият бахшидани мақоми сазовори забони тоҷикӣ зарур аст, ки ҳар як шаҳрванд ва, дар навбати аввал, наврасону ҷавонон забони тоҷикиро ба таври мукаммал ва дар сатҳи аъло азхуд карда, ҳатман ду забони хориҷиро ба мисли забони модарӣ донанд. Зеро дар замони пешрафту таҳаввулоти имрӯзу оянда бе донистани ду забони хориҷӣ кору фаъолият кардан ва муваффақият ба даст овардан бисёр мушкил мешавад.

* * *

Фаромӯш набояд кард, ки Ватанро танҳо кадрҳои баландихтисосу соҳибмаърифат ва забондону дорои касбу ихтисоси ба талаботи замона ҷавобгӯй обод карда метавонанд.

Миллати қадима ва сарбаланди тоҷик дар тӯли таърихи дарозаш маънавиёти баланд, одобу ахлоқи ҳамида, забони шевои модарӣ, девону дафтари парокандаи бузургони гузаштаи хеш, умуман мероси фарҳангию тамаддуни қадимаи худро бо ҳазорон заҳмат ҳифз карда, то рӯзҳои мо расонидааст.

* * *

Борҳо иброз доштаем, ки донистани забонҳои дигар, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ, барои наврасону ҷавонони мо зарурати воқеии рӯз аст. Аммо ин тамоюл набояд сабаби ба забони шевои тоҷикӣ роҳ ёфтани унсурҳои нозарури бегона гардад. Аз ин рӯ мо дар оянда низ дар самти ҳифзу гиромидошт, тозагии забони давлатӣ ва рушди ҳамаҷонибаи он ҳамаи иқдомоти заруриро амалӣ хоҳем кард.

* * *

Тоҷикон дар миёни халқияту миллатҳои сершумори олам аз ҷумлаи мардуми соҳибтамаддуне мебошанд, ки забони чандинҳазорсоларо маҳфуз дошта, имрӯз низ шеъри Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва садҳо нафар шоирону адибони гузаштаро озодона мефаҳманд ва дар гуфтугӯйи ҳаррӯзаашон истифода мекунанд.

* * *

Забон, дар ҳақиқат, асоси ҳастӣ ва бақои умри миллат аст. Ифтихор аз Ватану ватандорӣ, таъриху фарҳанг, ифтихор аз миллат ва ҳувияти миллӣ, аввалтар аз ҳама, дар поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ ифода меёбад. Таърих гувоҳ аст, ки баъди гум кардани забони модарӣ миллат низ дер ё зуд тафаккур, ифтихор ва ҳатто давлату давлатдории миллии худро аз даст дода, забон ва унсурҳои фарҳангии бегонаро мепазирад.

* * *

Яке аз вазифаҳои асосӣ ва пурифтихори Институти забон ва адабиёт дар давраи истиқлолият пуштибонӣ ва густариши забони давлатӣ, таҳкими мақому мартабаи он, аз ҳисоби захираи забони классикӣ ва халқӣ суфтаву ғанитар намудани забони адабӣ, оммафаҳм сохтани забони нашрияҳо, пеш аз ҳама, китобҳои дарсӣ, забони матбуот ва тоза нигоҳ доштани забони муошират мебошанд.

* * *

Барои озодона бо забони адабии тоҷикӣ сухан гуфтану суҳбат карда тавонистан бояд ҳар як зиёии тоҷик на танҳо кӯшиш намояд, балки ба дигарон намунаи ибрат бошад.

* * *

Зиёиён, олимону забоншиносон, кормандони воситаҳои ахбори умум, падару модарон ва, умуман, ҳар фарди бонангу номуси миллат барои баланд бардоштани маданияти забондонӣ, риояи меъёрҳои забони адабӣ, болоравии сатҳи худшиносӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ ва ифтихори ватандорӣ, инчунин пешгирӣ аз пайравии кӯркӯронаи забонҳои дигар бояд саҳми муносиб гузоранд.

* * *

Забони нобу шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ ҳанӯз дар дарбори Тоҳириёну Саффориён, сипас дар дарбори Сомониён чун забони идораи давлату коргузории вазоратхонаҳо ривоҷ пайдо карда буд. Бо ин забон дар Хуросону Мовароуннаҳр аввалин шеърҳои тоҷикӣ суруда шуда, дар давоми садсолаҳои минбаъда ҳазорҳо чилд асарҳои таърихӣ, илмӣ, фалсафӣ ва динӣ эҷод гардидаанд.

* * *

Имрӯз, дар шароити истиқлоли сиёсӣ, мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки ба поймол шудани истиқлолияти фарҳангии миллатамон роҳ диҳем. Зеро истиқлолияти фарҳангӣ барои мо баробари истиқлолияти сиёсӣ азиз аст. Дар баробари ин, дӯст доштан ва омӯхтани забони модарӣ ҳаргиз маънои дар доираи забони худ маҳдуд мондан ва аз омӯзиши забонҳои дигар, аз ҷумла русӣ ва англисӣ, сарфи назар карданро надорад.

* * *

Имрӯз далелҳои қавӣ вуҷуд доранд, ки дар асоси онҳо донишмандон макони зуҳур ва нашъунамои забон ва адабиёти тоҷикиву форсиро Мовароуннаҳру Хуросон медонанд.

* * *

Ҳар касе, ки забони модарии худро хуб медонад, барои ӯ омӯхтани забонҳои хориҷӣ осон мегардад. Дигар ин, ки ҷорӣ кардани дастовардҳои илму техника ва технологияҳои муосир, яъне пешрафти минбаъдаи мамлакат, ба роҳ мондани робитаҳои гуногунсоҳа бо давлатҳои тараққикарда, яъне пайвастан ба ҷаҳони мутамаддин, бе донистани забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама русӣ ва англисӣ, ғайриимкон аст.

* * *

Агар мо қадру манзалати Ватан, миллат ва забони худро ба таври амиқ дарк насозем, зарурати густариши худшиносию худогоҳӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти Тоҷикистонро пайваста таъкид накунем, амнияти миллӣ ва рушди иқтисодиву фарҳангиро таъмин карда наметавонем.

* * *

Миллати фарҳангпарвари тоҷик беҳтарин арзишҳои тамаддуни башарии Шарқу Ғарбро истифода намуда, дар айни ҳол таърих, фарҳанг, забон ва маънавиёти бисёрҳазорсолаи худро пос медорад.

* * *

Бузургдошти забони давлатӣ ин арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанги миллат аст. Аз ин рӯ зарур аст, ки ҳар як фарди соҳибзабон забони тоҷикиро, ки нишони ҳастии миллат аст, азхуд кунад ва, ба воситаи он, ҳувият ва фарҳанги миллии худро ҳифзу гиромӣ дорад.

* * *

Насиҳати ман ҳамчун Роҳбари давлат ба шумо – насли ояндасози миллат – ин аст, ки аз имкониятҳои бароятон фароҳамовардаи давлату Ҳукумати мамлакат пурра ва ҳаматарафа истифода баред, бо баҳои хубу аъло хонед, касбу ҳунар омӯзед, забони модарӣ, яъне забони давлатиро ба дараҷаи аъло азхуд кунед ва, дар баробари ин, як–ду забони хориҷӣ ва техникаву технологияҳои муосири коммуникатсиониро низ дар сатҳи баланд омӯзед, ифтихори падару модар, ифтихори халқу миллат ва ифтихори Ватани азизамон – Тоҷикистон – бошед.

* * *

Дастоварди бузурги мо дар бахши сиёсати забон аз ин иборат аст, ки забони давлатӣ дар марҳалаи кӯтоҳ, вале ниҳоят ҳассоси таърихӣ нақши ваҳдатофариро адо намуд

* * *

Кормандони соҳаи маориф – омӯзгорону мураббиён, зиёиён ва, умуман, аҳли ҷомеаро зарур аст, ки барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи одобу ахлоқи ҳамида, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ифтихор аз ватан ва фарҳангу тамаддуни бостонии халқамон ҳамеша саъю талош намоянд. Вазифаи ҳар як шахси солимфикру огоҳ ба хонандагон талқин намудани омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар, забономӯзӣ, баҳрабардорӣ аз дастовардҳои навини технологияҳои муосир мебошанд.

* * *

Мақсади мо аз фароҳам овардани шароити зарурӣ ва хубу мусоиди таҳсили насли наврас, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки ҳамаи онҳо соҳиби дониши мукаммал, забондон, бархӯрдор аз дастовардҳои илму техникаи муосир гарданд ва бо омӯзиши касбу кор ва ихтисосҳои гуногун барои ободу шукуфо кардани Ватани худ омода шаванд.

* * *

Дар шароити имрӯза мамлакати мо барои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба кадрҳои баландихтисоси миллӣ ниёз дорад. Бо дарназардошти ин нукта вазифаи асосии шумо– хонандагон –, пеш аз ҳама, омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар, аз худ кардани забони модарӣ ва

забонҳои хориҷӣ, инчунин дастовардҳои техникаву технологияҳои муосир мебошанд.

* * *

Ҳар миллату қавме, ки ба густаришу рушди фарҳанг ва маънавиёти хеш рӯ меорад ва мехоҳад, ки по ба пои равандҳои ҷомеаи пешқадами ҷаҳонӣ қадам бардорад, ногузир бояд ганҷина ва захираи луғавии худро ҳамеша ғанӣ гардонад, забони адабиро сайқал диҳад ва рушди умумии забонро бар асоси меъёрҳо ва қонунмандиҳои инкишофи таърихии он таъмин созад.

* * *

Халқи тоҷик аз азал соҳибмактаб буд ва, аз ин рӯ дар тӯли таърихи пурғановати хеш пойдевори устувори илму хирад, кохи бегазанди забону фарҳанги миллиро барафрохта, ба арсаи таърих даҳҳо нобиғаҳои ҷаҳониро, ба монанди Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ибни Синову Берунӣ, Носири Хусраву Хайём, Ҷалолиддини Румиву Имом Ғаззолӣ, Саъдиву Ҳофиз, Аҳмади Донишу Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафурову Мирзо Турсунзодаро ато кардааст, ки имрӯз мо бо номи онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ифтихор менамоем.

* * *

Бо забони содаву оммафаҳм ва салису равон расонидани иттилоот ва матолиби таҳлилӣ яке аз

вазифаҳои асосии матбуот ва, умуман, аҳли қалам мебошад. Аҳли қалам ва рӯзноманигорон худашон бояд дар масъалаи риояи қонун дар бораи забон, тозагии он ва рушди забони ширин ва шоиронаву шевои тоҷикӣ намунаи ибрати дигарон бошанд. Ба андешаи ман, ин яке аз рисолатҳои касбӣ ва қарзи шаҳрвандии рӯзноманигорон маҳсуб мешавад. Модари тоҷик Рӯдакӣ – султони мулки сухани Аҷамро ба дунё овард ва шеъри оламгири ӯро ҳамроҳ бо ҳамосаи мардонагии Фирдавсӣ, осори безаволу наҷотбахши Ибни Сино, ашъори пуршӯр, пур аз ишқу муҳаббат ва панду андарзи Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигар фарзандони худ, бо забони ширину гуворои тоҷикӣ ва нармиву покии тоҷикона, барои наслҳо хонд, аз боду борон ва газанди рӯзгор ҳифз карда, барои наслҳои оянда, аз ҷумла мову шумо, ҳамчун мероси падар ба ворисонаш расонд.

* * *

Мо пайвастан ба ҷомеаи мутамаддин ва пешрафтаро мақсаду мароми худ қарор додаем. Барои расидан ба ин ҳадаф мо бояд сатҳи маърифати миллатро баланд бардорем, насли нави дорои тафаккури пешрафтаву созанда ва аз дастовардҳои тамаддуни муосир баҳраварро тарбия намоем. Дараҷаи саводу маърифат ва густариши ҷаҳонбинии нав бошад, танҳо бо роҳи таъмини саводу маърифати зан–модар ба даст

меояд. Вобаста ба ин, масъалаи омӯзиши забонро, ки ҳамчунин аз оила оғоз мегирад, бори дигар таъкид менамоям. Занону модарон бояд ифтихор дошта бошанд, ки башарият, аз ҷумла мо – тоҷикон, – забони худро бо номи забони модарӣ мешиносем.

* * *

Занону модарон масъулияти покизагии забон, сатҳи забондонии фарзандон ва, дар баробари ин, омӯзиши забонҳои дигар, аз ҷумла русӣ ва англисиро, ки имрӯз аллакай талаботи ногузири ҷомеаи пешрафта мебошад, ба зимма доранд.

* * *

Бузургони илми сиёсат беҳуда нагуфтаанд: «Барои он, ки миллатро нест кунӣ, бояд ӯро аз решаҳои таърихиаш, аз ҷумла забону фарҳангаш, ҷудо созӣ». Ман доимо таъкид мекунам, ки вақте забону фарҳанги халқ аз байн рафт, давлат низ худ ба худ аз байн меравад. Таърих чунин мисолҳоро бисёр медонад.

* * *

Ҳар як эҷодкор сабку услуби худро дорад, вале он бояд ба доираи васеи хонандагон фаҳмо бошад. Аҳли қалам ва рӯзноманигорон худашон бояд дар масъалаи риояи қонун дар бораи забон, тозагии он ва рушди забони ширин ва шоиронаву шевои тоҷикӣ намунаи ибрати дигарон бошанд. Ба

андешаи ман, ин яке аз рисолатҳои касбӣ ва қарзи шаҳрвандии рӯзноманигорон маҳсуб мешавад.

* * *

Аз шумо – хонандагони азиз – мо танҳо хониши аъло, одоби ҳамида, ифтихори баланди миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром ба устодону омӯзгорон ва рамзу муқаддасоти Ватан, аз ҷумла Конститутсия, Нишону Парчам ва Суруди миллиро тақозо дорем, зеро бо пос доштани нишонаҳои олии худшиносиву худогоҳии миллӣ ақлу заковату хирадмандӣ таҳким меёбанд. Ҳамчунин таъкид менамоям, ки вазифаи шумо боз ҳам хубтар аз худ кардани забони давлатӣ, яъне забони ширину шоиронаи тоҷикӣ, мебошад. Чунки забони давлатӣ ифодакунандаи ҳастии миллат ва асоси маънавии ваҳдати миллии мо – тоҷикон мебошад.

* * *

Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо амиқан дарк намудем, ки забони тоҷикӣ ҳамчун рамзи ҳувияти миллӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ аз ҷумлаи омилҳои асосии муттаҳидкунанда ва пайвандгари миллат мебошад. Ва имрӯз, бо шукронаи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, бори дигар иброз медорем, ки аз баракати он барои рушду такомули арзишҳои асили маънавӣ ва анъанаву суннатҳои неки мардуми тоҷик заминаи мусоиди сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ фароҳам оварда шуд.

Дар раванди ташаккул ва рушди забони муосири тоҷикӣ, боз ҳам ба шарофати соҳибихтиёрии давлатамон, осори гузаштаи хаттӣ ва дигар захираҳои маънавии халқамон, ки ҳамеша аз ҷумлаи сарчашмаҳои шодоби он мебошанд, ба таври бесобиқа мавриди истифодаи соҳибзабонон ва бахусус мутахассисон, қарор гирифтанд.

* * *

Собиқаи таърихии забони тоҷикӣ – аз замони давлатдории Сомониён то имрӯз – гувоҳи он аст, ки ин лаҳни шево ва забони ширину шоирона дар ҷаҳон ҳамчун забони илму адаб ва фарҳанги воло шуҳрат дорад. Барои ба ин шуҳрату мартаба расидани он фарзандони фарзонаи миллати тоҷик, ба мисли устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Аттору Саноӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷалолиддини Балхӣ, Бедилу Аҳмади Дониш ва ҳазорон нафари дигар, хизмати таърихӣ карда, бо осори ҷовидона ва пуразиши адабиву илмии худ тавоноии ин забони шаҳдборро ба ҷаҳониён исбот намудаанд.

* * *

Забони давлатӣ, бешубҳа, яке аз арзишҳои бузурги миллӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ, гузашта аз ин, нишонаи возеҳи истиқлолияти сиёсӣ

ва таҷассумгари таърихи пуршебу фарози халқи тоҷик маҳсуб меёбад.

* * *

Забони мо дар тӯли таърих ҳамчун забони робита ва муколамаи тамаддунҳову фарҳангҳои гуногун нақши арзишманд доштааст. Инчунин забони тоҷикӣ ҳамчун забони тарҷумаву тафсири китоби муқаддаси мо, мусулмонон, – Қуръони карим – пазируфта шудааст, ки ин худ далели шинохт, эътироф ва мартабаи бузурги он дар ҷаҳони ислом аст.

* * *

Мо бояд кӯшиш намоем, ки дар давраи пешрафту таҳаввулоти босуръати техникӣ ва технологӣ забони мо дигаргуниҳои ҷаҳони муосирро фаро гирифта, онҳоро, бо дарназардошти табиат ва имкониятҳои худ, дарҷ ва ҳазм карда тавонад. Барои таъмин кардани раванди дурусти инкишофи забони адабӣ ва истифодаи васеи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зарур аст, ки барномаи давлатии рушди забони миллӣ таҳия карда шавад. Ин барнома бояд тамоми масъалаҳои назария ва амалияи инкишофи забони давлатиро, бо дарназардошти таҳаввулоти минбаъдаи он, дарбар гирифта, таҳкими мавқеъ ва густариши истифодаи забонро дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ таъмин намояд. Забони тоҷикӣ фақат дар сурате ҳамчун забони

илму фарҳанг мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад. Ва чунон ки дар суханрониҳои худ ҳангоми мулоқот бо мардум, аз ҷумла бо зиёиёни кишвар, борҳо таъкид кардаам, зарурати таҳияи истилоҳоти илмӣ барои бахшҳои мухталифи забони тоҷикӣ на танҳо вазифаи илми забоншиносӣ, балки масъалаи рӯзмарраи сиёсати давлат оид ба забон, бахусус забони давлатӣ, мебошад.

* * *

Забони миллӣ симо ва пайкари миллати мо мебошад. Аз ин рӯ ин симо бояд зебо ва ин пайкар тавоно бошад. Гузашта аз ин, умри миллат ба умри забон вобаста аст, яъне бақои забон бақои миллат аст. Забон нишонаи муҳимтарини миллат ва пайвандгари наслҳост. Бузургии миллатро, пеш аз ҳама, аз он эҳсос кардан мумкин аст, ки афроди он забони миллии худро то чӣ андоза ҳифзу эҳтиром менамояд. Ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарвар ва ҳар шахсе, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони модари худ дӯст медорад, бояд ин нуктаро бо тамоми ҳастиаш дарк карда, аз рӯйи он амал намояд.

* * *

Ҳукумати Тоҷикистон минбаъд низ ба масъалаҳои рушди устувори забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ

таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мақоми онро ҳимоя мекунад. Чунки маҳз забони давлатӣ дастовардҳо ва ҳастии моддиву маънавии мардуми кишвари моро дар дохил ва хориҷи он муаррифӣ менамояд.

* * *

Забони модарӣ сарвати бебаҳои миллат ва давлат буда, дар ҳифзи асолати забони нобу шоиронаи тоҷикӣ, ки бо ашъори қофиласолори шеъри Аҷам Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз мегардад ва маҳз тавассути он меҳру муҳаббати модар дар қалбҳои мо ҷой мегирад, бояд тамоми аъзои ҷомеа ғамхор ва саҳмгузор бошанд. Вазифаи наслҳои имрӯза аз он иборат аст, ки ба фарзандони худ ва, умуман, ба ҷавонон ва насли наврас як масъаларо ҳамеша таъкид ва талқин намоем: забони модарӣ, мисли неъматҳои худododи Модар, Ватан ва Истиқлолият, арзиши ҷовидонӣ мебошад ва чун гавҳари бебаҳо эҳтиёт кардани он қарзи ҳар кадоми мост.

* * *

Зиёиёни асили мо равшангарони воқеии ҳаётанд, ки дар пешрафти рӯзгори иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии ҷомеа, тарғиби анъанаҳои миллӣ, таълиму тарбияи насли наврас, ба камол расонидани инсони комил ва рушди неруи инсонӣ нақши арзанда мебозанд. Ин қишри бонуфузи ҷомеа бояд минбаъд низ дар тавсеаи худогоҳиву

худшиносӣ, тарғиби мафкураи миллӣ ва ғояҳои ватандӯстӣ, ҳифзи анъанаҳои фарҳангӣ ва пойдории забони давлатӣ ҳамчун бақои миллат нақши асосиро иҷро намояд ва ҳомии воқеии арзишҳои неки ин марзу бум бошад.

* * *

Миллати тоҷик нек медонад, ки кулли ганҷинаи адабу фарҳанги мо тавассути забон ҷовидон мондааст ва ба воситаи забон дар арсаи ҷаҳон эътироф ва шинохта шудааст.

* * *

Мо ҳеҷ гоҳ иқтидору имконоти забонамонро дар мақоми забони илм набояд нодида гирем ва онро камарзиш шуморем. Забони миллии мо тавоноии забони илмро, чунонки аз аҳди Сомониён ва минбаъд дошта буд, ҳоло низ аз чунин имконот бархӯрдор мебошад. Ҷавҳари худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ, пеш аз ҳама, аз дӯст доштани модар, забон, ватан, таърих ва арзишҳои фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсияти дорои ҷаҳонбинии солим боис мегардад.

* * *

Зан–модар посдори забони миллӣ низ мебошад. Беҳуда халқ забони давлатиро забони модарӣ намегӯяд. Ин ҳақиқатест, ки кӯдакон онро аз синни

хурдӣ шунида, бо ҳамин забон фозилу донишманд ва сухангӯву машҳур мегарданд.

* * *

Падарону модарон ва калонсолони хонавода бояд ба фасоҳати забонамон диққати махсус диҳанд, ба фарзандон дар баробари одоб ёд додан тарзи сухан гуфтан, тарзи муомила намуданро омӯзонанд ва дар қалби онҳо меҳру муҳаббатро ба забони модарӣ афзун намуда, забонро поку беолоиш ва софу бегазанд нигоҳдорӣ кунанд. Дар баробари ин, завқи фарзандонро ба азхудкунии касбу ҳунарҳои замонавӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ бедор карда, барои онҳо шароит муҳайё созанд, то фарзандон забондону соҳибихтисос ва шоистаи даврон гарданд.

* * *

Ба кулли шаҳрвандон ва махсусан ба ҷавонон, мехоҳам таъкид намоям, ки забон ҷавҳари ҳастӣ ва бақои умри миллат аст.

* * *

Миллати тоҷик бо фарҳанг ва тамаддуни чандҳазорсолаи хеш ифтихор менамояд ва ба хубӣ дарк мекунад, ки миллат бе забон амсоли парандаест, ки аз болу пар маҳрум гардида, парвози баландро ба куллӣ фаромӯш кардааст.

* * *

Омӯзгорон вазифадоранд, ки наслҳои ояндаро дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву меҳанпарастӣ, заҳматдӯстиву ҳиммaтбаландӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкиму пойдории забони давлатӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ тарбия намоянд.

* * *

Ба ҳамагон маълум аст, ки забон баёнгари сарнавишти таърихии халқи тоҷик буда, бо истиқлоли ватани мо пайванди ҷовидонӣ пайдо кардааст. Дар тӯли тамоми таърих забон барои миллати мо яке аз арсаҳои муборизаи истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастӣ ба шумор мерафт. Хусусан имрӯз, дар раванди ҷаҳонишавӣ, мо бояд забону фарҳанги худро ҳамчун неъмати бузург эҳтиёт карда, онро аз таъсиру таҳдидҳои замона эмин дорем.

* * *

Бо талошу заҳмати шахсиятҳои бузурги илму адаб забони тоҷикӣ дар сайри таърихии хеш давра ба давра ташаккул ва таҳаввул пайдо карда, куҳантарин ва асилтарин унсурҳои таърихӣ ва миллии худро аз қаъри асрҳо то кунун ҳифз намуда, имрӯз чун ганҷинаи гаронбаҳо ба мо ба ёдгор мондааст.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ барои ташаккул ва рушди минбаъдаи забони давлатӣ ва меъёрҳои адабии он ҳамаи шароити мусоидро фароҳам оварда ва ҳама гуна маҳдудияту монеаҳоро дар роҳи ташаккули забон бартараф намуда, онро ба шоҳроҳи нави тараққиёт раҳнамун сохт.

* * *

Мо бояд забони давлатиамонро, мисли оинаи поку пурҷило, нигоҳ дорем ва онро аз ҳар гуна олоишу омехтагиҳои нозаруру ғайриматлуб ҳифз намоем.

* * *

Дар баробари забони давлатӣ, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама забонҳои русӣ ва англисӣ, тақозои давру замон мебошад, зеро ин забонҳо воситаи муошират байналмилалӣ ба шумор рафта, ба мо дар густариши муносибат–ҳоямон бо давлатҳои дигар ва ба таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ расонидани марому ҳадафҳои миллиамон ва, гузашта аз ин, ба рушду пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишварамон мусоидат мекунанд.

* * *

Ба шарофати истиқлолият миллати фарҳангпарвари тоҷик беҳтарин арзишҳои тамаддуни башарии Шарқу Ғарбро мавриди истифода қарор дода, дар айни ҳол таърих, фарҳанг, забон ва маънавиёти бисёрҳазорсолаи худро ҳимоя намуд ва имрӯз ба он рушди бештар бахшида, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои волои тамаддуни хешро пойдору муқаддас нигоҳ медорад.

* * *

Ифтихор аз ватану ватандорӣ, таъриху фарҳанг, ифтихор аз миллат ва ҳувияти миллӣ, аввалтар аз ҳама, вобаста ба мақому эътибори забони давлатӣ ва дар поку бегазанд нигоҳ доштани он мебошад. Театр ва, дар маҷмӯъ, фарҳанг дар ҳама давру замон таҷассумгари ҳувияти миллианд. Маҳз фарҳанг, забон ва анъанаву суннатҳои нек асолати миллиро пойдору устувор нигоҳ медоранд.

* * *

Пеш аз он ки номи миллат ва забони он таҳаввулоти таърихиро аз сар гузаронида, ташаккул ёбанд, тоҷикон тӯли асрҳо барои истиқлолият ва ҳувияти худ бо аҷнабиён муборизаҳои дуру дарози мазҳабию фарҳангӣ бурдаанд.

Мехоҳем, ки таърихи гузаштаи миллат, давлатдориамонро хубтар омӯзем, ҳамчун давлати

соҳибистиқлоли миллӣ аз чанголи карахтиву бегонапарастӣ раҳида, ба қадри тамаддун ва арзишҳои фарҳангӣ, забони миллӣ ва шеъру сухани оламгири ниёгон бирасем, дар зери парчами Тоҷикистон гирд омада, истиқлолият ва якпорчагии Ватани азиз, иттиҳоду ваҳдати ҳамагониро пеш гирем ва давлати воқеан мутамаддин созем.

* * *

Мо бояд ифтихор аз он дошта бошем, ки соҳиби чунин забони ширину гӯшнавози қадимӣ ва пурғановат, забони илм ва шеъру адаби оламгир ҳастем. Бояд ба қадри он расем, меҳрашро бо шири модар ба қалби фарзандонамон ҷо кунем ва ин анъанаро аз насл ба насл идома диҳем, то забони ноби тоҷикӣ умри ҷовидона ёбад.

* * *

Тамаддуни чандинҳазорсолаи нажоди ориё маҳз ба воситаи забони шево ва пурғунҷоиши тоҷикию форсӣ ва қаринаҳои бостониву аҳди миёнаи он то замонаи мо расида, дастраси оламиён гардидааст, ки ин ҳам боиси ифтихор ва ҳам масъулияти бузурги ворисони ин тамаддуни қадима аст.

* * *

Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Забони ҳар миллат ёдгории азизест, ки решаи он аз сарчашмаи чандин наслҳои нажоди ӯ

об хӯрда, мояи ифтихору худшиносии наслҳои баъдина мегардад.

* * *

Дар баробари ғамхорӣ ва пуштибонӣ аз забони давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ, вусъат бахшидан ба фазои амали он дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар низоми давлатдорӣ, асоси сиёсати давлатии мо буд ва мемонад. Ин як амри таърих, шарти истиқлолияти давлатӣ ва тақозои ҳувияти миллии мо мебошад.

* * *

Забони тоҷикӣ ҷавҳари миллати моро ташкил медиҳад ва тамоми мардуми форсизабони дунёро ба ҳам мепайвандад. Аз ин рӯ мо забони адабиамонро бояд дӯст дорем, ҳифз кунем ва густариш диҳем.

* * *

Баъди ба даст овардани истиқлолият мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки ба поймол шудани истиқлолияти фарҳангии миллатамон роҳ диҳем. Зеро истиқлолияти фарҳангӣ барои мо баробари истиқлолияти сиёсӣ азиз аст. Дар баробари ин, дӯст доштан ва омӯхтани забони модарӣ ҳаргиз маънои дар доираи забони худ маҳдуд мондан ва аз

омӯзиши забонҳои дигар, аз ҷумла русӣ ва англисӣ, сарфи назар карданро надорад.

* * *

Бузургтарин вазифаи ҳар фарде, ки даъвои фарҳангу забон мекунад, нигаҳбонию пос доштани ин мероси муқаддас ва ба наслҳои оянда расонидани забони ширину шево ва забони шеъру адаби оламшумули тоҷикӣ мебошад. Зеро забон моли халқ, мероси миллат ва сармояи маънавии давлати соҳибистиқлол аст. Ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки аз номи миллат ҳукм барорад, фарҳангу забонашро зери шубҳа гузорад ё бо ҳидояти хоҷаҳои хориҷии хеш ҳақиқати таърихро инкор намояд.

* * *

Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд.

* * *

Дӯст доштани забон – ин дӯст доштани Модар, Ватани маҳбуб ва таъриху фарҳанги худ аст.

* * *

Забони тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ ва дунё волотарин меросест, ки аз ҳазорсолаҳои дур чун дурдонаҳои пок то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Чумхурии Точикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)

ТАЪРИХУ ТАЪРИХШИНОСӢ

Омӯзиши таърих ва таҷрибаи дар тӯли асрҳо андӯхтаи миллатамон ба мо барои бунёд кардани давлати пешрафта, тараққихоҳ ва сулҳдӯст, инчунин таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пеш аз ҳама ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи сиёсӣ ва дар қалби мардум баланд бардоштани эҳсоси гарми ватандориву ватандӯстӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ, мисли обу ҳаво, зарур аст.

* * *

Таърихи қадима, фарҳанги бою рангоранг, забон ва адабиёти пурғановати миллӣ, хештан–шиносиву худогоҳӣ, ваҳдату якдигарфаҳмӣ ва дигар муқаддасот асоси ҳастӣ ва бақои миллат буда, ҳар як миллати воҳид маҳз тавассути ҳамин арзишҳо ба тамаддун ва таърихи башарӣ ворид мешавад. Ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллат як рукни бисёр муҳими истиқлолияти давлатӣ мебошад.

* * *

Дар давраи муосир, ки густариш додани равандҳои ташаккул ва таҳкими худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеаи мо мебошанд, ниёзмандии мардуми кишварамон ба эҳё ва барқарор кардани хотираи

таърихӣ, осори фарҳангӣ ва илмии гузаштаи халқамон беш аз пеш эҳсос мегардад.

* * *

Миллати тоҷик, ки дар тӯли асрҳо аз омӯзиши таъриху фарҳанги бостонии хеш дар канор монда буд, баъди истиқлолият ба омӯзиши давраҳои давлатдории қадим ва наваш ниёзи бештар пайдо кард. Зеро баррасиву таҳқиқи сарнавишти ибратомӯзи ниёгон ва донистани таърихи меҳан, бигзор талху пурфоҷиа ҳам бошад, инчунин сабақ гирифтан аз иштибоҳоти гузашта миллати моро бедору огоҳ, зираку ватандӯст ва пухтаву дурандеш месозанд.

* * *

Бузургдошти таърихи гузашта барои мо ҳаргиз маънии таъкид кардани ҳаққи истисноии миллат–амон дар тамаддуни башарӣ, ё кӯшиши ҷудоӣ пазируфтан аз равандҳои созандаи ҷаҳонӣ ва фарҳанги халқҳои пешрафтаи оламро надорад.

* * *

Мо бо таҳқиқу омӯзиши таърихи миллат ва тарғибу талқини суннатҳои фарҳанги қадимаи халқамон мехоҳем ҷараёни азхуд кардани арзишҳои умумибашариро суръат бахшем, раванди ҳамгироиро бо кишварҳои тараққикардаи олам густариш

диҳем ва дар айни замон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо чеҳраву симои хосси миллии худ пайвандем.

* * *

Ҳифзи озодиву истиқлолият ва манфиатҳои милливу давлатӣ вазифаи муҳимтарини ҳар як фарди бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад.

* * *

Яке аз масъалаҳои муҳим барои таърихи миллат ин гирдоварӣ ва омӯзишу таҳқиқи дақиқи номҳои ҷуғрофӣ мебошад. Бар асоси таҳқиқоте, ки аз ҷониби донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ анҷом гирифтааст, ҳар як номи ҷуғрофӣ дар асоси манбаъҳои хаттӣ бояд мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шавад. Номҳои ҷуғрофии минтақа ба таъриху сарнавишти миллат иртибот дошта, таърихи рушду такомули забони моро инъикос менамоянд.

* * *

Огоҳии хуб аз таърихи фарҳанги куҳан на танҳо ифтихори миллиро ба замона созгор месозад, балки ба таҳкими робитаи тамаддунҳо ва халқҳои гуногун дар шароити мураккаби дунёи муосир мусоидат карда, ба густариши сулҳу ҳамдигар–фаҳмӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

* * *

Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст ва мо бояд аз гузашта сабақ гирифта, дурнамои ояндаамонро муайян созем. Ба андешаи мо, бидуни пайванду ҳамгироии тамаддуни имрӯзаи тоҷикон бо таърихи куҳанбунёди хеш ба қадри истиқлолият, ифтихори Ватану ватандорӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносию худогоҳии комил расидан мушкил аст. Ҳамчунин бе дарки огоҳонаи решаҳои таърихӣ таҳкими истиқлолият, пойдории давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддин мушкилтар хоҳад буд.

* * *

Мо – тоҷикон – таърихи куҳану фарҳанги пурғановат дорем ва аз ин сарвати бебаҳои миллии худ ифтихор мекунем.

* * *

Мо бояд наслҳои имрӯзу фардои миллатро аз мероси бузурги аҷдодӣ огоҳ созем, дар замири онҳо эҳсоси ифтихор аз давлатдорӣ, қадру қимати давлати мустақили миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, шинохтани қадри гузаштагони хирадманди худро тарбия намоем.

* * *

Ба таърихи миллати худ чун ба оинаи поку муқаддас назар бояд кард. Оинае, ки акси халқро танҳо бо ҳама шукӯҳу ҷалол ё айбу нуқсон нишон медиҳад. Яъне таърих дӯсти ҳақиқатгӯст ва саҳифаҳои пурифтихор ва пуринҳирофи онро бо таҳаммул бояд омӯхт.

Мо на танҳо таърихи гузаштаи худро пос медорем ва онро меомӯзем, балки кӯшиш менамоем, ки аз арзишҳои волои тамаддуни миллатҳои пешрафта бархӯрдор ва ҳамқадами замони таҳаввулоту тараққиёт бошем. Муҳаббат ба Ватан ва таърихи пурифтихори он набояд чашми моро аз пешрафту дастовардҳои ҷаҳони муосир, вусъати ақли башарият ва тараққиёти рӯзафзуни давлатҳои мутамаддини олам бубандад.

* * *

Танҳо оинаи таърих, басо нозуку комил омӯхтани даврони гуногуни давлатдории аҷдод чашми худшиносии моро мекушояд ва пайванди моро ба гузаштагонамон қавӣ месозанд

* * *

Дар ин марҳалаи хеле ҳассоси сарнавиштсози таърихӣ, ки тақдир давлату истиқлолро насиби миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон гардонидааст, лозим аст, ки мо ба оинаи таърихамон аз ҳар ҷиҳат

амиқ назар афканем. Ин барои худшиносии ҷомеа хеле муҳим аст.

* * *

Хизматчиёни ҳарбии Қуввахои Мусаллаҳ бояд аз таърихи ибратомӯзи миллати сарбаланду сулҳпарвар ва соҳибмаърифату тамаддунсози тоҷик сабақи ҷоннисориву мардонагӣ гиранд. Роҳбарони сохтору мақомоти ҳарбиро зарур аст, ки бо мақсади баланд бардоштани рӯҳияи ҳайати шахсӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва донистани таърихи ниёгон мунтазам чорабиниҳои фарҳангиву тарбиявӣ баргузор намоянд.

* * *

Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ мо имкон пайдо кардем, ки бо таърихи миллати куҳанбунёди худ беҳтару бештар ошно шавем, решаҳои тамаддуни гузаштаи худро ҷустуҷӯ карда, онҳоро барои таҳкими ватандӯстию худшиносӣ, ифтихори миллии мардум ва тақвияти пояҳои давлати соҳибистиқлоламон истифода барем.

* * *

Мероси таърихии фарзандони барӯманди миллатамон имрӯз низ барои худшиносии миллӣ, муаррифӣ намудани тоҷикон дар сатҳи ҷаҳонӣ ва дар гуфтугӯйи тамаддунҳо аҳамияти муҳими байналмилалӣ дорад.

* * *

Мо дар раванди таҳкими сулҳу субот ва давлатсозиву давлатдории навини худ омӯхтан ва омӯзонидан, инчунин таблиғи арзишҳо ва анъанаҳои неки таърихиву фарҳангиро ба сатҳи давлатӣ бардоштем. Ва чунонки имрӯз мебинем, мафҳумҳои истиқлолият ва озодӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, тамомияти арзӣ, ободии Ватан ва созандагӣ на танҳо ҳамчун ғояҳои умумимиллӣ пазируфта шудаанд, балки ба ҳайси қутбнамо дар тафаккури мардумамон ҷой гирифтаанд.

* * *

Бигузор аз баракати истиқлолият меҳри Ватан ва меҳри сарзамини аҷдодӣ дар дили мо пайваста афзояд ва ҳар фарди огоҳу бедордил ва бонангу номус – чун вориси ҳақиқии давлати соҳибистиқлол ва узви хонадони миллати солору сарбаланди тоҷик – ифтихор намояд.

* * *

Рӯ овардан ба осори гузаштагони маъруфи халқи тоҷик ва тамаддуни оламшумули он дар тақвияти раванди ташаккули андеша ва худшиносии миллӣ, таҳкими асосҳои ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва заминаи маънавии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон воситаи тавонову созандае мебошад.

* * *

Ифтихор аз гузаштаи таърихии халқу миллати худ вақте бағову шоиста аст, ки онро донӣ, дарк кунӣ ва аз бурду бохташ огоҳ шавӣ.

* * *

Мо, тоҷикон, ҳеҷ гуна ниёзе ба таҳрифи огоҳонаи таърих, таърихсозӣ, бузургтарошӣ ва падидаҳои дигари ғайриилмӣ ва зиддиилмӣ надорем. Мо ончунон таърихи дурахшон дорем, ки ҳатто шинохти нисбии он муҷассамаи гӯё ва возеҳи миллати мо хоҳад буд. Дар баробари ифтихор аз Ватан, ифтихор аз миллат, ифтихор аз таъриху мероси фарҳангӣ лозим аст, ки ба арзишҳои умумибашарӣ, дастовардҳои фарҳангии халқу миллатҳои дигар ва пешрафти илму техникаи муосир эҳтиром гузорем.

* * *

Инсоне, ки гузаштаи таърихиашро фаромӯш мекунад, метавонад аз фориғболӣ ба хатогӣ роҳ дода, гирифтори мушкилиҳои зиёде гардад.

* * *

Ман борҳо таъкид кардаам ва боз мегӯям, ки дар баробари омӯзиш ва азхуд кардани илму техникаҳои муосир, ҷавонони мо ба омӯзиши таърихи пуршараф, забони модарӣ ва фарҳанги

ғании халқамон бояд бештар машғул шаванд. Мо дар баробари дигар миллатҳои соҳибфарҳанги олам ҳуқуқи таърихию маънавӣ дорем, ки тамаддуни гузаштаи хешро омӯзем, аз таҷрибаи таърихии ниёгони худ баҳравар шавем, беҳтарин падидаҳои ҳаётбахши онро, бо истифода аз дастовардҳои замони нав, дар пешрафту камолоти худ ва сарсабзии фарзандонамон истифода намоем.

* * *

Ифтихори тоҷикон аз решаҳои ориёии худ ҳаргиз маънои рӯҳияи истисногароӣ ё бартаричӯйӣ ё нажодпарастӣ доштани тоҷикон набуда, як ҳисси одии ба ҳар инсон хосси қаноатмандиву ризоият аз ҳувияти таърихии худ аст.

* * *

Таҷрибаи таърих гувоҳӣ медиҳад, ки истиқлолияти воқеиро танҳо бо заҳмати гарону азми қавии созандагӣ ва фарҳанги баланди ватандорӣ ҳифз кардан ва таҳким бахшидан мумкин аст.

* * *

Бешубҳа, дар кори омӯзиши таъриху фарҳанги ғании халқамон нақши олимон, шоирону нависандагон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бузург аст. Зеро онҳо беш аз ҳама дар кори омӯзиши мероси ниёгонамон саҳми арзанда мегузоранд.

* * *

Ҳар инсони соҳибфарҳанг таърихи халқу сарзаминашро бояд амиқу муфассал донад. Онҳое, ки таърихи халқи худро намедонанд, аз лаззати ҳисси ифтихори миллӣ маҳрум мешаванд ва зуд асири фарҳангҳои дигар мегарданд. Яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати фарҳангии кишвар дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир ҳифз ва истифодаи дурусти мероси таърихию фарҳангии халқамон ва ҷашну суннатҳои миллӣ мебошанд.

* * *

Огоҳӣ аз таъриху фарҳанги хеш на танҳо ифтихори миллиро ба замона созгор месозад, балки ба таҳкими робитаи тамаддунҳо ва халққои гуногун, густариши таҳаммулпазирию ҳамдигарфаҳмӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

* * *

Маҷрои пурталотуми таърих ҳамеша гузаштаро бо имрӯз ва имрӯзро бо оянда мепайвандад, ҳалқаи васли наслҳо, асрҳо, халққо ва давлатҳоро мустаҳкам менамояд ва роҳро ба сӯйи оянда равшан месозад. Ҷавҳару сиришти таъриху адабу фарҳанги халқи мо ва хотираи таърихии он шикастнопазир боқӣ монд ва мавҷудияти мардуми ориёинажодро ҳифз кард.

* * *

Хушбахтона, имрӯз таърихи бостонии мо дар нигоҳи аҳли хиради ҷаҳон чун хуршеди тобон тағаллӣ медиҳад. Ба феҳристи мероси фарҳангии ЮНЕСКО шомил гардидани ёдгории камназири Саразм бо таърихи шашҳазорсолааш далели равшани ин матлаб аст.

* * *

Мо ҳар қадар бештар таърихи давлати Сомониёнро бишносем, худро хубтару возеҳтар хоҳем шинохт. Аз ин рӯ вазифаи ҳар як зиёии ватандӯст ба воситаи асарҳои илмӣ, адабӣ ва публисистӣ дониши халқи худро ғанӣ гардонидан, ҳисси ифтихори миллии ӯро бедор сохтан ва дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ асолати миллии мардуми кишвари соҳибистиқлоламонро ҳифз кардан аст.

* * *

Таъриху тамаддуни мо ҷузъе аз таъриху тамаддуни умумибашарист ва худи мо ҷузъи башарият ҳастем. Ва табиист, ки дар ҷаҳони имрӯза ҳеҷ халқе ва ҳеҷ тамаддуне дар танҳоӣ вуҷуд дошта наметавонанд.

* * *

Танҳо шахси ватандӯсту ватанпараст, аз таъриху фарҳанги миллати хеш бохабар, худогоҳу худшинос ва дорои ифтихори баланди миллӣ метавонад, ки дар ҳифзи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва суннату ойинҳои неки миллӣ саҳми фаъол гузорад. Ҳар як халқи соҳибтамаддун ба решаҳои таърихӣ ва давраҳои сарнавиштсози гузаштаи худ бо камоли эҳтиром арҷ мегузорад.

* * *

Муроҷиат ба таърих ва адабиёти халқамон ба он мақсад аст, ки мо бояд ба ояндагон сабабҳои нотифоқиро дуруст шарҳ дода, зарурати таҳкими ваҳдати миллиро ба аҳли ҷомеа мунтазам талқин намоем.

* * *

Дар даврони давлатсозии миллӣ мо бояд гаштаву баргашта ба таҷрибаи таърихии халқамон, аз ҷумла осори таърихиву адабии гузаштагонамон, муроҷиат намоем ва аз ин мероси гаронбаҳо самаранок истифода кунем. Зеро эътиқодмандӣ ва эътимод ба таърих ва адабиёт такягоҳи устувори миллат ба шумор меравад. Фарде, ки аз сарчашмаи суннатҳои аҷдодӣ ғизо намегирад, аз фарҳанги қадимаву ғановатманди гузаштагон баҳравар намегардад, ба қадри забони шевои модарӣ, адабиёти

чандинҳазорсола, таърихи бою пурифтихор ва Ватани тамаддунпарвари аҷдодӣ намерасад, чун дарахтест, ки аз решаи ҳаётбахш канда шудааст.

(***Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ***.)

ОДОБУ АХЛОҚИ МИЛЛӢ

Равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосири башарӣ собит месозанд, ки имрӯз сатҳи пешрафту инкишофи ҳаёти маънавии инсониятро на шумораи зиёди аҳолӣ ва сарватҳои моддӣ, балки ахлоқи ҳамида, тарбияи нек, рушду нумӯи илму маориф ва техникаву технологияҳои муосир муайян мекунанд.

* * *

Дар урфият беҳуда нагуфтаанд, ки «фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар аст». Равандҳои пуртазоди вақтҳои охир низ тақозо менамоянд, ки масъулияти омӯзгор, падару модар, махсусан хизматчиёну мансабдорони давлатӣ ва соҳибкорон, барои рафторҳои ношоиста ва қонунвайронкунӣ аз тарафи фарзандонашон баланд бардошта шавад. Истиқлолият ва зарурати таҳкими дастовардҳои он моро водор месозанд, ки хотираи таърихии халқамонро эҳё намуда, арзишҳои ахлоқиву фарҳангии худро аз нав барқарор созем ва барои рушду нумӯи забону адабиёт, илму фарҳанг ва мактабу маориф беш аз ҳар вақти дигар кӯшишу ғайрат намоем.

* * *

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мо бо ҷалби аҳли ҷомеа, бахусус падару модар, бояд наслеро тарбия

карда, ба воя расонем, ки аз нигоҳи одобу ахлоқ, донишу заковат, худшиносиву ҷаҳонбинӣ ба ниёзмандиҳои ҷаҳони муосир мувофиқ бошад.

* * *

Мо бояд дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонунро тарбия намоем, то онҳо дар оянда ҳамчун фарзандони шоистаи мо кору пайкори насли имрӯзаро идома бахшида, Ватани азизамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонанд.

* * *

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар шароити равандҳои пурталотуми ҷаҳонишавӣ халқу миллатҳои соҳибистиқлол бояд симои маънавии миллӣ, аз ҷумла арзишҳои фарҳангиву ахлоқии худро ҳифз карда тавонанд.

* * *

Ниёгони тамаддунофари мо доимо таъкид доштаанд, ки инсон падидаи тарбиятӣ мебошад. Ташаккул ва такомули ҳақиқии инсон раванди пайгир ва огоҳонаи рушди маънавӣ ва ахлоқии ӯ

дар робита бо такмили мазмуни инсонгароии низоми иҷтимоист.

* * *

Барои фароҳам омадани муҳити солими ахлоқӣ тамоми аҳли ҷомеа, бахусус падарону модаронро зарур аст, ки насли наврасро барои фаро гирифтани таърих, адабиёт ва фалсафаи қадимии халқи худ талқин намоянд.

* * *

Ниёгони мо бо талқини афкори пуразиши «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» беҳтарин ва равшантарин орзуву омоли инсоният ва рукнҳои ахлоқи ҳамидаро басо орифона ифода намудаанд, ки ин каломи пурҳикмат дар тӯли асрҳо барои ташаккули арзишҳои солими башардӯстона хидмат кардааст.

* * *

Мо бояд ҳамеша бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби ҳамидаи муошират, риояи арзишҳои волои умумибашарӣ ва миллӣ, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи нек ба воя расонидани ҷавонон кӯшиш намоем.

* * *

Дар сафарҳои хориҷии худ борҳо аз забони ашхоси гуногун, ки аз таърихи миллати мо воқифанд, шунидаам: мардумони Ғарб дарси одобу ахлоқ, меҳру муҳаббат, самимияти баланду меҳмоннавозӣ, хайрхоҳӣ, ватандорию миллатдӯстиро бояд аз шумо, тоҷикон, омӯзанд. Натиҷаи аз ҳама нигаронкунанда ва ҳатто хатарноки раванди глобализатсия ва ҷараёнҳои ба он пайванд коҳиш ёфтани ахлоқ, маънавиёт, одоб, суннат, фарҳанг ва унсурҳои дигари иҷтимоист, ки бе онҳо ҳастии ҳақиқии инсон амалан ғайриимкон аст.

* * *

Тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихори миллӣ, илму донишандӯзӣ, забондонӣ ва одобу ахлоқи ҳамида кафолати пешрафти маънавии ҷомеа ва, дар маҷмуъ, ояндаи ободи кишварамон мебошад.

* * *

Имрӯз дар назди кормандони соҳаи маориф вазифаи ниҳоят масъулиятнок, яъне мувофиқи талаби замон ташаккул додани ҷаҳонбинӣ, одобу ахлоқи ҳамида, донишҳои муосири насли ҷавони мамлакат, истодааст ва барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳои созанда софдилона заҳмат бояд кашид.

* * *

Тамоми осори гузаштагони мо аз «Авасто» сар карда, то Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлавию Хайём, Носири Хисрав ва Хоҷа Камол, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Соиб, Сайидою Дониш ва садҳо дигарро маҷмӯаи одобу ахлоқ номидан мумкин аст. Ҳоҷати аз берун овардани меъёрҳои ахлоқӣ нест.

* * *

Мероси фарҳангии ниёгони мо, аз ҷумла садҳо одобномаю андарзномаҳо, рисолаҳои ахлоқию дастурҳои давлатдориро фаро мегирад. Ин рисолаҳо арзиши бузурги тарбиявию ахлоқӣ дошта, ба одоби суҳбат, пазироиву нишаст, одоби зиёфату меҳмондорӣ, таълиму тарбия, одоби илмомӯзиву интихоби пешаи муносиб, одоби посдории касбу кор, ҳурмату эҳтироми падару модар, умуман, калонсолон ва расидан ба қадри заҳмати ҳалол ва дигар паҳлуҳои мухталифи тарбияи фарзанд ва рисолати оиладорӣ бахшида шудаанд.

Ниёгони мо бузургтарин эҷодгарони фарҳанги ахлоқӣ, одоби оиладорӣ, хусни басират ва тарбияи пайгиронаи фарзандон дар оила буда, ба маънои пурраш ба мактаби тарбияи одамият замина гузоштаанд.

* * *

Дар баробари кӯшиш барои ободии Ватан, ба ҷо овардани эҳтироми падару модар, калонсолон, риояи одобу русуми неки миллӣ, тоза нигоҳ доштани забони модарӣ бояд вазифаи ҷонии ҷавонони мо бошад. Вазифаи падару модарон танҳо ба дунё овардани фарзандон нест, балки вазифаи муқаддаси онҳо бо ахлоқи ҳамида тарбия ва соҳибмаърифат кардани онон мебошад.

* * *

Маҳз тавассути тамаддуну ойинҳои деринаи давлатдорӣ аз озмоишҳои мушкили таърих гузаштаем ва ҳар гуна таблиғоту ташвиқоти ғаразнок моро аз роҳи интихобкардаамон – сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёду дунявӣ ва демократӣ – баргардонида наметавонад.

* * *

Мо бояд кӯшиш намоем, ки сатҳи маърифати ҷомеа, махсусан ҷавононро баланд бардорем, онҳоро бо фарҳанги халқҳо ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон ошно созем, дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида ва эҳтиром нисбат ба инсон тарбия намоем ва нагузорем, ки дар ҷомеаи мо падидаҳои шовинизми милливу динӣ ва амалҳои зишти ғайриинсонӣ зуҳур кунанд.

* * *

Дар чунин шароит ва дар замоне, ки таблиғи аъмоли зишт ва ба фарҳанги миллии мо бегона аз тариқи воситаҳои иттилооти ҷаҳонӣ ва барномаҳои телевизионии хориҷӣ афзоиш ёфтааст, мо бояд тарбияи ахлоқиро дар навбати аввал гузорем.

* * *

Дар ҷаҳон миллати моро ҳамчун мардуми китобдору китобдӯст, фарҳангпарвару фарҳангсолор ва соҳибмаърифату мутамаддин эътироф кардаанд. Ва рисолати таърихии равшанфикрони мо дар гузашта, имрӯз ва оянда низ бо таълифу таснифи осори илмиву адабӣ, тарғиби ахлоқи ҳамида, ба роҳи рост раҳнамоӣ кардани ҷомеа ва эҳтироми фарҳангу ойини халқу миллатҳои дигари ҷаҳон марбут мебошад.

* * *

Дар низоми омӯзишии кишвари мо бояд, дар баробари инкишофи илмҳои дақиқ ва фарҳанги техникӣ, ба арзишу аҳамияти илмҳои ҷомеашиносӣ низ бояд эътибори зарурӣ дода шавад, зеро ин илмҳо неруи мафкурасоз буда, ба тарбияву парвариши ахлоқ ва маънавиёти инсон ва ҷомеа мусоидат менамоянд.

* * *

Имрӯз ба хотири пешгирӣ кардани косташавии маънавиёт ва тарғиби ахлоқи ҳамида дар байни мардум, бахусус наврасону ҷавонон, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо ва Иттифоқи нависандагонро зарур аст, ки «Баҳористон»–и Ҷомӣ ва дигар асарҳои панду ахлоқии гузаштагони бузургамонро ҳарчи бештар таҳияву интишор кунанд ва ба хонандагон пешниҳод намоянд.

* * *

Зиёиёни кишварро зарур аст, ки тамоми неруву имконияти худро барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, одобу ахлоқ, тақвияти фарҳанги сиёсии ҷомеа, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати милливу сарҷамъии миллат ва рушди минбаъдаи Тоҷикистони азиз истифода намоянд.

* * *

Ман борҳо таъкид намудаам ва бори дигар хотирнишон месозам, ки дини мубини ислом ва хусусан, мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ, ки мо пайравони он ҳастем, дини тарбияву адаб, ахлоқи ҳамида, сулҳу салоҳ ва башардӯстиву инсонпарварӣ мебошад.

* * *

Дар осори пурқимати гузаштагонамон метавонем ҳазорон панду андарзро пайдо намоем, ки дар онҳо ахлоқи ҳамидаи инсон, эҳтиром гузоштан ба падару модар ва расидан ба қадри заҳмати онҳо таъкид шудааст.

* * *

Танҳо татбиқи пурра ва ҳамаҷонибаи вазифаҳои имрӯз иброзшуда имкон медиҳад, ки мо ба ҳадафҳои асосии хеш дар соҳаи маориф – баланд бардоштани сифати таълим, тарбияи ахлоқӣ, азхудкунии технологияҳои муосири иттилоотӣ, сатҳи забондонӣ – яъне тарбия кардан ва ба воя расонидани наслҳои замони нав, ноил шавем. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи адабиёт тарбияи маънавии инсон, тарғиби ахлоқи ҳамида, ситоиши ҳамдиливу ҳамкорӣ, суботу осоиш, ба роҳи рост ва ба муҳити солими маънавӣ ҳидоят намудани инсон мебошад.

* * *

Ба андешаи ман, одобу рафтор ва сатҳи маънавиёти наврасону ҷавонони мо дар даврони истиқлол хеле баланд рафта, эҳсоси худшиносӣ ва нангу номуси миллӣ дар байни онҳо торафт густариш ёфта истодааст, ки ин боиси қаноатмандист.

* * *

Ба ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷавонон воситаҳои ахбори умум таъсири бузург мерасонанд. Дар ин самт васоити ахбори умум бояд бештар арзишҳои фарҳанги миллӣ ва умуми–башариро талқин намоянд, вагарна таблиғи бераҳмию зӯроварӣ ва фисқу фуҷур ба ҳолати рӯҳии ҷавонон таъсири манфӣ расонида, ба коҳиши меъёрҳои ахлоқии ҷомеа боис мегардад.

* * *

Инкишофи маънавӣ ва тарбияи ахлоқии фарзанд, қабл аз ҳама, ба нақши модар вобастагӣ дорад, зеро дар хона маҳз модар эҳсоси меҳрубониву ҳамдардӣ, ҳамдиливу ғамхорӣ, муҳаббат ба наздикон, сабру таҳаммул ва тартибу низоми хонаводаро фароҳам оварда, ба фарзандони худ расму таомули оилавиро меомӯзонад.

* * *

Имрӯз беш аз пеш аён мегардад, ки пешрафти давлат ва тавоноии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба ҳифзи арзишҳои олии ахлоқиву маънавӣ вобаста мебошад, ки бе таълиму тарбияи дуруст зуҳур кардан ва натиҷа бахшидани онҳо амри маҳол аст.

* * *

Инсоният дар ин марҳалаи хеле ҳассос ва мураккаби таърихӣ – нисбат ба тамоми давраҳои дигар – ба илму маърифат, ҳифзи арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқӣ, ҳамдиливу ҳамкорӣ ва меҳру рафоқат ниёзи бештар дорад.

* * *

Албатта, дӯст доштани Ватан, миллат, мероси фарҳангӣ ва гузаштаи таърихӣ ба ҳар фарди равшанфикру бедордил ва хосса зиёиён, воҷиб аст. Аммо ин дӯстдорӣ ба ҳеҷ кас ҳуқуқ намедиҳад, ки, чи дар баҳсҳои илмӣ ва чи дар ҷараёни пуштибонии асолату фарҳанги миллат, одоби муомилаву муошират, маданияти хосси миллии тоҷикон ва ҳусни музокираву тафоҳумро поймол намояд. Ин асолатро набояд фаромӯш кард.

* * *

Бузургони гузаштаи халқамон, ки аз худ барои наслҳои оянда одобномаву насиҳатномаҳои зиёд ба мерос гузоштаанд, фармудаанд, ки падару модар, муаллим ва ҷомеа барои тарбияи насли наврас ва фарзандон дар назди Худованд ҷавобгаранд.

* * *

Бо дарназардошти хусусиятҳои хосси фарҳанги оиладории шарқӣ, аз ҷумла суннату ойинҳои неки

тоҷикон, ҳар як модари тоҷик вазифадор аст, ки дар хусуси ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, хусусан духтарон, дар шуури онҳо тарбия кардани фарҳанги оиладорӣ, одобу ахлоқи ҳамида ва сабру таҳаммул кӯшиши доимӣ дошта бошад.

* * *

Ҳадафи асосӣ аз ислоҳоти соҳаи маориф таълиму тарбияи насли дорои донишу маърифати баланд, одоби ҳамида, ҷаҳонбинии васеъ ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим мебошад.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)

ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

На танҳо падару модар, балки роҳбарони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, омӯзгорон, ҷомеа ва давлат вазифадор мебошанд, ки ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус диҳанд. Зеро тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани хонандагону донишҷӯён нақши муҳим мебозанд.

* * *

Дар дунёи имрӯз муҳимтарин вазифаи насли калонсол, бавижа падарону модарон ва муаллимону омӯзгорон, аз он иборат аст, ки барои боодобу боахлоқ тарбия шудани наврасон ва ҷавонон талош намоянд. Илму маориф дар ҳама давру замонҳо нишони тамаддун ва таъриху фарҳанги ҳар як давлату миллат мебошанд. Мардуми тоҷик аз қадимулайём бо дафтару девон сару кор дошт, китобдору китобхон буд ва дар бунёди тамаддуни башарият бо корномаҳои илмиву фарҳангии худ саҳми шоиста гузоштааст.

* * *

Моро лозим аст, ки масъалаи тайёр намудани кадрҳоро, пеш аз ҳама, дар дохили кишвар дуруст ба роҳ монем. Кӯшиш намоем, ки дар муассисаҳои

таҳсилоти олии мамлакат мутахассисони ба рақобати бозори меҳнат тобоварро тарбия кунем.

* * *

Асри XXI даврони рушди илму технология буда, таълиму тарбияи дурусти фарзандон, азхуд кардан ва дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ ҷорӣ намудани навигариҳои илму техника ва технологияҳои муосир, ташаккули неруи солиму созандаи ҷомеа шарти асосии рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар мебошанд.

Тақозои замон ин аст, ки сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ бояд пайваста боло равад, ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад.

* * *

Вақте ки сухан дар бораи таъмини ҳифзи иҷтимоии мардум, рушди соҳаҳои маорифу тандурустӣ, тавсеа ёфтани шабакаи технологияҳои иттилоотӣ, таблиғи тарзи ҳаёти солим, таҳсили ҷавонон ва ба воя расонидани мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ меравад, барои онҳо, пеш аз ҳама, муҳайё кардани шароити мусоид хеле муҳим аст.

* * *

Таърихи халқи хешро донистан, ба мероси фарҳангӣ соҳибӣ кардан, зери парчами анъанаву суннатҳои неки инсонпарварона ва дигар фазилатҳои наҷиб муттаҳид кардани ҳамаи сокинони кишвар мақсаду мароми мо мебошад.

* * *

Бузургтарин иқдоме, ки бояд анҷом диҳем, ин покиза нигоҳ доштани фазои ахлоқӣ ва пурбор кардани ҷаҳони маънавии аҳли ҷомеа, бавижа наврасону ҷавонон, бо арзишҳои ахлоқӣ аст. Зеро ҳар қадар тафаккури наврасону ҷавонон аз лиҳози ахлоқӣ неруманд бошад, давлат низ ба ҳамон андоза неруманду тавоно мегардад.

* * *

Фарзанди ҷисман ва аз ҷиҳати маънавӣ солим ва фарзанде, ки аз лаҳни ширини модар панду насиҳат мешунавад, ба қадри модари худ, миллати худ, Ватани худ, забони шевои модарӣ, таъриху адабиёт ва фарҳанги куҳанбунёди миллати тамаддунофари худ мерасад.

* * *

Падару модарон бояд на дар як рӯзи имтиҳон, балки аз рӯзи таваллуди фарзандашон ба таълиму тарбияи ӯ диққати ҷиддӣ диҳанд, барои дуруст ба

камол расидани ӯ шароит фароҳам оваранд, асбобу ашёи таълимашро таъмин намоянд ва завқи ӯро барои интихоби дурусти касб бедор созанд. Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар бахши ҷавонон – мувофиқи талаботи замон – таълиму тарбияи дурусти насли ҷавон аст.

* * *

Омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бояд ба сифати таълиму тарбия диққати бештар дода, аз усулҳои фаъоли таълим истифода намоянд ва талаботи хонандагону донишҷӯёнро барои гирифтани таҳсилот қонеъ гардонанд.

* * *

Ташаккул додан ва истифодаи босамари неруи инсонӣ, ҳалли масоили иҷтимоӣ, аз ҷумла таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва – ниҳоят, дастёбӣ ба сатҳу сифати шоистаи зиндагӣ барои сокинон аз қабили масъалаҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки ҷиҳати иҷрои онҳо бояд тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа якҷоя ва аҳлона азму талош намоянд.

* * *

Имрӯз барои мо таблиғу ташвиқоти чунин арзишҳои фарҳангӣ ва анъанаҳое муҳим аст, ки онҳо ба инкишофи маънавии инсон ва такомули шахсияти вай мусоидат менамоянд.

* * *

Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунанд. Омӯзгоронро зарур аст, ки ҳастии худро ба донишандӯзии фарзандони халқ сарф намоянд, онҳоро мисли нури чашми хеш азиз донанд, барои босаводу бомаърифат шудани шогирдон заҳмат кашанд ва, бо ин восита, инсони комилро ба воя расонанд.

* * *

Мо бояд ҳамаи имконияту захираҳои маънавию зеҳнии худро барои ислоҳот ва таҷдиди шуури насли наврас ва ҷавонон, инчунин соҳибмаърифату соҳибихтисос гардонидани онҳо сафарбар намоем.

* * *

Ба падару модарон, масъулони таълиму тарбия, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ муроҷиат менамоям, ки барои аз мактаб дур намондани фарзандон саъю талош намоянд, ба илму донишандӯзӣ ва касбу ҳунаромӯзии наврасону

ҷавонон диққати махсус диҳанд. Ҳамзамон бо ин, ҳамкориро бо мактаб тақвият бахшанд ва барои таълими фарзандон тамоми шароити заруриро муҳайё намоянд.

* * *

Мо вазифадорем, ки, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва фароҳам овардани шароити заруриро барои таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон боз ҳам вусъат диҳем.

* * *

Дар баробари ғамхориҳои давлат ба соҳаи маориф, вазифаи муқаддаси падару модарон, роҳбарону кормандони соҳаи маориф, инчунин зиёиён ва аҳли ҷомеа аз он иборат аст, ки бо роҳи баланд бардоштани сатҳ ва сифати таълиму тарбия, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои насли наврас ҳамчун давомдиҳандаи кору фаъолияти наслҳои имрӯза саҳми арзандаи инсонӣ ва ватандӯстонаи худро гузоранд.

* * *

Таълиму тарбияи фарзанд масъалаи басо муҳим буда, фаъолияти дастҷамъонаи падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин омӯзгорон ва аҳли ҷомеаро тақозо менамояд.

* * *

Маҳз омӯзгорони соҳибмаърифату бофарҳанг ва устодони донишманду ватанпараст савияи таълиму дониши хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба забондонӣ, илмомӯзӣ ва худшиносиву ҷаҳоншиносӣ раҳнамоӣ карда метавонанд. Дар ҳамкорӣ бо падару модарон, мактабу маориф ва олимону зиёиён дар самти таълиму тарбияи фарзандон ва дар рӯҳияи созандагию меҳанпарастӣ тарбия кардани онҳо тадбирҳои заруриро ба роҳ монем.

* * *

Густариши фарҳанги миллӣ ва болоравии иқтисодиёту истеҳсолот ба ислоҳоти соҳаи мактабу маориф ва ҷорӣ намудани усулҳои пешрафтаи таълиму тарбия вобастаанд.

* * *

Беҳбудии сифати таълиму тарбияи насли наврас бояд дар маркази диққати ҳар як оила ва падару модарон низ қарор дошта бошад. Онҳо бояд дар тарбия ва донишандӯзии фарзандони худ ҳамеша бо муассисаҳои таълимӣ дар тамос буда, масъулияти ҷиддӣ эҳсос намоянд. Омӯзгорону устодон вазифадоранд, ки наслҳои ояндаро дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву меҳанпарастӣ, заҳматдӯстиву ҳиммatбаландӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкиму пойдории

забони давлатӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ тарбия намоянд.

* * *

Насли ҷавон бояд дар рӯҳияи солиму созанда ва ҳамқадами ҷаҳони муосир таълиму тарбия гирад. Мо бояд аз низоми муосиртарини таҳсил барои тарбияи насли наврас истифода намоем.

* * *

Илму маориф асоси рушду тараққии ҳар давлату миллатанд. Зеро рушди ҷамъият, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ба даст овардани сатҳи баланди иқтисодиёт, истифодаи дастовардҳои техника ва технологияҳои муосир мустақиман вобаста ба рушди соҳаи маориф, ташкили раванди хушсифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, хуллас, вобаста ба сатҳи саводнокӣ мебошанд. Умуман, бахши маориф дар сиёсати давлати мо мақоми муҳим дорад.

* * *

Яке аз масъалаҳое, ки бисёр муҳим аст, тарбияи кадрҳои коргарии ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

* * *

Ҷавонони мо бояд донанд, ки рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар аз сатҳи пешрафти илму техника, қорӣ намудани технологияҳои муосири пешрафта вобастагии бевосита дорад. Эҳтиёт кардан ва инкишоф додани неруи зеҳнӣ ва эҷодии ҷомеа, муҳайё сохтани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҷавонон масъалаҳои хеле муҳиманд.

* * *

Ҷавонони босаводу соҳибмаърифат ва аз ҷиҳати маънавию ҷисмонӣ солимро тарбия кардан вазифаи боифтихор аст.

* * *

Мо вазифадорем, ки ба хотири тарбияи насли наврас ва ҷавонони имрӯза дар рӯҳияи ватандӯстиву сулҳхоҳӣ ва ободкориву созандагӣ, инчунин барои наслҳои ояндаи халқамон ба мерос гузоштани ин дастоварди муқаддасу нодир фарҳанги сулҳро ҳамчун ҷузъи доимии фарҳанги зиндагии мардум густариш бахшем.

* * *

Муҳити тарбиявии мактаб бояд тарзе ташаккул дода шавад, ки барои азхуд кардани сифатҳои неки инсонӣ, аз ҷумла тозагии гуфтор, дурустии рафтор,

муомилаи хуш, тарзи либоспӯшӣ ва дигар сифатҳои ҳамидаи инсонӣ мусоидат карда тавонад.

* * *

Бузургтарин савоб гирифтани дасти бечораҳолон, навозиши сари ятимон, пуштибонии пиронсолону дармондагон аст. Алалхусус, додани фитри рӯза ба ятимону эҳтиёҷмандон дар аҳкоми шариат фарзи аввал ва савоби волотарини охират аст.

* * *

Зарур аст, ки дар зеҳну шуури афроди ҷомеа сатҳи мувофиқ ва муассири масъулияти иҷтимоӣ тарбия карда шавад, то ҳар фард дар назди Ватан ва сарнавишти он, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ масъулияти хосса эҳсос намуда, барои иҷрои қарзи фарзандии худ ҳамеша омода бошад.

* * *

Бояд ба зинаи аввали низоми маориф, яъне тарбияи томактабӣ, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро дар муассисаҳои тарбияи томактабӣ хиштҳои нахустини бинои шахсият ва ҷаҳонбинии инсон гузошта мешаванд.

* * *

Ҳукумат рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мешуморад ва барои таълиму тарбияи насли

бомаърифату соҳибҳунар ва ворисони сазовори халқу давлат пайваста кӯшишу талош дорад. Чун ҷавонони имрӯза падару модарони оянда ҳастанд, бояд аз тариқи китобҳои дарсӣ, тавсия ва дастурҳои методӣ усулҳои муосири тарбияи фарзандро ёд гиранд.

* * *

Вақте мо дар бораи тарбияи наслҳои нав – ояндаи миллат – сухан меронем, фаромӯш набояд кунем, ки онҳо бояд дар мактабҳои бо таҷҳизоти замонавӣ, аз ҷумла компютер, муҷаҳҳазшуда таҳсил намоянд, устодони хуб таълимгирифта, китобҳои дарсии ба шароити истиқлолият ва мушаххасоти миллӣ ҷавобгӯ дошта бошанд.

* * *

Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич доранд.

* * *

Зиндагии оянда аз наслҳои нав саводу маърифати баланд, ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқ, донистани техникаву технологияҳои навтарин ва забондониро ба таври қатъӣ талаб мекунад.

* * *

Фаъолияти Ҳукумат, муассисаҳои фарҳангӣ, тандурустӣ, радиову телевизион, созмонҳои ҷавонон, занон ва дигар бахшҳои ҳаёти иҷтимоӣ танҳо ба як ҳадаф – хизмат ба халқ, ғамхорӣ дар ҳаққи саломатии мардум, тарбияи инсони нави аз лиҳози маънавиёту ахлоқ пешрафта, дорои ҷаҳонбинии нав, ватандӯст, худшинос ва худогоҳ – бояд равона карда шавад. Мо минбаъд низ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор дар ҷомеа ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ мегардонем, зеро омӯзгорон тарбиятгарони наслҳои ояндасози миллат ва давомдиҳандагони анъанаву суннатҳои пурифтихори миллии мо мебошанд.

* * *

Баробари таълим, масъалаҳои тарбияи наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонидани онҳо ниҳоят муҳим мебошанд.

* * *

Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст. Яъне омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд,

нақши асосӣ дорад ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст.

(***Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2017. – 464 саҳ.)***

НАВРӮЗ ВА ИДҲОИ ДИГАРИ МИЛЛӢ

Аҷдоди соҳибфарҳанги мо дар таърихи беш аз панҷҳазорсолаи Наврӯз онро ҳамчун суннати муқаддасу муборак аз насл ба насл мерос гузошта, бо ҳама рангорангиву рӯҳи зиндагисозаш гиромӣ доштааст ва барои пойдории он талош варзидааст.

* * *

Наврӯз ба сифати беҳтарин ҷашни миллии мардуми Шарқ таҳаммул, ҳамбастагӣ ва сулҳро тарғиб менамояд.

* * *

Мо аз он хушбахтем, ки тамоми халқҳои Осиёи Миёна дар рӯзи ҷашни фархундаи Наврӯз ҳамдигарро бо ибораи тоҷикии «Наврӯз муборак» табрик мекунанд. Ин нукта бори дигар тасдиқ мекунад, ки миллати мо дар тамоми таърихи худ нақши паҳнкунандаи тамаддунро бозидааст.

* * *

Мақом ва эътибори Наврӯз то андозае баланд аст, ки ҳаёти бисёр ашхоси таърихиро ба он марбут донистаанд. Ин нукта худ рамзи хуҷаставу муборак будани ин ҷашни бостонист.

* * *

Наврӯз ҳамчун шоҳпуле аз қаъри асрҳо гузашта, ормону омоли зиндагии ниёгон ва ҳадафҳои наҷиби созандагии имрӯзу ояндаи моро ба ҳам мепайвандад ва, чун ҷашни муждаи рӯзи нав, симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ ва суннатҳои деринаи халқи тоҷикро бо арзишҳои волои умумибашарӣ ҳамоҳанг месозад. Наврӯз воқеан рӯҳи солим дошта, дар ойини мардуми мо сароғози зиндагии нав ва амалӣ шудани ормонҳои наҷиб ба шумор меравад.

* * *

Имрӯз Наврӯзи аҷдодии мо, на танҳо дар кишварҳои ориёӣ, балки дар сарзаминҳое низ ҷашн гирифта мешавад, ки дар замони худ аз сарчашмаи пурбаракат ва ҷовидонаи фарҳанги мо баҳравар шудаанд.

Мо бояд рисолати таърихӣ ва қарзи шаҳрвандии худро бори дигар эҳсос намуда, ҳувияти миллӣ ва ҳисси худшиносии ҳар як сокини ҷумҳуриро дар заминаи Наврӯз ва дигар расму ойинҳои ниёгон таҳким бахшем, аз истиқлолияту давлатдории миллӣ воқеан ифтихор кунем, бунёдкориву созандагиро ба меъёри ҳаррӯзаи зиндагӣ табдил диҳем. Наврӯзи оламафрӯз хонаву кошонаи мардуми моро нуру зиё мебахшад, дар вуҷуди

одамон поктарин эҳсосот ва волотарин умеду орзуҳоро бедор месозад.

* * *

Наврӯз рукни муҳими худшиносии миллӣ, василаи пайванди наслҳо, робитаи гузаштаву имрӯз, эҳёи анъанаҳои зебоипарастӣ, инсондӯстӣ, дур сохтани кинаҳо ва ҳамдигарбахшӣ, рамзи дӯст доштан ва расидан ба қадри зиндагии хушу хуррам мебошад.

* * *

Шояд дар олам мисли Наврӯз кам ҷашне вуҷуд дошта бошад, ки русуми дилчасп ва суннатҳои зиндагисози онро миллату халқҳои дигари олам чун дастоварди беназири фарҳангӣ пазируфта, бо ҳамин номи зебои тоҷикӣ тавлил намоянд. Посдории расму суннатҳои наврӯзӣ беҳтарин василаест, ки ботини инсонҳо аз бори гарони адовату кина соф мегардад ва онҳоро водор месозад, ки ба адлу инсоф оянд.

* * *

Наврӯз идест, ки бо олами ҳастӣ, бо табиат ва обу хоки он иртиботи ногусастанӣ дорад. Мардум барои гиромидошти ин муқаддасот асрҳо Наврӯзро бо тантана ҷашн мегирад. Тоҷикон ифтихор мекунанд, ки ниёгонашон сарчашмадори ин ҷашни бузург будаанд.

* * *

Наврӯз дар Тоҷикистон ба шарофати истиқлолияти давлатӣ эҳё гардид, шукӯҳу шаҳомати тоза пайдо кард ва ба яке аз ҷашнҳои бузургу муқаддаси миллии мардуми тоҷик табдил ёфт. Фазилати Наврӯз – ҳамчун ҷашни пайванди инсон бо табиат – аз вусъати амалҳои созандаву ободгарона, сабзонидану парвариши ниҳолҳо ва бунёди боғҳо иборат аст.

* * *

Дар айёми наврӯзӣ ҳаёт бар марг, садо бар сукунат ва гармӣ бар сардӣ ғалаба мекунад, ки ин ҳама боиси дилгармии инсон, пеш аз ҳама, марди деҳқон ба зиндагӣ мегардад.

* * *

Аз муҳтаво ва мундариҷаи ин суннати наврӯзӣ равшан ҳувайдост, ки, пеш аз ҳама, он симои Наврӯзи хуҷастаро чун ҷашни гармиву бедорӣ ва накукориву хайрандешӣ нишон дода, мардумро ба саховатмандӣ ва дастгирӣ кардани шахсони ниёзманд даъват менамояд. Фарҳанги ориёӣ дар тимсоли Наврӯз ба ҷаҳониён ҷашнеро бахшидааст, ки бар пояи меҳру садоқат, хираду заковат ва адлу адолат бунёд гардида, ақлу мантиқро бар ҷаҳлу зулмат пирӯз гардонидааст.

* * *

Наврӯз ҳоло низ метавонад ҳамчун ойини меҳру фарҳанг дар самти ҳамгироии мардуми олам нақши муассир бозида, инсониятро ба сӯйи хушбахтӣ ва саодати воқеӣ раҳнамоӣ созад.

* * *

Шукӯҳу тантанаҳои наврӯзӣ гувоҳи он мебошанд, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат ба рушди фарҳанги миллӣ ва эҳёи суннатҳои бостонӣ арҷ гузошта, барои пойдорӣ ва боз ҳам ғанӣ гардонидани онҳо пайваста иқдом менамоянд. Наврӯз дар давоми таърихи беш аз панҷҳазорсола ва роҳи пуршебу фарози хеш мазмуни амиқу васеи иҷтимоӣ ва амалӣ касб намудааст.

* * *

Мо ифтихор мекунем, ки Тоҷикистони мо ватани Наврӯз аст ва дар сарзамини мо тантанаҳои наврӯзӣ, ҳамчун оғози корҳои баҳорӣ ва файзу баракати сол, пеш аз ҳама, ба кишоварзон неруи тоза мебахшанд.

* * *

Наврӯзи бостонӣ, ки хусусияти барҷастаи он ҷашни хурсандии хурду бузург, яъне тамоми мардум, мебошад, дар кишвари мо ба шарофати истиқлолияти давлатӣ бо рамзу ойинҳои бисёр

дерина ва рангу таровати басо дилчаспу зебандаи худ эҳё гардида, ба яке аз дӯстдоштатарин ҷашнҳои миллии сокинони Тоҷикистони биҳиштосоямон табдил ёфтааст.

* * *

Дар фалсафаи Наврӯз амали созандаву офаранда чун нахустунсури фаъолияти инсон шинохта мешавад, ки ҳунари кишоварзӣ баёнгари возеҳтарини он мебошад.

* * *

Наврӯз – бо ин ҳама ойинҳои неку ибратбахши худ – ҳамчун паёми ҳикматомӯзи ниёгони шарофат–манди мо ба мардум накуиву зебоӣ ва хушиву хурсандӣ ато мекунад.

* * *

Ҷаҳонишавии Наврӯз дар марҳалаи нави таърихи давлатдории мо имкон фароҳам овард, то мардуми олам бо такя ба фитрату сиришти ин ҷашни қадима аз ҳар ҷиҳат ба он бештар таваҷҷуҳ зоҳир намояд, зеро муҳтавои Наврӯз танҳо марбут ба қаламрави зуҳури он набуда, балки суннату анъанаҳои неку созандаи он метавонанд ҳамчун омили муҳими ҳамзистии осоиштаи тамоми инсоният хизмат кунанд.

* * *

Ҷашни Наврӯз яке аз ойинҳои мардумӣ ва мероси арзишманди гузаштагони фарҳангпарвару тамаддунсози мо ба ҳисоб рафта, аз фарорасии фасли зебои баҳор ва оғози баракати сол мужда медиҳад.

* * *

Тамоми ойинҳои неки наврӯзӣ, ки сарчашмаи бузурги ахлоқиву тарбиявӣ, бунёдкориву созандагӣ ва зебоипарастӣ доранд, имрӯз низ барои мардуми мо муътабар ва ибратомӯзанд.

* * *

Яке аз суннатҳои неки наврӯзӣ шод гардонидани кӯдакону наврасон аст, ки мардуми фарҳангпарвари мо аз қадимулайём ин таомулро бо эҳтироми хосса ба ҷо меоварад.

* * *

Дар фарҳанги мардуми мо ҷашни фархундаи Наврӯз ниҳоят азизу арҷманд буда, махсусан ба шарофати соҳибистиқлолӣ ба таври оммавӣ, бо иштироки хурду бузурги мардум, доир мегардад.

Наврӯз барои мардуми мо на танҳо хушнудиву шодмонӣ меорад, балки як восита ва айёми созандагиву ободкорӣ буда, ба пешрафту ободии ҳар як хонадон, маҳалли зист, шаҳру ноҳия ва, дар

маҷмуъ, ба ободии сарзаминамон мусоидат менамояд.

* * *

Наврӯз, ки дорои сифатҳои инсонпарваронаи некиву накукорӣ, бахшишу меҳрубонӣ ва созандагиву бунёдкорӣ мебошад, ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфта, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон таҷлил карда мешавад.

* * *

Наврӯз, ки маҷмӯае аз андӯхтаҳои ҳакимонаи халқу миллатҳои куҳанбунёд мебошад, ҷашнест, ки зиндагиву рӯшноӣ, некиву накукорӣ, сулҳу созандагиро меситояд ва мақоми инсонро азизу гиромӣ медорад. Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ яке аз маросимҳои писандидаи оламиён мебошад, ки бо сифатҳои башардӯстонааш аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун дастоварди камназири фарҳанги умумиинсонӣ пазируфта шудааст ва бо хусусиятҳои писандидааш, ки некиву накукорӣ, хуррамиву хушҳолӣ, шодмониву нишот ва саодату пирӯзиро талқин мекунанд, машҳури олам гардидааст.

* * *

Ҷашни Наврӯз, дар ҳақиқат, як ҷузъи хотираи тобноки маънавии одамон мебошад, ки наслҳоро ба ҳам пайванд дода, робитаҳои дӯстӣ ва

муносибатҳои ҳамёриву ҳамкориро боз ҳам қавӣ мегардонад.

* * *

Наврӯз ҳамчун рамзи пайванди табиату инсон, нишонаи баробар гардидани шабу рӯз ва оғози корҳои саҳроӣ дар ҷисму қалби мардуми офарандаи мо абадан макон гирифта, барои имрӯзиён чун ойини эҳёгару созанда аз қаъри асрҳо паём мерасонад.

* * *

Наврӯз хислатҳои бузурги зебоипарастиву меҳмоннавозӣ ва накукориву хайрхоҳиро дар қалби инсонҳо ҷо намуда, табиатро бедор месозад, равшаниро бар зулмот, гармиро бар сардӣ пирӯз мегардонад ва шодиву сурури мардумро ба зиндагӣ бештар месозад.

* * *

Наврӯз нифоқу низоъ ва бераҳмиву бешафқатиро аз қалби одамон дур месозад ва дар вуҷуди инсонҳо эҳсоси дӯстиву бародарӣ, меҳру шафқат, эҳтирому садоқат ва ҳамёриву ҳамзистиро зиёдтар намуда, ба ҳар фард аз рӯзи неку зиндагии беҳин мужда мерасонад.

* * *

Моро зарур аст, ки таърих ва анъанаву суннатҳои Наврӯзро ҳарчи бештар ва амиқтар омӯзем, таҷассум ва тараннуми онро дар адабиёти ҷаҳон густариш бахшем ва паҳлуҳои неки инсонгароёнаву умумибашарии ин ойини фархундаро дар олам тарғиб намоем.

* * *

Наврӯзи ҷаҳонӣ, мисли адабиёту фарҳанг, хусусият ва сиришти инсонгароёна дошта, ба кас неруву шодмонӣ, хушиву хушбахтӣ мебахшад.

* * *

Ҷаҳонишавии Наврӯз мо, ворисони ин ҷашни зебову ҳумоюни аҷдодиро водор месозад, ки, дар баробари ифтихор кардан, инчунин барои минбаъд дар сатҳи баланд таҷлил ва эҳё намудани суннатҳои ахлоқиву маънавӣ ва фарҳангиву миллии он иқдомҳои бештар намуда, ба аҳли олам ҷиҳати муаррифӣ намудани фазилатҳои волои инсондӯстонаи он пайваста азму талош кунем.

* * *

Фалсафаи маънавии Наврӯз дар иҷрои се рукни муҳимтарини ахлоқӣ – пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек – таҷассум ёфтааст.

* * *

Наврӯзи ҷаҳонӣ, ки дар сарнавишти миллати мо ва тамоми меросбарони он нақши барҷаста дорад, ҳамчун падидаи нотакрори фарҳангӣ ва унсури тамаддуни миллии дар айни замон ҷаҳонишудаи аҷдодиамон, дар масири таърих тамоми инсониятро ба созандагиву офарандагӣ, барои эҷод ва бунёди тарҳи нави зиндагӣ ва ташаббусу иқдомҳои тоза ҳидоят намудааст.

* * *

Фазилати Наврӯз ҳамчун ҷашни пайванди инсон бо табиат аз вусъати амалҳои созандагиву ободкорӣ, сабзонидану парвариши ниҳолҳо ва бунёди боғҳо иборат аст, ки дар тамоми марҳалаҳои ташаккули Наврӯзи Аҷам мукаммал гардида, на танҳо аҷдоди мо, балки мардумони мухталифро ба сӯйи чунин амалҳои нек ҳидоят кардааст.

* * *

Мақоми ҷаҳониро соҳиб шудани Наврӯз имрӯз – дар шароити ҷаҳонишавии проблемаҳои башарӣ – тамоми мардуми сайёраро ба анҷоми амалҳои олии инсонӣ раҳнамун месозад. Ҷашни Наврӯз, ки имрӯзҳо дар диёри биҳиштосои мо таҷлил мегардад, васлгари дирӯзу имрӯз, ҳимоятгари суннатҳои волои ниёгон, решапайванди наслҳо,

бозгашт ба асли хеш ва эҳёи беҳтарин расму ойин ва анъанаҳои миллиамон мебошад.

* * *

Наврӯз ҳамчун ҷашни фарруху хусравонӣ дар сарзамини аҷдодии мо арзи ҳастӣ намуда, решаҳои он аз устураҳои ориёӣ сарчашма мегиранд.

* * *

Наврӯз паёми ҳикматомӯзи ниёгони шарофатманди мо аз қаъри ҳазорсолаҳост, ки накутарин ва зеботарин ойини будану зистанро ба мардум талқин мекунад. Дар сиришти ин ҷашни куҳанбунёди аҷдодӣ оромишу осоиш, эҳёву созандагӣ, назму низом дар ҳамаи корҳои зиндагӣ, ваҳдату ягонагӣ, ҳусни тафоҳуму тавозун ва ҳамбастагиву ҳамоҳангии инсон ва ҷамъияту табиат таҷассум ёфтаанд.

* * *

Бо омадани Наврӯз табиат зинда гардида, гармӣ бар сардӣ, рӯшноӣ ба торикӣ, ҳаракат ба оромӣ ғалаба мекунад ва марди деҳқон бо умед ба замин донаи ризқ мепошад.

* * *

Наврӯз падидаест, ки ҷаҳони маъниро дар худ нуҳуфта ва розҳои фалсафии он ковишу таҳқиқоти амиқро тақозо доранд.

* * *

Наврӯз дар зоти худ шинохти ақлӣ ва сиратии инсон аз низоми малакутӣ ва табиии ҷаҳон аст. Назму низоме, ки дар шинохти ориёиҳои бостонӣ бар мабнои ростӣ, некӣ, озодагӣ, эътидол ва созандагӣ устувор аст ва маънии воқеии ҳастии инсонро таъин менамояд.

* * *

Наврӯз амали созанда ва халлоқро чун нахустунсури фаъолияти инсон муаррифӣ кард, ки баёнгари возеҳтарини он барзгарӣ ва кишоварзӣ ва, дар маҷмуъ, фаъолияти иқтисодӣ ва созандаи иҷтимоист. Маҳз ҳамин амал имкон медиҳад, ки ҷомеа ба пешрафт ва рушди матлуб ноил гардад.

* * *

Шаҳсутуни дигари ҷомеа дар фалсафаи Наврӯз озодагӣ мебошад. Он баёнгари покии тан ва рӯҳи озодагӣ ва наҷобати пиндор, гуфтор ва кирдори афроди ҷомеа буда, покиву назофати ҳаво, замин, об ва муҳити зист, сиҳати инсон, парвариши рӯҳи солим аз меъёрҳои ҳастии инсонианд.

* * *

Наврӯз дар низоми ҷомеа ва фаъолияти иҷтимоии инсон асли эътидолро чун асли бунёдӣ ва мизони возеҳ арзёбӣ намудааст.

* * *

Наврӯз аз сароғоз шаҳсутунҳои ҳастии иҷтимоӣ ва тамаддунии инсонро мушаххас ва муайян намуд.

* * *

Ҷовидонагии Наврӯз ба ҳайси қадимтарин ҷашни зиндаву пойдори ҷаҳон дар пайванди ногусаста бо ниёзҳои ҳаётӣ ва сиратии инсон – зиндагии озодаву шоиста, пешрафти иҷтимоӣ ва, бахусус, камоли маънавии инсон – аст. Наврӯз бо обу хок, марзу бум ва рӯҳи зиндагисозу тамаддунофари аҷдоди мо пайванди ногусастанӣ дошта, расму ойинҳои он дорои рамзҳое мебошанд, ки аз қадим то имрӯз бо рӯзгори мардуми созандаву ободгар ва фарҳангиву таҳаммулгарои мо созгоранд.

* * *

Бузургдошти Наврӯз, умуман, бузургдошти таърих ва тамаддуни башарист, ки дар тӯли садсолаҳо арзишҳои неки инсониро дар худ таҷассум кардааст.

* * *

Ҷашни Наврӯз, дар ҳақиқат, аз ҷумлаи муҳимтарин ва муқаддастарин ойинҳои миллии мо буда, дар худ тамоми шукӯҳу азамати таъриху тамаддуни куҳани моро таҷассум менамояд. Наврӯз ва суннату ойинҳои он як бахши муҳимтарини

зиндагии мардуми мо аз даврањои қадим то имрӯз мебошад. Аз ин рӯ пос доштани Наврӯз ҳамчун суннати аҷдодӣ барои ҳар яки мо амри ҳаётӣ ва рисолати муҳими миллӣ мебошад.

* * *

Наврӯз ҷашни баробарии инсоният, ойини дӯстиву самимият, таҳаммулгароӣ ва аз дилҳо берун андохтани кинаву адоват мебошад.

* * *

Наврӯз метавонад ва бояд ба ҳайси маҷмӯи таълимоти нави сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, чун барномаи дӯстиву баҳамоии мардумони ҷаҳон барои ҳалли масоили мубрам ва доғи сайёраи мо истифода шавад. Наврӯз бо обу хок ва марзу буми аҷдоди мо, бо рӯҳи зиндагисоз, фаъолияти созанда ва эҳсоси ватандориву хештаншиносии мардуми мо пайванди ногусастанӣ дорад.

Ҷашни Наврӯз барои халқи мо чун ҳалқаи пайвандсози таърихӣ хизмат карда, дар тӯли умри чандинҳазорсолаи миллатамон тану ҷони онро қуввату қудрати тоза бахшидааст.

* * *

Фарҳанги Наврӯз дар назди башарият масъулиятҳои ҷиддиеро барои ҳалли мушкилоти

сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ гузоштааст. Мову шумо ҳамчун меросбарони ин фарҳанги бузург бояд дар амалӣ сохтани орзуву омоли наврӯзӣ ибтикороти созанда нишон диҳем. Дар тӯли қарнҳо фалсафа ва фарҳанги наврӯзӣ, ки таҳаммулгароӣ ва дигар арзишҳои волои инсониро дар худ ғунҷонидааст, ташаккул ёфта, пос доштани чаҳор нахустунсури зиндагии башар – обу замин ва оташу бодро дар мадди аввал қарор дод.

* * *

Наврӯз ҷашни инсони некманиш ва таҳаммулгаро буда, бо фарорасии он одамон кинаву адоватро аз дилҳо дур меандозанд, ба покиву садоқати ботинӣ рӯ меоранд, ба беҳдошти фардӣ, хонаводагӣ ва ҷомеа мепардозанд.

* * *

Зуҳури Наврӯз ба воқеаву устураҳои бузурги кайҳониву ҳамосие мепайвандад, ки ба сарнавишти ҳамаи фарзандони Ҳазрати Одам алоқамандӣ доранд. Фарҳанги Наврӯз моро ҳидоят мекунад, ки, дар навбати аввал, роҳҳои иртибот ва коммуникатсияро дар дохили кишварҳоямон барқарор кунем ва онҳоро такмилу инкишоф бахшем ва, ба ҳамин васила, теъдоди ҳарчи бештари омилҳои ҷудоиро дар байни миллатҳо ва давлатҳои ҳавзаи наврӯзӣ аз байн бардорем.

* * *

Фарҳанги маърифатпарваронаи Наврӯз ҳамчунин метавонад барои тавсеаи ҳамкориҳои наздик дар соҳаҳои иттилоот, маориф, фарҳанг ва иҷрои тарҳҳои муштараки илмӣ дар бахшҳои мухталиф мусоидат расонад.

* * *

Наврӯз рамз аст, – рамзи навсозӣ ва тоҷикон дар ин маврид мегӯянд: «Соле, ки накуст, аз баҳораш пайдост». Ин ҷашни бостонии ниёгони мо рамзи абадияти зиндагӣ, эҳёи табиат ва покии инсон буда, барои мо, тоҷикон, басо муқаддас ва гиромӣ мебошад. Зеро фарҳангу ойинҳои ориёии мо аз даврони қадим то имрӯз бо суннатҳои наврӯзӣ ва сарнавишти миллати мо пайванди ногусастанӣ дошта, дар дилу дидаҳои мардуми мо ҷой гирифтаанд.

* * *

Истиқлолият ва Наврӯз мафҳумҳои ба ҳамдигар наздик ва ифодагари марому ормонҳои беҳтарини халқи мо мебошанд.

* * *

Наврӯз ҷашнест, ки ҷавҳари онро ҳаёту покӣ, муҳаббату садоқат, ваҳдату бахшояндагӣ ва некиву равшанӣ ташкил дода, суннатҳои наврӯзӣ

ифодагари ҳамоҳангии байни инсон, табиат ва кайҳон маҳсуб мешаванд. Дар масири таърихи инсоният ва муборизаҳои тезутунди геополитикиву фарҳангӣ фақат арзишҳое қобилияти зиндамонӣ доранд, ки воқеан дорои ҷавҳари аслӣ буда, ваҳдати инсоният ва муҳити атрофро таъмин карда тавонанд.

* * *

Маросимҳои наврӯзии мардуми тоҷик ҷолибу зебо ва нотакроранд. Аз файзи истиқлолият аст, ки Наврӯз дар саросари Тоҷикистон бо тантанаҳои бошукӯҳ баргузор мегардад.

* * *

Наврӯз бо тору пуди таърихи мо, ҳаёти халқи мо, бо адабу фарҳангу маънавиёти мо ва бо андешаву тафаккуру ҷаҳонбинии халқи мо пайванди ногусастанӣ дорад. Наврӯз дар Тоҷикистон дар партави ғояҳои зиндагиафрӯз ва нусратбахши истиқлолияти давлатӣ ба муҳимтарин ҷашни миллӣ ва мардумӣ табдил ёфтааст.

* * *

Наврӯзи Тоҷикистон Наврӯзи даврони истиқлол, паёмовару оғозгари рӯзгори шоду хуррам, навиди бахту саодат ва фардои дурахшони кишвари мост.

* * *

Наврӯз, ки таҷассумгари некиву накукорӣ, бахшоишу меҳрубонӣ ва созандагиву бунёдкорӣ мебошад, ҳоло ба ҷашни ҷаҳонӣ мубаддал гаштааст.

* * *

Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз гувоҳи он аст, ки ҳанӯз дар замони қадим ниёгони мо бо нияти нек ва ормони олӣ ҷашнеро асос гузоштаанд, ки паёми ваҳдату муҳаббат, таҳаммулгарой, покиву садоқат, зебоиву нафосат ва бедориву заҳмат мебошад.

* * *

Наврӯз зиндатарин ҷашне дар рӯйи Замин буда, воқеан ҳам омадани соли навро ба кураи он ва сабзиши ҷадиди ҷаҳонро башоратгар аст. Ин ҷашн ҳар сол як маротиба чун бедориву эҳёи табиат фаро расида, бо ҳар равияи ғоявию фарҳангие, ки дар тӯли таърих рӯ ба рӯ шудааст, созгор омадааст ва боз ҳам зеботару ғанитар гаштааст.

* * *

Миллати тоҷик ҷашни Наврӯзро дар тӯли садсолаҳо, ба монанди забони модарӣ, ҳифз намуда, дар замони навин онро ҷузъи таркибии

ҳувияти миллӣ ва мояи сарбаландии маънавии худ медонад.

* * *

Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз волотарин суннатҳои Наврӯзро, чун дар аҳди Куруши Кабиру Доро, Хусрави Парвизу Борбад, Исмоили Сомониву Рӯдакӣ, аз нав эҳё намуд ва мазмуну шукӯҳи тоза бахшид.

* * *

Гузаштагони тамаддунсозу фарҳангии мо – тоҷикон – аз замонҳои қадим ҷашнҳои бузурги Наврӯз, Меҳргон ва Садаро бо риояи расму анъанаҳои куҳан таҷлил менамуданд. Бояд зикр кард, ки тибқи донишу таҷрибаи онҳо дар асрҳои бостонӣ фаслҳои солро ба даврaҳои гармо ва сармо тасниф менамуданд. Ин ду фасли сол, яъне гармо – тобистон – аз ҳафт моҳ ва сармо – зимистон аз панҷ моҳ иборат буданд.

* * *

Наврӯз айёмест, ки хурду бузург пероҳани наву тоза ба бар намуда, рӯҳу ҷонро тоза карда, ғубори кудуратро аз дилҳо берун намуда, бо қалби поку ниятҳои нек гирди дастархони ҳафтсину ҳафтшин давра меороянд.

Наврӯз бузургтарин ҷашни миллии мардуми ориёӣ, оғози соли нави шамсӣ, пайвандгари инсону табиат, мавсими киштукори баҳорӣ ва, аз нигоҳи илмӣ, дақиқтарин мизони баробаршавии шабу рӯз, яъне эътидоли баҳорӣ, аст, ки онро ҳанӯз Умари Хайём ҳазор сол пеш аз ин дар тақвими солшумории хуршедии худ исбот карда буд. Наврӯз барои миллати тоҷик амсоли китоби муқаддасест, ки он таҷассумгари андеша, фалсафа, суннат, орзуву ормон, тафаккури таърихӣ, сиришти маънавӣ ва ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ мебошад.

* * *

Наврӯз мунодии сулҳу дӯстӣ, ҳамгироиву ҳамкорӣ ва ваҳдату ҳамбастагии башарият аст. Тароват ва зебоиҳои Наврӯз басо ҷаззобу муассиранд.

* * *

Наврӯз чун рамзи пайванди азалии инсон бо табиат дар шабу рӯзҳои эътидоли баҳориву иваз шудани сол фаро мерасад ва, бо расидани он, рӯзгори куҳан зиндагиро аз сар мегирад, табиату ҳастӣ рахти нав ба тан мекунанд ва дар рӯҳу ҷони одамон гардише падид меояд. Таърих гувоҳ аст, ки Наврӯз ҷавҳари фарҳанги мардуми ориёиро ташкил намуда, гузаштагонамон онро ҳамчун оғози соли нав, ҷашни баҳор ва бедории табиат таъбир кардаанд.

* * *

Наврӯз ойини бостонии таровату покӣ, мунодии сулҳу оштӣ ва ҷашни ҳумоюни байналмилалӣ ва ваҳдату ҳамбастагии башарият буда, таърихи беш аз чандҳазорсола дорад ва аз қаъри асрҳои зиёд аз насл ба насл гузашта, то замони мо расидааст.

* * *

Наврӯз баёнгари рӯзи тоза, зиндагии навин ва эҳёи табиат баъд аз сардии зимистон мебошад. Наврӯз, ба ҷуз ин ки баёнгари рӯзи тоза мебошад, ифодаи паёми суруровар аз рӯҳи тоза, нафаси гарми табиат, эҳёи эҳсоси ишқу муҳаббат ба зиндагии тоза аст. Он бо нури гарму равшани хуршеди баҳорӣ, насими форам ва фараҳбахши навозишгар, садои найи чӯпон ва суруди кишоварз, ханда ва бозиҳои дилангези кӯдакони маъсум ба ҳар хона, ба ҳар кӯю деҳ ва касабаву шаҳр мавҷ мезанад, болу пар мекашад, зиндагиро гуворотар месозад.

* * *

Наврӯз таърихи беш аз шашҳазорсола дорад, ки гувоҳи аз ҷониби мардумони мо бо камоли эҳтирому эҳтиёт то замони мо расондани ин ҷашни зебои ниёгон аст.

* * *

Расму ойини наврӯзӣ бо покию беҳдошти фардӣ, хонаводагӣ ва ҷомеа низ пайванди сахте дорад. Ин асл аз замони бостони мардумони мо сарчашма гирифтааст, ки пиндору гуфтору рафтори нек тақозои ҳатмии зиндагии эшон будааст.

* * *

Наврӯзи бостонӣ сароғози таърихи пурғановати мо буда, ҳамчун суннати пуразриш ба фарҳангу тамаддуни миллӣ ва тору пуди зиндагии на танҳо мардуми тоҷику форс, балки кулли халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он омезиш ёфтааст.

* * *

Иди Наврӯзро, ки бо фарорасии он гармии ҷонбахши баҳорӣ оғоз меёбад, ҷашни шукӯҳи табиат ва овони эҳёи он гуфтаанд. Воқеан, Наврӯз даврааст, ки Замин ба меҳвари Хуршед баромада, рӯзу шаб баробар мешаванд ва кулли инсону мавҷудотро рӯҳу равони тоза бахшида, ба ояндаи нек, рӯзгори обод ва пешрафту созандагӣ ҳидоят мекунад. Ин иди зебои ниёгони мо, ки дар ҳама давру замонҳо аз ҷумлаи бузургтарин ҷашнҳои муқаддаси миллӣ ва ойини зиндагисози мардум ба ҳисоб меравад, ҳамчун рамзи корҳои баҳорӣ ва файзу баракати сол, пеш аз ҳама, ба кишоварзон

неруву илҳоми тоза ато мекунад. Наврӯз бо нақши созандаи хеш ба шудгор ва киштукори замин, пошидани донаи умед, шинонидани ниҳол ва гулу гулбуттаҳо, хуллас, оғози ҳамаи корҳои мавсими баҳор ҳидоят менамояд.

* * *

Тамаддуни халқи мо бо Наврӯз оғоз мегардад, яъне Наврӯз оғозгоҳи мардуми фарҳангии мо маҳсуб ёфта, аз даврaҳои бостон то имрӯз бо беҳтарин арзишҳои худ ба зиндагии мо рангу таровати хосса мебахшад. Чунонки аз сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, адабӣ ва фарҳангӣ бармеояд, пайдоиши Наврӯз ба замони Ҷамшед марбут буда, панҷуним ҳазор сол инҷониб ҳамчун рӯзи хуҷаста, пешонии сол ва ҷашни шодиву нишот тақлил мегардад. Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар даврaҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва ҳуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд.

* * *

Наврӯз чун мунодии сулҳу оромӣ, пиндору гуфтору кирдори нек ва дӯстиву ҳамкории халқҳо моро боз сӯйи рӯзгори бехушунат, сулҳу субот ва кӯшиш барои зиндагии орому осуда раҳнамоӣ мекунад.

* * *

Наврӯз ҳамчун ҷавҳари тобнок ва нишонаи ҷовидонаи тамаддуни халқи тоҷик ҳамеша нигоҳдорандаи мардум, забон, расму ойин, фарҳангу таърих ва, ниҳоят, Ватан будааст. Аз ин рӯ Наврӯз барои мардуми мо ҷашни ниҳоят муборак буда, дар моҳи Фарвардин, ки маънои пок, озода, қудсӣ ва муқаддасро дорад, таҷлил мегардад.

* * *

Ҷашни Наврӯз ёдгори барҷаста ва бошукӯҳи зиндамондаи мардуми ориёинажод аст, ки собиқаи беш аз панҷҳазорсола дорад ва яке аз ҷашнҳои бисёр куҳани ҷаҳон ба шумор меравад.

* * *

Наврӯз дар давоми таърихи чандинҳазорсолаи хеш бурду бохтҳои зиёдеро аз сар гузаронида, ҳамчун рамзи безаволи тамаддуни ориёӣ бо мазмуну муҳтавои зиндагисози худ то имрӯз – ҳангоми аз бурҷи Ҳут ба бурҷи Ҳамал ворид шудани офтоб ва фарорасии рӯзи эътидоли баҳорӣ – бо номҳои иди рӯзи нав, оғози сари сол, эҳёи табиат ва бедории замин аз канораҳои Вароруд то Халиҷи Форс ҷашн гирифта мешавад.

* * *

Ҷашни Наврӯз на танҳо ҷашни миллии мо, балки ҷашни умумибашарист, зеро фасли зебои баҳор ва нав шудани сол барои тамоми инсонҳо яксон меояду хушҳолӣ меорад ва ба онҳо рӯҳи тоза бахшида, ба соли нав омода месозад.

* * *

Наврӯз, дар баробари забони модариамон, барои мо аҳамияти таърихиву миллӣ дорад ва мо онро бояд ҳамчун шиносномаи миллати худ дониста, таҷлил намоем.

* * *

Наврӯз ҷашни табиат буда, робитаи инсонро бо мавҷудоти олам пайванд месозад. Ва баракату фаровонӣ аз фазилатҳои неку писандидаи ҷашни баҳор аст.

* * *

Наврӯз яке аз ҷашнҳо ва суннатҳои қадимтарини мардуми тоҷик мебошад, ки решааш аз фарҳанги пурбори ориёӣ об мехӯрад ва меҳри он дар қалби мардум маъво дорад.

* * *

Истиқлолияти давлатӣ – ин саодати ҷовидона, – ки дар масири ҳазорсолаи таърих ба насли имрӯзаи тоҷикон насиб гардид, ба таҷлили пуршукӯҳу

шаҳомати хосси иди муқаддаси ниёгонамон – Наврӯзи оламафрӯз, Наврӯзи ормонҳои навин – шароити мусоид фароҳам овард. Мо бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расем, шукрона кунем ва аз истиқлолияти давлати хеш, чун бахти безаволи миллат, ифтихор дошта бошем. Ҷавҳар ва ҳикмати Наврӯз, илова бар арзишҳои зикршуда, ҳамчунин ифодагари ормонҳои муқаддас ва неки миллӣ, аз қабили эҳсоси гарми муҳаббат ба марзу буми аҷдодӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва ватандориву ватанпарастии мардуми мо, мебошад.

* * *

Наврӯз сазовориву шоистагии ҳама гуна хушҳоливу шодиро дорад. Чунки бузургони гузаштаи мо дар ин маврид гуфтаанд: «Ҳар кас, ки талаби Наврӯз кунад, ба хуррамиву ободӣ ва шодиву нишот бирасад».

* * *

Ҷашни Наврӯз яке аз ойинҳои бостонии ниёгони тамаддунпарвар ва соҳибфарҳанги мо аст, ки аз фаро расидани соли нави хуршедӣ ва навбаҳори зебову хуҷастапай мужда медиҳад. Ин пайки шодмонӣ ва шодкомӣ рамзи офариниши ҷаҳон, осмону ситорагон, гулу гиёҳ ва, муҳимтар аз ҳама, мавҷудияти инсон буда, ба зиндагӣ оғози нав ва накҳати тоза мебахшад.

* * *

Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ, орзую ормон, расму ойин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангию миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст.

* * *

Боиси ифтихор ва сарфарозии мардуми мост, ки Наврӯз – ҳамчун иди баҳор, эҳёи табиат ва фарорасии соли нав – ба таърихи бисёр халқу миллатҳои ҷаҳон ворид гашта, ҳаёти онҳоро рангу таровати тоза бахшидааст. Ҷашни Наврӯз аз замони пайдоишаш то имрӯз моломоли зебоиву накуӣ буда, бузург доштани инсону табиат ва сифатҳои эҳёгарӣ ҷузъи ҷудонапазири он будааст. Бино бар ин, фасли баҳорро арӯси сол ва Наврӯзро зебу ҷалоли он гуфтаанд.

* * *

Наврӯз на танҳо ҷашни баҳор, балки тарғибгари беҳтарин суннатҳои воло, фарҳанги барҷастаи инсонӣ ва саршори ормонҳои наҷиби башардӯстӣ мебошад.

* * *

Мо, ворисони тамаддуни ориёӣ, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ин

суннати писандидаро аз нав эҳё намуда, Наврӯзро ба иди умумимиллӣ ва умумидавлатӣ табдил додем, ки ин суннати нек дар таҳкими пояҳои давлатдории навини миллатамон, тақвияти худшиносиву худогоҳӣ, пойдории ваҳдат ва болоравии ифтихори миллии мардум нақши босазо гузошт.

Наврӯз ҷашни озодагӣ ва озодагон аст. Мардуми шарифи Тоҷикистон бо фаро расидани баҳор ба киштукори баҳорӣ, шинонидани ниҳолҳои гуногун, тоза кардани ҷӯйбору корезҳо ва ободу зебо гардонидани маҳалли зисти худ ва ҳар ваҷаб хоки диёри зебоманзарамон шурӯъ менамоянд.

* * *

Наврӯзи Аҷам аз даврони бостон то ба имрӯз – чун ҷашни Соли нави миллӣ ва тантанаи ваҳдати инсону табиат – дар дили мардум беҳтарин орзуҳои созандагиро бедор карда, бо қудуми худ ҳар сол ба хонадони мо хушҳоливу шодмонӣ ва файзу баракати тоза меорад.

* * *

Ҷашни Наврӯз яке аз қадимтарин ва муқаддастарин ойинҳои ниёгони мо аст, ки бо фарорасиаш аз омадани фасли зебои баҳор ва оғози Соли нави аҷдодӣ мужда мерасонад.

* * *

Наврӯз аз оғози зуҳураш иди воқеии кишоварзон мебошад, ки нақши он, пеш аз ҳама, дар шудгори замину пошидани донаи умед, шинондани ниҳолу тоза кардани наҳрҳо, кандани ҷӯю пок доштани манбаъҳои об, ободонии маҳалли зисту тозаву озода кардани хона ва дигар корҳои хайр таҷассум меёбад. Наврӯз асолатан ибтидои корҳои наҷибу азму иродаи тоза, ҷашни парвариши рӯҳ ва маънавиёти солим, пиндору гуфтору кирдори нек аст.

* * *

Кишвари мо – Тоҷикистон – сарзамини хуршедӣ ва як гӯшаи биҳишти рӯйи замин аст, ки бо қадами мубораки Наврӯз табиат ба гулистон табдил ёфта, бо ҷомаи сабзи худ ба мо зиндагии хуш ва нуру сафоро ҳадя меорад.

* * *

Ниёгони мо расму ойинҳои наврӯзӣ, аз ҷумла бо ҳафтшину ҳафтсин оростани дастурхони наврӯзӣ, суманакпазиҳои занону духтарон, рақсу суруди гирди оташи фурӯзон, сурудҳои Фалаку Шашмақом, ҷуфтбарории деҳқонон, гӯштингириву аспдавонии паҳлавононро гиромӣ дошта, аз файзи истиқлол ба он шукӯҳу шаҳомати хосса афзудааст. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон худ Наврӯзи

таърихи навини мамлакати мо буда, аз баракати марҳалаи пайгиронаи бунёдкориву созандагиҳо баҳори шукуфтани ғунчаҳо ва айёми ҳосил фаро мерасад.

* * *

Ниёгони хирадманди мо тамоми расму ойинҳои наврӯзиро, ки аз баробар шудани шабу рӯз ва эҳёи табиат оғоз меёбанд, ба хотири бузургдошти ғояҳои инсонпарваронаи миллӣ ва умумибашарӣ ҷорӣ ва ҳифз кардаанд.

* * *

Ҷашни Наврӯз аз замони асосгузори он – Ҷамшеди пешдодӣ – то имрӯз аз зебоиву накуӣ, бузургдошти инсону табиат ва сифатҳои эҳёгарӣ саршор мебошад. Гузашта аз ин, Наврӯз беҳтарин нишонаи ваҳдати инсону табиат буда, аз ғояҳои ҷовидонаи сулҳу сафо, ростиву накукорӣ, зебоипарастиву инсондӯстӣ ва созандагиву бунёдкорӣ сарчашма мегирад.

* * *

Ойину суннатҳои Наврӯз ба андозае зебову ҷаззоб, саршори ормонҳои наҷиб ва мардумиву заминӣ мебошанд, ки дар давоми садсолаҳо аз ҷониби бисёр халқу миллатҳои дигар пазируфта шуда, ба рукни фарҳанги онҳо табдил ёфтаанд ва

ҳамчун иди миллии бисёр мардумони минтақа ва ҷаҳон ҷашн гирифта мешаванд.

* * *

Шукри истиқлолият ва давлатдории миллӣ, ки аз баракати онҳо дар кишвари мо баргузории ҷашни Наврӯз ва эҳёи суннатҳои он ҳусн ва рушди тоза гирифта, ба иди умумимиллӣ ва умумихалқӣ табдил ёфт. Яъне Наврӯзи бостонии мо аз фишори сиёсати даврони гузаштаи таърихамон, ки онро бо ҳар баҳона расму ойини куҳна ва нодаркор эълон карда буд, тадриҷан раҳида, мақоми шоиста ва ҷойгоҳи сазовори худро соҳиб шуд.

* * *

Наврӯз дар таърихи халқи куҳанбунёду соҳибфарҳанги тоҷик ва, умуман, халқҳои ориёи–нажод мақому манзалати хосса дошта, дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллатамон рушду такомул ёфтааст.

* * *

Вақте ки ба таърихи пайдоиш ва такомули ҷашни Наврӯз дар тамаддуни ориёӣ назар меафканем, мебинем, ки ин ойини куҳани аҷдодӣ дар низоми давлатдориҳои ниёгони мо мақому манзалати басо арзанда доштааст.

* * *

Миллати мо Наврӯзро дар давоми асрҳо чун муждаи эҳёи табиат, бедории замин ва оғози киштукор истиқбол мекард ва азизу гиромӣ медошт.

* * *

Анъана ва суннатҳои неки Наврӯз – ҳамчун беҳтарин намунаи тамаддуни мардуми ориёинажод – аз ҷониби халқҳои гуногуни Шарқ пазируфта шуда, маънавиёту фарҳанги миллии онҳоро низ афзун сохтааст.

* * *

Наврӯз дар таърихи тоҷикон мисли китоби муқаддасест, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо суннатҳои неки гузаштагони ориёии моро дар саҳифаҳои худ маҳфуз дошта, бо вуҷуди тохтутозу истилои аҷнабиён ва ҳангомаҳои мазҳабу минбар, аз насл ба насл то замони мо овардааст.

* * *

Наврӯз дар тасаввур ва ойини миллати қадимаи мо ва, умуман, нажоди ориёӣ иди пирӯзии нур бар зулмот ва тантанаи некӣ бар бадӣ аст.

* * *

Аҳамияти иҷтимоиву ахлоқии Наврӯз хеле бузург аст. Онро танҳо воситаи фароғату истироҳат ё худ шодиву сурур пиндоштан раво нест. Наврӯз

нишонаи пешрафти тафаккури созандаву бунёдкоронаи халқ, мизони ҳаракати сайёраҳо, вуруди соли нави мардуми ориёинажод мебошад. Аз ин рӯ дар ҳамаи давру замон фарорасии Наврӯзро ҳамчун эҳёи нуру зиё ва файзу баракат бесаброна интизорӣ мекашиданд.

* * *

Наврӯз, ки як иди хеле табиист, на танҳо ба дили мардумони ориёӣ, балки ба қалби халқу миллатҳои дигар ҳам ба таври ҷовидонӣ маскан гирифтааст. Ин яке аз далелҳои равшани нақши тамаддунсози миллати куҳанбунёд ва фарҳангии мост.

Наврӯз яке аз маҳбубтарин ҷашнҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик буда, ҳамчун рамзи офариниши ҳаёт, оғози тозаи зиндагӣ аз даврaҳои дур то ба имрӯз расидааст.

* * *

Наврӯз ҳамчун ҷашни эҳёи табиат на танҳо рафтору гуфтор ва пиндори нек, балки покизагии муҳити зист ва истифодаи оқилонаи обу заминро талқин мекунад.

* * *

Наврӯз сарчашмаи гаронбаҳои маънавӣ ва воситаи муҳими сарҷамъ намудани ҳамаи сокинони

кишвар, ҳидоятгари аҳли ҷомеа ба сӯйи зиндагии орому осуда ва пурфайзу бобарор мебошад.

Миллати тоҷик соҳиби ойину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст.

Суннату ойинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо, мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада, дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат кардаанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дастовардҳои маънавию моддии мардуми шарифи мо ба феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гарданд ва нақши тамаддунсози миллати тоҷикро минбаъд низ боло баранд.

(Аз китоби: Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст,2017. – 464 саҳ.)

ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАВЗАИ ҶАҲОНИ ИСЛОМ

Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории исломӣ, ки яке аз ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳон ба шумор меравад ва дар ҳошияи Созмони Милали Муттаҳид метавонад дар ҳаллу фасли масъалаҳои таъмини сулҳу субот, амният, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва густариши ҳамкориҳои байнидавлативу минтақавӣ саҳм гирад, бар мабнои ду омили муҳим сурат гирифтааст:

Аввалан, Тоҷикистон, ки 90 дарсади аҳолиашро мусулмонон ташкил медиҳанд, ҷузъи ҷаҳони ислом аст ва мусаллам аст, ки наметавонад аз доираи чунин созмони бонуфузе, ки дар он масъалаҳои дар назди халқҳои мусулмон қарордошта ҳаллу фасл мешаванд, дар канор бимонад.

Ва дуввум, Тоҷикистон, ки равобити густурда ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон усули бунёдии сиёсати хориҷиаш мебошад ва марҳалаи ҳассосеро дар рушди иқтисодию иҷтимоии худ аз сар мегузаронад, бо ширкати фаъоли худ дар ин Созмон, ки яке аз ҳадафҳои асосиаш ташкил ва мусоидат ба ҳамкориҳои зичу самараноки байни давлатҳои аъзои Созмон мебошад, ҳамчун узви комилҳуқуқ имконияти бештари ҳамкорӣ ва ҷалб намудани

инвеститсияҳоро ба иқтисодиёти хеш ба даст меоварад.

Вале Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахси Сарвари сиёсии худ Президент Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли 26 соли узвияти худ дар Созмони ҳамкории исломӣ нишон дод, ки ҷумҳурии мо танҳо иштирокчии нозир набуда, узви фаъоли ин Созмон мебошад ва барои боз хам фаъолтар намудани кори бахшу ниҳодҳои таркибии ин ташкилот ва ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи ҳаёти халққои кишварҳои мусулмонӣ ва, умуман, сайёра пешниҳодҳои судманд иброз медорад ва дидгоҳи тому усулии роҳбарияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар масъалаи роҳҳо ва механизмҳои таъмини сатҳи навини ҳамкориҳо миёни кишварҳои мусулмонӣ ба хотири рушди онҳо ва некӯаҳволии ҳар хонаводаи мусулмон баён медорад.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Созмони ҳамкории исломиро ҳамчун ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ арзёбӣ намуда, чунин мешуморад, ки ин Созмон, ки имкониятҳои густурдаи таъсир расондан ба авзои сиёсии ҷаҳон ва дар ба амал баровардани кӯшишу талоши халққои мусулмон ба хотири таъмини сулҳу субот, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ дорад, ин имкониятҳоро ҳанӯз ба таври бояду шояд истифода накардааст ва

мақоми минбари баланди баррасикунандаи доираи васеи масъалаҳои дар пеши халқҳои мусулмон қарордошта буданаш ба наҳви лозим эҳсос намегардад.

Афкору назар ва пешниҳодҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Созмони ҳамкории исломӣ, агар маҷмӯан баррасӣ намоем, онҳо бар се даста фароҳам меоянд:

1) Ислоҳоти сохтори Созмон ба хотири самаранок намудани фаъолияти он ва таҳкими нақши Созмони Конфронси Исломӣ дар арсаи байналмилалӣ.

2) Тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои густурдаи давлатҳои аъзои Созмон.

3) Роҳҳо ва усулҳои ҳаллу фасли масъалаи таъмини некуаҳволии халқҳои мусулмон.

Нуктаи маълум аст, ки ҳар созмону ташкилоте, ва бахусус ташкилоти бузурге чун Созмони ҳамкории исломӣ, ки дар миқёси ҷаҳон амал мекунанд, мутобиқан бо дигаргуниҳои босуръати авзои сиёсиву иҷтимоии сайёра, бояд муҳаррик, фаъол ва қодир ба вокуниш ба равандҳои асосии замони муосир бошад.

Раванди асосии замони муосир, ки ин падидаи ҷаҳонишавӣ мебошад, мантиқан тақозо мекунад, ки

Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамчун созмони бузурги ифодакунандаи манфиатҳои ҷаҳони ислом, посухгӯйи ниёзҳои мусулмонон дар ҷаҳони дар ҳоли тағйиру таҳаввули босуръат бошад.

Тоҷикистон бо ҳамрайъии пайгирона ва комили шахсиятҳои маъруф ва роҳбарони кишварҳои исломӣ, ба хотири таҳким ва такмили сохтори Созмони ҳамкории исломӣ, тақвияти ниҳодҳои муҳимтарин, таъсиси ниҳодҳои нав, ислоҳоти сохтори созмон ва Котиботи генералии онро ҳамчун масъалаи муҳимтарин арзёбӣ менамояд ва чунин мешуморад, ки Созмони ҳамкории исломӣ ва сохторҳои иҷроияи он бояд динамикӣ, фаъол, зудҳаракат ва созгор бо дигаргуниҳои рӯзафзун дар арсаи байналмилалӣ бошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин росто пешниҳодҳои арзишмандро, аз қабили додани салоҳияти бештар ба бахшу ниҳодҳои таркибии созмон, кушодани бахшҳои минтақавӣ ва намояндагиҳо дар хориҷ аз ҳудуди кишварҳои аъзо, маъқул шуморида, худ пешниҳод карда буд, ки ниҳоди ҳамоҳангсози миллӣ дар ҳар кишвари аъзо дар шахси як нафар аз роҳбарони масъули вазоратҳои хориҷӣ, ки Котиботи генералӣ бо онҳо тамос ва робитаи мустақим дошта бошад, мавриди татбиқи амалӣ қарор гирад.

Хулоса, Тоҷикистон ислоҳотеро, ки ба афзудани нақши Созмони ҳамкории исломӣ , ҳамчун сохтори

серҷабҳа ва салоҳиятноки байналмилалӣ, мусоидат менамояд, комилан ҷонибдорӣ намуда, дар навбати худ, дар ин замина пешниҳодҳои судманд баён намудааст ва ироа медорад.

Асре, ки дар он зиндагӣ ба сар мебарем, давраи пешрафти бесобиқаи илмиву технологӣ ва рушди босуръати мубодилаи иттилоотӣ дар тамоми ҷаҳон аст. Вале бо таассуф бояд зикр намуд, ки дар соҳаи илму техника ва технология ва пешрафтҳои зеҳнӣ дастовардҳои халққои мусулмон маҳдуд ва хоксоронаанд. Аз ин хотир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод менамояд, ки дар чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамзамон бо тақвият додани ниҳодҳои илмӣ ва технологии мавҷуда, сохтори нав – Бунёди рушди илм ва технологияи навин – таъсис дода шавад.

Ислом, чун ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ, дар пешбурди фарҳанги умумибашарӣ нақш ва саҳми худро гузоштааст. Мусулмонон дар партави асли қуръонии «муъмин бародари муъмин аст.» дар мавриди ба вуҷуд овардани ваҳдати инсонӣ аз сатҳи ба истилоҳи имрӯз «ваҳдати миллӣ» болотар қадам гузошта, ваҳдати қавму нажодҳои гуногунро ба вуҷуд оварданд. Чунин ваҳдати устувор бар фармудаҳои шариати муҳаммадӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар гӯшаву канори минтақаи

паҳновар боиси ба вуҷуд омадани низомҳои муназзами сиёсию иҷтимоӣ гардидааст ва дар ба ҳам пайвастани халқҳову миллатҳои гуногун мусоидат намудааст.

Фарҳанги исломӣ дар пешбурди илмҳои гуногун низ хеле муассир аст. Масалан, зери мафҳуми дар ҷаҳони илм маълуми «Фалсафаи араб» маҷмӯи таълимоти фалсафии эҷодкардаи донишмандони халқҳои мусулмони Шарқ ва Африқо фаҳмида мешавад. Ин таълимоти фалсафӣ бо он, ки тавъам ба миллати сарчашмадори дини мубини ислом арабӣ номида мешавад, бо мазмуну мундариҷаи баландаш аз қолаби афкори дар он замон (яъне асрҳои миёна) маъмули динӣ берун рафта, доир ба бархе масъалаҳои бунёдии фалсафӣ назарияҳое ба вуҷуд овардааст, ки то имрӯз феълияти худро ҳифз намудаанд. Донишмандони мусулмон дар пешбурди дигар илмҳо – тиб, риёзат, нуҷум, табиатшиносӣ ва гайра – низ шоҳкорҳои беназир ба инсоният ба ёдгор гузоштаанд.

Кишварҳои мусулмонӣ дар соҳаҳои сиёсату иҷтимоъ, иқтисоду тиҷорат ва дар додугирифти байникишвариву байниминтақавӣ дар ҷаҳон нақшу саҳми намоён доранд.

Ин кишварҳо дар муддати тӯлонии таърих воқеан василаи муҳимтарини таъмини равобити байниминтақавии иқтисодӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ,

фарҳангӣ буданд ва дар ташаккули таърихии ҷаҳони том ва низоми муосири равобити байналмилалӣ нақши муассир доштаанд.

Вале имрӯз низоми ҷаҳон дигаргун шудааст ва мо бояд бо такя ба суннатҳои ниёгони худ ҳамқадами замони муосир бошем. Ҷиҳати тавфиқ ёфтан ба талаботи замон арзишҳои бузурги дини исломро ба манфиати пешрафт ва инкишофи кишварҳои мусулмонӣ истифода намоем.

Дар огози қарни XXI мелодӣ мардуми мусулмон, ки шумораш дар ҷаҳон беш аз як миллиарду сесад миллион нафар мебошад, дар марҳалаи ҳассос ва амалан сарнавиштсози ҳаёти худ қарор дорад. Зеро аксари кишварҳои мусулмонӣ имрӯз дар ҷаҳон ҳамчун давлатҳои рӯ ба инкишоф арзёбӣ мегарданд. Мутаассифона, ҳоло ақидаи барғалате дар афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ талқин карда мешавад, ки гӯё сарчашмаи ақибмондагӣ ва қашшоқии мусулмонон дар дини мубини ислом бошад.

Вале афроди огоҳ ва соҳибназари ҷаҳон хуб медонанд, ки чунин гумон комилан ботил аст.

Аммо, бо вуҷуди ин, ақибмондагию қашшоқии бисёре аз кишварҳои мусулмоннишин амри воқеъ аст ва муҳимтарин тадбир барои ба ботил баровардани ҳар гуна ақида ин на дар сухан, балки дар амал нишон додан аст, ки то чӣ ҳадде ин ё он

иддао нодуруст аст. Барои ҳамин ҳам Сарвари давлати Тоҷикистон бо пешниҳоди таъсиси Бунёди рушди илм ва технологияҳои навин бар он буд, ки модоме яке аз ҳадафҳои бунёдии Созмони ҳамкории исломӣ пешбурди илму маърифат дар ҷаҳони ислом аст, бигзор бо ин кори муҳим дар шерозаи ниҳоди махсусе машғул шавад ва барои ривоҷу равнақи илму технологияҳо дар кишварҳои исломӣ ва бо дастгирии амалии неруҳои зеҳнӣ барои густариши илму технологияҳои навин дар ҷаҳони ислом шароит фароҳам оварад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мекунад, ки вазифаи таъхирнопазири давлатҳои аъзои Созмон таъмини маърифати баланди исломии ҳамагонӣ аст, ки ин маърифатнокӣ бояд бо рӯҳи замон, дастоварду комёбии беназири инсонӣ, рисолат ва масъулияти таърихӣ ва умумибашарии мусулмонон, тақозои ҳамкории васеъ ва ҳамбастагӣ ҳамқадам ва ҳамнаво бошад ва дар асл омили неруманди татбиқи ҳадафҳои воло ва таърихии мо гардад.

Дар ин робита Сарвари давлати Тоҷикистон муътакид аст, ки вақти он расидааст, ки нақши Созмони ҳамкории исломӣ дар ташкили ҷомеаи воқеии иттилоотӣ дар асоси муносибатҳои васеъ ва хақиқатан шариконаи ҳамаи давлатҳои аъзо ба сатҳи сифатан нав бароварда шавад. Дар чунин

ҷомеа бояд ҳар кас аз ҳуқуқи истифода аз иттилооту донишҳои дунявию исломӣ бархӯрдор бошад. Рушди фарҳангию маънавӣ ва зеҳнии инсон мақсади муҳимтарини ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Аз ин рӯ бояд ҳама гуна кӯшишҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, дар навбати аввал, шабакаи глобалии Интернет, ки ба мақсади вайрон ва суст кардани суботу амнияти байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида, содир намудани амалиёти ҷиноятқоронаю террористӣ, тарғибу ташвиқи хушунату зӯроварӣ, фисқу фасод, истеъмоли маводи мухаддир ва зуҳуроти бадахлоқию зиддиинсонӣ равона гардидаанд, пешгирӣ карда шаванд. Президенти Тоҷикистон таъкидан иброз медорад, ки давлати мо фаъолияти гурӯҳи кории Созмони Милали Муттаҳидро оид ба идораи Интернет пуштибонӣ менамояд ва ташаккули муносибати яксони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории исломиро дар арсаи иттилоотӣ ва дар таркиби сохторҳои он ба роҳ мондани фаъолияти густурдатари Агентии муштараки иттилоотиро мувофиқи мақсад медонад.

Тазаккури ин нукта муҳим аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон татбиқи таъхирнопазири барномаҳои илмиву маърифатӣ ва фарҳангиро ҳамчун калиди ҳалли мушкилоти сангини мусулмонон – камбизоатӣ, бесаводӣ ва сатҳи поёни маърифат– тавсиф мекунад ва

масъулияти таърихии роҳбарони кишварҳои мусулмонӣ меҳисобад. Ин ҷо махсусан бояд қайд намуд, ки барномаҳои мазкур фақат ба шарте татбиқи худро пайдо мекунанд ва самараи дилхоҳ медиҳанд, ки агар ҳамкориҳои давлатҳои аъзо ба таври воқеӣ ва бо вусъати бештар сурат пазиранд.

Чӣ ҷое ба пинҳон кардан аст, ки дар воқеъ ҳам дараҷаи маърифатнокии мардумони аксарияти давлатҳои мусулмонӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Ва ин давлатҳо маъмулан давлатҳое мебошанд, ки аз лиҳози иқтисодӣ хеле заифанд.

Таърихи ин давлатҳо нишон медиҳад, ки ҳадди аксари онҳо садсолаҳо зери фишори низоми истеъмории давлатҳои муқтадир будаанд ва фақат чанд даҳсола пеш – дар нимаи дуввуми асри ХХ – истиқлоли сиёсӣ ба даст овардаанд.

Чуноне ки таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад ва мо, точикон, аз таҷрибаи худамон медонем, бунёди давлати воқеӣ, бо тамоми мушаххасоти давлатдории комил, амре басе мушкил ва вақтталаб аст. Ҳеҷ миллату халқе, ки дар тӯли садсолаҳо давлат надоштааст, дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ ба бунёди низоми сиёсие, ки ба талаботи як давлати муназзам ҷавоб дода тавонад, муваффақ нагардидааст.

Омили асосии ҳар низоми сиёсӣ одамонанд. Мафкура ва ҷаҳонбинии мардуми мамлакат ҳолату сифати авзои сиёсиву иҷтимоиву фарҳангии кишварро муайян мекунад. Шуури ҷамъиятии мардумони мамлакатҳои пешрафтаи демократии ҷаҳон, ки шартан ба элитаи сиёсиву иқтисодиву фарҳангӣ, табақаҳои зиёиён, коргарон ва кишоварзон қисмат шуда, бо марому низом зиндагӣ ба сар мебаранд ва ҳамзамон набзи давлаташонро муназзам нигоҳ медоранд, дар тӯли якчанд садсола шакл гирифтааст. Яъне дар кишварҳои мазкур сиёсат низ, чун дигар пешаҳои инсонӣ, мактаби омӯзиш дорад. Мавҷудияти давлат, яъне сиёсати давлатӣ, дар тӯли муддати зиёд мӯҷиб шудааст, ки ин соҳаи ҳаёти ҷамъиятиро ба таври касбӣ омӯзанд.

Аммо барои мардумони мамлакатҳое, ки дар тӯли садсолаҳо аз давлатдорӣ маҳрум будаанд ва ё, умуман, собиқан давлат надоштаанд, ташаккули афкори сиёсӣ ва ваҳдати комили миллӣ, ки шарти асосӣ барои ҳалли масъалаҳои бунёдии давлатдорӣ ва танзими ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, дар ҳолати шаклгирӣ қарор дорад. Вобаста ба ин аҳвол, яъне дар сатҳи паст қарор доштани тафаккури сиёсӣ ва таҳкимталаб будани ришталҳои ваҳдати миллӣ, ниҳодҳои давлатӣ, мақомоти таъминкунандаи амнияти ҷомеа ва суботи иқтисодиву иҷтимоӣ низ дар ҳолати заиф воқеъ мегарданд.

Чунин авзоъ, бо шиддати андаке баландтар ё каме пасттар, дар бисёре аз мамлакатҳое, ки собиқаи мустамликавӣ доштаанд, ба назар мерасад.

Аз ин рӯ тасаввур кардан душвор нест, ки дар мамлакатҳое, ки таъмини суботи сиёсиву иқтисодиву иҷтимоӣ базӯр даст медиҳад ва мардум аз қашшоқиву гуруснагӣ ва бемориҳову эпидемияҳо азият мекашад, вазъи мактабу маориф ва вобаста ба он сатҳи донишу маърифати шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, чӣ гуна аст.

Агар ба ҳисоб гирем, ки дар баъзе аз ин мамлакатҳо дар тӯли чанд даҳсола низоъҳои баёниқавмиву мазҳабӣ идома доранд ва садҳо ҳазор одамон дар гурезагиву ғарибӣ, маҳрум аз одитарин шароити маишӣ умр ба сар мебаранд, манзараи боз ҳам ваҳимтаре пеши дидаҳоямон падидор мегардад.

Пас, мантиқан чунин суоле пеш меояд, ки оё роҳи раҳо шудан аз ин вазъи таҳаммулнопазир вуҷуд дорад? Оре, вуҷуд дорад ва ин роҳ ҳамбастагӣ ва ҳамдилии кишварҳост ва дар мавриди мусулмонон ҳамбастагиву ҳамдилии исломист.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сарчашмаи ҳамкориҳои васеътар ва пурмуҳтавои мамлакатҳои мусулмониро дар

ваҳдати исломӣ мебинад ва муътақид аст, ки даст ёфтан ба пешрафти ҳар кишвар ва ноил шудан ба зиндагии борифоҳи ҳар хонаводаи мусулмон, алалхусус кишварҳои гирифтори мушкилоти айнӣ, пеш аз ҳама мамлакатҳои мусулмоннишини Африқо ва бархе аз давлатҳои Осиё, бидуни ҳамкории густурдаи иқтисодӣ, ҳамбастагии воқеии исломӣ дар партави фармудаи қуръонии «муъмин–бародари муъмин» имконнопазир аст.

Сарвари давлати мо бо зикри ин, ки ҳалли масъалаҳои доғи рӯз метавонад бо суботу устуворӣ ба рушду пешрафти ҳамаҷонибаи ҷомеаи исломӣ мусоидат намояд, бо таассуф иброз медорад, ки татбиқи ҳадафҳои таърихие, ки дар маромномаи Созмони ҳамкории исломӣ эълом шудаанд, суръат ва вусъати дилхоҳ касб накардааст. Ҳанӯз ҳамаи кишварҳои аъзои Созмон ба рушди босуръат ва пешрафтаи ҳамагонӣ, ки омили аслии таъмини зиндагии шоистаи мусулмонон аст, дастёб нашудаанд. Ин дар ҳолатест, ки олами ислом захираҳои азими ҳаётӣ ва стратегӣ, сарватҳои бузурги зеризаминӣ, манобеи зарурӣ ва ҳатто изофии молиявӣ, мавқеияти ниҳоят мусоиди геостратегӣ ва геосиесӣ ва, муҳимтар аз ҳама, неруи азими инсонӣ ва ақлонӣ, усулу арзишҳои воло ва зиндагисози тамаддунӣ ва фарҳангӣ дорад. Аз нигоҳи роҳбари олии сиёсии Тоҷикистон истифодаи ин имкониятҳо ба манфиати кишварҳои

дар ҳоли рушди мусулмон ва ба хотири инкишоф додани илму техника, технологияҳои пешқадам, маориф, нигаҳдории тандурустӣ, таҳкими иқтисодиёт ва аз байн бурдани қашшоқӣ дар олами ислом, ҷавобгӯйи кӯшишҳои роҳбарияти давлатҳои аъзо дар роҳи таъмин намудани некуаҳволии пайравони дини мубини ислом хоҳад буд.

Эмомалӣ Раҳмон мавқеи кишвари моро дар ин замина баён намуда, изҳор доштааст, ки ҳамкорӣ дар ҳошияи Созмони ҳамкории исломӣ бояд ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошад, зеро дар давраи ҷаҳонишавӣ рушди ҳамаҷонибаи минтақаи Созмон, дар маҷмӯъ, ва пешрафти устувори кишварҳои аъзо ,дар алоҳидагӣ, метавонад омили сулҳ ва ободӣ гардад. Ва дар ин замина махсусан тазаккур медиҳад, ки Созмони ҳамкории исломӣ барои таъмини ҳаматарафаи кишварҳои минтақа бо захираҳои даркорӣ, ҳамчунин густариши ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ ҳамаи имкониятҳоро дорад. Барои ин ба мо танҳо муносибати беғаразона ва дӯстона ба ҳамдигар, ҳамчунин густариш ва таъмиқи ҳамкории судманди тарафайн лозим аст.

Ба ҳамин тартиб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз шарикони худ дар ин ташкилоти бузург даъват ба амал меоварад, ки ваҳдати воқеӣ ва ҳамкориҳои

барои ҳама иштирокчиён судмандро ба роҳ монанд. Агар ҳамкориҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ ба ҳамон тарзе, ки Сарвари давлат пешниҳод менамояд, сурат гиранд ва мамлакатҳои қудратманди мусулмонӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба бунёди иншооти бузург ва муосири иқтисодӣ пардозанд, он гоҳ ин сабаб мешавад, ки сатҳи зиндагии мардуми мамлакатҳои мусулмонӣ рӯ ба беҳбудӣ оварад ва ҳамзамон ин мамлакатҳо ба ҳалли мушкилоти зиёди иҷтимоӣ, ки сарчашмаи хушунат, бесуботӣ, тундравӣ ва ҳатто заминаи мусоид барои зуҳуроти ифротӣ ва терроризм мебошанд, кӯмак намуда, омили суботу амният дар минтақа гарданд.

Масалан, 5–7 миллиард доллари америкоӣ, ки ҳар як сармоядори бузурги мамлакати пешрафтаи исломӣ қодир ба пешииҳод кардани ин миқдор маблағ аст, метавонад ба рушди иқтисодии минтақаи томе боис гардад. Фақат бунёд намудани чанд неругоҳи барқи обӣ дар Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бузургтарин ва арзонтарини гидроэнергетикӣ аст, метавонад, ки эҳтиёҷи кишварҳои мусулмонии Осиёи Миёна, Покистон, Афғонистон ва як қисми ҳудуди Эронро ба барқ бароварад. Ғайр аз ин, дар Афғонистон ва, умуман, минтақа зиёда аз 2 миллион гектар заминҳои бикру боир обод гашта, садҳо корхонаҳову муассисаҳо ба

вуҷуд оянд ва садҳо ҳазор одамон бо кор таъмин гарданд.

Ва тарафи дигари масъаларо бояд ба ҳисоб гирифт, ки сармоягузорон низ аз подоши иқдоми хеш дар канор наменонанд ва дар тӯли муддати мадид фоидаи хуб ба даст меоранд. Ин амр барҳақ ҳамгироӣ ва ҳамбастагии исломӣ хоҳад буд. Аз ин рӯ дӯстони моро дар кишварҳои пешрафтаи исломӣ воҷиб аст, ки ба хотири хайр – рифоҳи бародарони худ дар мамлакатҳои дар ҳоли рушди мусулмоннишин – ба маблағгузориҳои барномаҳои ояндадор ва самараноки онҳо иқдом намоянд, то ин ки дасти бародарони ҳамкеш бигиранд ва ҳам фоидаи мустақими иқтисодӣ ба даст оранд.

Мусаллам аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо пешниҳод намудани роҳу тарзи мусоиди маблағгузорӣ ва барои ҷонибҳо судманд, пешрафти Тоҷикистонро дар мадди аввал қарор медиҳад. Зеро ҷумҳурии мо, ки дар роҳи дигаргунсозиҳои азими иқтисодӣ қадам мезанад, бештар аз ҳар даврае ниёз ба маблағгузориҳои бузурги хориҷӣ дорад. Бо ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани муҳити созгори инвеститсионӣ чораҳои ҷиддӣ меандешад. Дар кишвари мо барои амалӣ кардани ин нақшаи бузурги иқтисодӣ ҷараёни фаъоли ислоҳоти институтсионӣ ва сохторӣ идома дорад ва

инфрасохтори иқтисоди бозаргонӣ босуръат ташаккул меёбад. Ҷумҳурии мо аввалин кишварест, ки дар байни 82 давлати рӯ ба инкишоф, барои ноил гаштан ба ҳадафҳои рушди ҳазорсола, бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид самтҳои Стратегияи миллии рушдро барои давраи то соли 2030–ум таҳия ва қабул намудааст.

Дар баробари ҳалли масъалаҳое, ки зикр гардиданд, вазифаи дигар ва муҳимми муштараки давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ мусоидати фаъол дар бунёди низоми боадолатона ва мутавозини ҷаҳонӣ мебошад.

Имрӯз дар дунё масъалаи решакан кардани терроризм мубрамтарин масъалаест, ки дар маркази ҷаҳду талоши давлатҳо ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ қарор дорад.

Дар охири асри XX, пас аз ба охир расидани «ҷанги сард», хавфу хатарҳое падид омаданд, ки метавонанд амнияти байналмилалиро барҳам зананд ва боиси бесуботиву бесарусомонӣ дар мамлакатҳо ва ҳатто минтақаҳои том гарданд. Дар ин замина, алалхусус барои минтақае, ки Тоҷикистон ва як қатор давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ шомили онанд, терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, густариш ёфтани тамоюлҳои ифротгароӣ аз ҷумлаи ин хатарҳо мебошанд.

Мубориза бо ин хатарҳо, ки зери таъсири ҷиҳатҳои хосси ҷаҳонишавӣ доираи фаъолияти гурӯҳҳо ва созмонҳои террористӣ, экстремистӣ ва ҷиноятҳкории муташаккил торафт васеъ мегарданд, кори давлатҳои алоҳида набуда, амрест, ки бояд дар ҳамкориҳои густурдаи давлатҳои ҷаҳон сурат гирад.

Аз ин рӯ мубориза бо ин падидаҳои хавфнок аз ҳамаи давлатҳо андешидани тадбирҳои ҷиддӣ ва ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои муассирро тақозо мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар тадбирҷӯйиҳои муштарак ва фаъолиятҳои амалӣ барои мубориза бурдан бар зидди ҷиноятҳои муташаккилона фаъолона ширкат меварзад. Ҷумҳурии мо ҳамчун мамлакате, ки дар амал бо терроризм ва дигар ҷиноятҳои муташаккилона рӯ ба рӯ омадааст, барои ибтикор ва иқдомҳои оқилонаю амалӣ, дар ҳамаи ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, ки шомили он мебошад, дар мубориза бо ин падидаҳои манфур талош меварзад.

Роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон, бо таҳлили амиқи раванди ин зуҳуроти хавфнок, бар ин ақида аст, ки заминаи мусоиди зуҳур ва густариши терроризм ва дигар аъмоли ифротгароёна ноустувории авзои сиёсию иқтисодӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва сатҳи камбизоатии ҷомеаҳо мебошад.

Боиси таассуф аст, ки баъзе доираҳои сиёсӣ ва сиёсатмадорон падидаи терроризмро танҳо хосси дини ислом медонанд. Чунин ақида нисбат ба мардуми мусулмон ва дини мубини ислом аз рӯйи инсоф нест.

Дини мубини ислом, чун ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ, сарчашмаи афкори баланди башардӯстона ва андешаҳои олӣ аст. Бино бар ин, терроризм ва экстремизмро ба дини ислом пайванд додан комилан ғалат аст. Аслан, ки терроризм ва дигар зуҳуроти ҷиноятқорона ба ягон дину мазҳаб ва қавму нажоду миллат хос нест.

Намояндаҳои гурӯҳҳо ва доираҳои сиёсии радикалии исломӣ фақат бо номашон исломӣ хастанд, вале дар асл исломи анъанавиро пайравӣ намекунанд. Онҳо тартиботи пурҷаҳолати асримиёнагиро, ки на хусусияти дин, балки хусусияти форматсияи иҷтимоии давраи ғуломдорӣ аст, тартиботи аслии исломӣ пиндошта, мехоҳанд ҳамон тартиботро ҷорӣ кунанд. Барои онҳо миллат, нажод, фарҳанги миллӣ ҳарфҳои пучанд. Диёнат барои онҳо пойбандӣ ба ғояест, ки таълимоташ билкул хилофи дини мубини ислом аст, ки дар он на «муъмин – бародари муъмин», балки касе, ки пайрави онҳо нест, душмани онҳост.

Чунин созмону гурӯҳҳо дорои таълимоти ифротӣ ва карахткунандаи зеҳни мусулмонон буда, онҳоро

аз воқеиятҳо ва дастовардҳои ҷаҳони муосир дур нигоҳ доштанӣ мешаванд. Дар воқеъ, *«бо шиорҳо ва даъватҳои худ аз ҳамаи ҳаракатҳои исломии мавҷудаи муътадилрафтор худро «исломитар» намудор сохта, ин созмону гурӯҳҳои ифрогӣ чеҳраи исломро тавре муаррифӣ менамоянд, ки ҳар як ғайримусулмон ва, хусусан, ҳар як ғарбӣ дар симои ислом ба худ ва фарҳанги худ хатареро эҳсос карда, барои мубориза бо он зеҳнан ва ҷисман ҳамеша омода бошад.»*

Вале, бо вуҷуди ин, худи далели мавҷудият ва ба уммати мусулмон нисбат доштани террористон ва созмону ҷунбишҳои зиёди ифротӣ, ки зери ливои ислом бо аъмоли харобиовари худ машғуланд, ба доираҳои муайяни сиесии ҷаҳон баҳона медиҳад, ки ин зуҳуроти нангинро хосси дини муҳаммадӣ ба қалам диҳанд.

Бино бар ин, барои ин ки дини мубини исломро дар оянда низ ҳамчун сарчашмаи фишору зӯроварӣ наҳисобанд, мо – давлатҳои мусулмонӣ – донишу маърифатро ба ҷаҳолату бемаърифатӣ бояд муқобил гузорем ва гуфтугӯйи тамаддунҳоро ба роҳ монем.

То замоне, ки башарият ба чунин ҳамкорӣ ва гуфтугӯйи судманд даст наёбад ва расонидани кумакҳои иқтисодиро ба мамлакатҳои ақибмонда ба хотири рушди мутавозин ба роҳ наандозад,

падидаҳои терроризм ва экстремизм, ҳамчун яке аз проблемахои ҷиддии даврон, боқӣ хоҳанд монд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, чун роҳбари олии мамлакате, ки мубориза бо терроризм ва тамоми мушкилоти ин раванди мураккабро дар таҷрибаи амалӣ медонад, масъулона ва рисолатмандона давлати моро дар ҳар созмону ташкилоти байналмилаливу минтақавӣ, ки мубориза бо терроризм аз ҳадафҳои муҳими онҳо ба шумор меравад, фаъолона намояндагӣ мекунад ва аз минбарҳои баланди ин созмонҳо мавқеи усулии Тоҷикистонро дар мубориза бо терроризм бо афкору назари судманду созанда баён медорад.

Сарвари давлат изҳор медорад, ки Тоҷикистон терроризмро дар ҳамаи шаклҳои зуҳуроташ, инчунин истифодаи усулҳои террористиро ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва рӯпӯш намудани онҳоро бо ғояҳои сиёсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодӣ комилан ва қатъияи маҳкум мекунад. Имрӯз тамоман равшан аст, ки ин раванди барои тамаддуни инсонӣ бегонаро танҳо бо кӯшишҳои муштарак, аз ҷумла дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ, ҷилавгирӣ кардан мумкин аст.

Кӯшишҳои беасосу ғаразноки доираҳои муайяни ҷаҳон доир ба муқобилгузории динҳои ҷаҳонӣ, бахусус даъвоҳои беасосу бардурӯғ нисбат ба дини

моҳиятан инсонпарвари ислом ва кӯшишҳои ғаразноку моҷароҷӯёна дар хусуси бо терроризми байналмилалӣ алоқаманд донистани он, бояд аз байн бардошта шаванд.

Аъмоли зишти террористию экстремистӣ ва ташкилотҳое, ки дар баъзе аз кишварҳои мусулмонӣ қароргоҳ доранд ва фаъолият мекунанд, бо дини мубини ислом умумияте надоранд. Онҳо аз арзишҳои ислом бархӯрдор нестанд ва ин дини покро фақат ҳамчун парчами фаъолияти харобкоронаи худ истифода мебаранд.

Президенти Тоҷикистон таъкидан тазаккур медиҳад, ки табъиди ислом ва мусулмонон аз тамаддуни ҷаҳонӣ ва, гузашта аз ин, бо терроризми байналмилалӣ ва экстремизм омезиш додани онҳо иштибоҳи маҳзи хатарнок аст, ки гоҳо хислати ғаразнок ҳам мегирад.

Зикри ин нукта лозим аст ва бо таассуф бояд гуфт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳол барои муайян кардани хусусиятҳои хосси падидаи манфуре, чун терроризм, ба ақидаи ягона нарасидааст. Ва ин аҳвол боис мегардад, ки баъзе давлатҳое, ки дар худуди худ бо зуҳуроти террористӣ муборизаи қатъӣ мебаранд, айни чунин зуҳуротро дар дигар кишварҳо ҳамчун муборизаи озодихоҳона ва террористонро неруҳои озодихоҳ ва муборизони

роҳи озодӣ ва барқароркунандагону муҳофизони ҳуқуқҳои инсонӣ ба қалам медиҳанд.

Аз ин рӯ роҳбари олии сиёсии Тоҷикистон чунин мешуморад, ки имрӯз тартибу таҳия ва имзои муоҳидаи ягонаи мукаммал зарур мебошад, ки мафҳуми терроризм, пеш аз ҳама, терроризми минтақавиро муайян карда, дар он самтҳои мушаххаси ҳамкории имконпазири байналмилалӣ дар мубориза ба муқобили терроризм муқаррар намуда, муҷозоти давлатҳоеро, ки аз ҳамкорӣ саркашӣ мекунанд ва гурӯҳҳои террористиро дастгирӣ менамоянд, пешбинӣ карда, ба ҳам мувофиқ сохтани қонунҳо ва асноди дигари иловагии меъёриеро имконпазир гардонанд, ки масъалаҳои мубориза ба муқобили терроризмро ба низом медароранд. Ҳамчунин дар қонунҳои миллӣ терроризмро ҳамчун зуҳуроти дорои ҳадафҳои сиёсӣ маънидод кардан зарур аст.

Сарвари давлат муътакид аст, ки дар амал татбиқ намудани ин ва пешниҳоди дигаре, ки дар ҷаласаҳои Созмон аз ҷониби дигар давлатҳои аъзо дар масъалаи мубориза ба муқобили терроризм ба миён гузошта мешаванд, муқаррар намудани шаклу усулҳои самарабахши ҳамкориҳои давлатҳо дар соҳаи ба роҳ андохтани муборизаи муштарак ба муқобили терроризм ва ҷиноятҳои минтақавӣ иқдоми муҳим гардида метавонанд.

Яке аз паҳлуҳои мубориза бо терроризм, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо таъкидан қайд кардааст, ин аст, ки ин мубориза асосан чун вокуниш ба ҷиноятҳои аллакай содиршуда ба амал меояд. Бино бар ин, тадбирҳои муштарак барои пешгирӣ кардани сӯйиқасдҳои ҷинояткорона, барҳам додани робитаҳои гурӯҳҳои ҷинояткори байналхалқӣ мувофиқи матлаб амалӣ намегарданд.

Муборизаи самарабахш ба муқобили ҷиноятҳои муташаккили минтақавӣ, аз ҷумла дар самти пешгирӣ кардани раванди густариши терроризм ва ҷиноятҳои муташаккилона, танҳо дар мавриди ҳамоҳанг сохтани фаъолияти давлатҳои ҷаҳон имконпазир аст.

Дар ин росто тазаккури ин нукта муҳим аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳанӯз муддатҳое пеш аз рух додани ҳодисаҳои фоҷиабори 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, бо диди амиқ ва таҳлили дақиқи ҳодисаҳои дохилии Афғонистон даъват ба амал меовард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ он хатари шадидеро, ки бӯҳрони ҳамсоя кишвар ба амнияти минтақа ва ҷаҳон дар пай дорад, дарк намоянд ва дар якҷоягӣ барои ҳаллу фасли қазияи ин мамлакати ҷангзада тадбирҳои муассир анҷом диҳанд. Чунин даъват аз ҷониби Президенти Тоҷикистон, фақат аз минбари баланди Созмони

Милали Муттаҳид, на камтар аз даҳ маротиба садо додааст. Эмомалӣ Раҳмон аз минбар ҳ ои гуногуни байналмилалӣ, минҷумла Созмони ҳамкории исломӣ, манфиатдории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ташаккули ҷомеаи босуботи Афғонистон, ки нисбат ба ҳамсоягони худ муносибатҳои дӯстона дошта бошад, баён медорад ва изҳор мекунад, ки ҷумҳурии мо кӯшишҳои ҳукумати Афғонистонро дар бобати вусъат додани раванди сулҳ ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Сарвари олии мо аз ҳамаи давлатҳои Созмони ҳамкории исломӣ даъват мекунад, ки кумаки худро ба ин кишвари харобгардида ҳамоно идома диҳанд ва ба дигаргуниҳои мусбате, ки дар Афғонистон рӯй дода буданд, тақвият бахшанд.

Пеш аз ҳама, ба он муваффақ шудан лозим аст, ки изҳор медорад роҳбари олии сиёсии Тоҷикистон, раванди сулҳ дар ин сарзамин хислати бебозгашт гирад ва кӯшишҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба решакан намудани маводи мухаддир вусъат ёбанд, то ин ки Афғонистон дигар ҳеҷ гоҳ ҳамчун яке аз кишварҳои тавлидкунандаи ин маводи марговар номбар карда нашавад.

Президенти Тоҷикистон бар он ақида аст, ки ҳаллу фасли муноқиша дар Афғонистон бо кумаки ҷомеаи ҷаҳонӣ, иштироки фаъолонаи Созмони ҳамкории исломӣ дар ин раванд метавонанд барои

таъмини бехатарӣ ва субот дар минтақа заминаи ҷиддӣ гузоранд.

Роҳбарияти давлатии Тоҷикистон дар фаъолияти амалӣ низ барои таҳкими суботу амнияти Афғонистон ва ба мақрои солиму мутамаддин гузаштани зиндагии мардуми азияткашидаи ин кишвари ба мо дӯст кӯшишҳои зиед ба харҷ медиҳад.

Хулоса, мубориза бо терроризм – зуҳуроти манфии зиддинсонӣ ва зиддитамаддунӣ – бояд дар маркази ҷахду талоши пайгиронаи тамоми давлатҳои ҷаҳон бошад. Вале барои давлатҳои мусулмонӣ, ки зиёдтар аз ҳама кишварҳои дигар зарари ҷониву маънавӣ мебинанд ва доираҳои муайяни сиёсӣ беадолатона дину диёнати онҳоро олуда ба ин зуҳуроти палидона месозанд, мубориза бо терроризм на танҳо талош барои таҳкими суботу амнияти ҷомеаҳои мусулмонӣ, ҳамчунин мубориза баҳри барқарор кардани адолату ҳақиқат, ҳифзи нангу номус ва покизаву мубарро нигоҳ доштани ному симои дини муборакашон мебошад. Зеро, ба қавли Сарвари давлату Пешвои миллат, терроризм ва ифротгарони сиёсӣ душмани ашаддии ислом ва пайравони ин дини бузург мебошанд, аз ин рӯ фаъолияти дастаҷамъии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ ба муқобили таҳдидҳои муосири амниятии глобалӣ ва ба хотири ҳифзи ному симои неки дини мубини ислом бояд ҳарчи бештар ва

ҳарчи зудтар мисолу иқдомҳои мушаххаси амалӣ ба бор оварад.

Ба ҳамин хотир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҷонибдорӣ аз ибтикори маълуми Мамлакати Арабистони Саудӣ оид ба таъсиси Маркази байналмилалии зиддитеррористӣ ва бо итминони ин, ки ҳамоҳангӣ ва фаъолияти дастаҷамъии давлатҳои аъзо дар рӯ ба рӯйи хатарҳо ва таҳдидҳои муосир таҳияи Консепсияи нави ягонаю мукаммал, кӯшиш ва талошҳои муштараки ҳамаи давлатҳоро талаб мекунанд, пешниҳод намуда буд, ки дар доираи Созмони Милали Муттаҳид Стратегияи нави муштараки зиддитеррористӣ таҳия ва қабул карда шавад ва муҳим мешуморад, ки тамоми кишварҳои ҷаҳон дар ин раванд ба таври мустақим ё аз тариқи марказҳо ва ниҳодҳои минтақавии зиддитеррористӣ, ки имрӯз фаъолият доранд, ҳамкории амалиро ба роҳ монанд.

Хулоса, узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории исломӣ ва ширкати фаъоли Сарвари давлат дар ин созмони бонуфузи байналмилалӣ, ки нақш ва саҳми он дар ҳалли масъалаҳои бузурги аҳамияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайваста меафзояд, дорои аҳамияти хосса аст. Ва ҷумҳурии мо бо камоли самимият тарафдори он аст ва аз ҷониби худ пайгирона мекӯшад, ки Созмони

ҳамкории исломӣ такмил ва тақвияти бештар пайдо кунад, фаъолияти ниҳодҳо ва муассисаҳои таркибии худро дар самтҳои афзалиятнок ҳамоҳанг ва пурсамар гардонад, бо кишварҳои аъзо пайвандҳои амиқтар дошта бошад, ба ҳаллу фасли масъалаҳои умда ва мубрами ҷаҳони ислом боз ҳам бештар ва муассиртар машғул шавад, то тавонад, ки посухгӯйи ниёзҳои рӯзафзуни мардумони мусулмон дар тамоми ҷаҳон бошад.

Албатта, ба ин ҳадафи созандаи олӣ бо роҳи ҷидду ҷаҳди якҷоя ва муштарак ва бо ба ҳисоб гирифтани имкониятҳо, ниёзҳо ва манфиатҳои ҳамаи давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ расидан мумкин аст.

(Аз китоби: Сайидзода Зафари Шералӣ. Тоҷикистон дар ҳавзаи ҷаҳони ислом. – Душанбе: Иттилоот ва муошират, 2008. – 66с.)

ДАР ЧОПИ ИН КИТОБ ДИРЕКТОРИ ГЕНЕРАЛИИ
ҶДММ «ТОҶИКМЕБЕЛ» МУҲТАРАМ
ҲОМИДҶОН ИСМАТОВИЧ МУХАКОВ
САҲМИ МОЛИЯВИИ СПОНСОРӢ ДОРАД.

ЗАФАР САЙИДЗОДА

ПАРВИЗ ДАВЛАТЗОДА

АРАФАМОҲ ДАМИНОВА

МАФҲУМҲОИ БУНЁДИИ НАЗАРИЁТИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Сармуҳаррир ва мушовири илмӣ:
Фаридун Саидов

Муҳаррири техникӣ:
Павел Колесниченко

Мусаҳҳеҳ:
Абдуллои Хайрулло

Чоп ва дизайни компютерӣ:
Муборак Умарова

Ба чоп 05.02.2018 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 26,38.
Адади нашр – 500 нусха.

Дар ҶДММ «Контраст» чоп шудааст.
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 28

ISBN 978-99975-56-33-2